ISSN: 2709 - 7382

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

# *МУАРРИХ*

## (маҷаллаи илмӣ - назариявӣ)

## № 4 (44) 2025

Маҷаллаи илмӣ - назариявии «Муаррих» соли 2015 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 331/МҶ - 97 22 феврали соли 2024 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла аз 26 апрели соли 2018 дар рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 21 феврали соли 2022 таҳти рақами 1520 дар Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия номнавис гардидааст.

**САРМУҲАРРИР: МУРОДЗОДА А. А., доктори илмҳои таърих, дотсент**

**МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ: Ҳамза КАМОЛ, доктори илмҳои таърих, профессор**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**АБДУРАШИТОВ Фозил** - доктори илмҳои таърих, профессор
**ДОДХУДОЕВА Лариса** - доктори илмҳои таърих, профессор
**ДУБОВА Надежда** - доктори илмҳои таърих, профессор (Россия)
**ЁҚУБОВ Юсуфшо** - доктори илмҳои таърих, академики АМИТ
**ИБРОҲИМОВ Муродалӣ** - доктори илмҳои таърих, профессор
**ИСКАНДАРОВ Қосимшо** - доктори илмҳои таърих, профессор
**ПИРУМШОЕВ Ҳайдаршо** - узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор
**РАҶАБОВ Аскаралӣ** - доктори илмҳои таърих, профессор
**РИШАР Франсис** - узви хориҷии АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса)
**САИДОВ Абдуқаҳҳор** - доктори илмҳои таърих, профессор
**ФРАНКФОР Анри-Пол** - узви хориҷии АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса)
**ХУДЖАГЕЛДИЕВ Тура** - номзади илмҳои кишоварзӣ
**ЧУБАРЯН Александр** - академики Академияи илмҳои Россия (Россия)
**ШАРИФЗОДА Абдувалӣ** - номзади илмҳои таърих

**© Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2025.**

ISSN: 2709 - 7382

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И
ЭТНОГРАФИИ ИМЕНИ АХМАДА ДОНИША**

# *ИСТОРИК*

**(научно - теоретический журнал)**

**№ 4 (44) 2025**

Научно-теоретический журнал «Историк» основан в 2015 г. и выходит четыре раза в год на таджикском, русском и английском языках. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под № 331/МҶ-97 от 22 февраля 2024 г.

Журнал с 26 апреля 2018 года входит в перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан и с 21 февраля 2022 года под № 1520 входит в перечень ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР: МУРОДЗОДА А. А., доктор исторических наук, доцент**

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР: Хамза КАМОЛ, доктор исторических наук, профессор**

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

**АБДУРАШИТОВ Фозил** - доктор исторических наук, профессор
**ДОДХУДОЕВА Лариса** - доктор исторических наук, профессор
**ДУБОВА Надежда** - доктор исторических наук, профессор (Россия)
**ИБРОХИМОВ Муродали** - доктор исторических наук, профессор
**ИСКАНДАРОВ Косимшо** - доктор исторических наук;
**ПИРУМШО Хайдаршо** - член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор
**РАДЖАБОВ Аскарали** - доктор исторических наук, профессор
**РИШАРД Франсис** - иностранный член НАНТ, доктор исторических наук, профессор (Франция), доктор исторических наук, профессор (Франция)
**САИДОВ Абдукаххор** - доктор исторических наук, профессор
**ФРАНКФОРТ Анри-Поль** - иностранный член НАНТ, доктор исторических наук, профессор (Франция)
**ХУДЖАГЕЛДИЕВ Тура** - кандидат сельскохозяйственных наук
**ЧУБАРЯН Александр** - академик РАН (Россия)
**ШАРИФЗОДА Абдували** - кандидат исторических наук
**ЯКУБОВ Юсуфшо** - доктор исторических наук, академик НАНТ

**© Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, 2025.**

ISSN: 2709 - 7382

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN**
**AHMAD DONISH INSTITUTE OF HISTORY,**
**ARCHAEOLOGY AND ETHNOGRAPHY**

# *HISTORIAN*

## (scientific - theoretical journal)

## № 4 (44) 2025

The scientific and theoretical journal «Historian» was founded in 2015 and is published four times a year in Tajik, Russian and English. The magazine is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 331/MJ-97 dated February 22, 2024.

Since April 26, 2018 is the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission (HAC) under the President of the Republic of Tajikistan and since February 21, 2022 under No. 1520HAC Ministry of Education and science of the Russian Federation.

**CHIEF EDITOR: MURODZODA A. A., doctor of Historical Sciences, Associate Professor**

**EXECUTIVE EDITOR: Hamza Kamol, doctor of Historical Sciences, Professor**

**EDITORIAL BOARD:**

**ABDURASHITOV Fozil** - doctor of Historical Sciences, Professor
**CHUBARYAN Alexander** - academician of the Russian Academy of Sciences (Russia)
**DODHUDOEVA Larisa** - doctor of Historical Sciences, Professor;
**DUBOVA Nadezhda** - doctor of Historical Sciences, Professor (Russia)
**FRANKFORT Henri-Paul** - foreign Member of the NAST,
Doctor of Historical Sciences, Professor (France)
**IBROKHIMOV Murodali** - doctor of Historical Sciences, Professor
**ISKANDAROV Kosimsho** - doctor of Historical Sciences
**KHUDZHAGELDIEV Tura** - candidate of agricultural sciences
**PIRUMSHO Khaidarsho** - corresponding Member of the NAST,
doctor of Historical Sciences, Professor;
**RAJABOV Askarali** - doctor of Historical Sciences, Professor
**RICHARD Francis** - foreign Member of the NAST, Doctor of Historical Sciences, Professor (France)
**SAIDOV Abdukakhhor** - doctor of Historical Sciences, Professor
**SHARIFZODA Abduvali** - candidate of Historical Sciences
**YAKUBOV Yusufsho** - doctor of Historical Sciences, academician of the NAST

**© Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography**
**of the National Academy of Sciences of Tajikistan, 2025.**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ - CONTENTS

### ТАЪРИХИ ВАТАНӢ - ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ - NATIONAL HISTORY

**ХОДЖАЕВА Н. ДЖ.** О зороастрийских сезонных праздниках ........ 5
**ШАРИФЗОДА А. Қ.** Сиккакӯбӣ ва низоми пулии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ........ 12
**САФАРЗОДА Н.** Политико-географические факторы разложения государства Тахиридов в Хорасане ........ 25
**АРИФДЖАНОВА Н. Р.** Национальная идея таджиков: от древних цивилизаций к глобальной водной дипломатии ........ 33
**ОДИНАЗОДА Б.Э.** Узоры и символы в искусстве Средней Азии ........ 46
**НЕЪМАТОВ И.** Нақши иттифоқҳои касаба ва созмони комсомол дар раванди саноатикунонии ҶШС Тоҷикистон (1961-1990) ........ 53
**УБАЙДУЛЛО Н. К., ҚОЗИЗОДА Ш. Қ.** Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар замони Шуравӣ ........ 62
**ХОДЖИБЕКОВ Э., АБДУРАХМОНОВ З. В.** Основные вопросы развития медицины Таджикистана в период 1979-1980 гг. ........ 74
**КУЛЕШОВА А. А.** О хоре Театра оперы и балета им. С. Айни в период независимости ........ 83

### БОСТОНШИНОСӢ - АРХЕОЛОГИЯ – ARCHEOLOGY

**НАВРУЗБЕКОВ М. Н.** Палеоантропологические исследования в Таджикистане (2015-2025 гг.) ........ 92

### ЭТНОЛОГИЯ, АНТРОПОЛОГИЯ ВА МАРДУМШИНОСӢ -- ЭТНОЛОГИЯ, АНТРОПОЛОГИЯ И ЭТНОГРАФИЯ - ETHNOLOGY, ANTHROPOLOGY AND ETHNOGRAPHY

**КОБИЛОВА М. П.** Некоторые нехарактерные явления в исторической одежде таджиков ........ 101

### ТАЪРИХНИГОРӢ ВА МАЪХАЗШИНОСӢ - ИСТОРИОГРАФИЯ И ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ - HISTORIOGRAPHY AND SOURCE STUDY

**НАСРИДДИНОВ Ф. А.** Мундариҷа ва сабки таълифи «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ ........ 109
**МУРОДЗОДА А. А.** Инъикоси ваҳшониятҳои Темур дар осори академик Аҳрор Мухторов ........ 120
**МУҲИДИНОВ С. Р.** Минётурҳои асримиёнаи Эрону Осиёи Марказӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ........ 127
**САФАРОВ К. Х.** Бартольд В. В. – исследователь истории и культуры таджиков ........ 137

### ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА - ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ - HISTORY OF SCIENCE AND TECHNOLOGY

**ИСМАТОВ С. Н., КАРИМЗОДА Д. Ҷ.** Таҳқиқ ва татбиқи қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв аз тарафи олимони тоҷик ........ 143
**МУКИМОВ Р. С.** Баня - хаммом как утилитарно - бытовая постройка средневекового Востока ........ 155

### ЮБИЛЕЙ УЧЕНОГО

**КЕНҶАЕВ М.** Илм аз ҳилм некпай гардад ........ 167

## ТАЪРИХИ ВАТАНӢ - ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ - NATIONAL HISTORY

УДК 94 (560) : 299.1

# О ЗОРОАСТРИЙСКИХ СЕЗОННЫХ ПРАЗДНИКАХ

**ХОДЖАЕВА Н. ДЖ.[1]**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ**

Зороастрийская религия предписывала всем правоверным ежегодно отмечать семь праздников в честь Ахура-Мазды и шесть – Амеша Спента. Согласно зороастрийским преданиям, эти праздники основал пророк Заратуштра [см.:4,68]. Помимо семи календарных праздников зороастрийцы отмечали сезонные праздники – гаханбары (gāhānbārs), которые были древними языческими праздниками и также учреждены Заратуштрой как святые дни его собственной веры [12, 794]. Гаханбары проводились в конце каждого из шести сезонов зороастрийского года. Эти праздники составляли основу религиозного года, и не соблюдение гаханбаров считалось грехом. В «Авесте» (Vr. 1.2) наблюдается интересный факт: и времена года, и праздники называются yāirya ratavō («годовые периоды» от ratu- «периоды») [7,1497-1498] и термин «рад» все еще использовался в этом смысле в раннем среднеперсидском языке, как и термин «гах» в значении «(назначенное) время» [15, 264-266]. Слово «гаханбар» состоит из двух частей: гах – «время» и бар – «плод», то есть это время созревания плодов.

Происхождение гаханбаров объясняется тем, что, согласно зороастрийской доктрине, сотворение мира принадлежит Ахура-Мазде, который создал шесть творений: небо, воду, землю, растения, животных и человека (Bd.1.28) [16]. Эти шесть творений он создал в течение 365 дней, которые делятся на шесть периодов. Зороастрийцы должны отмечать сотворение мира шестью праздниками – гаханбарами, которые посвящены этим шести творениям мира (Bd. 25.1). Тем самым, согласно, зороастрийскому календарю, в течение года древние иранцы отмечали шесть гаханбаров. Традицией отмечать гаханбары древние иранцы выражали благодарность творцу Ахура-Мазде и его творениям за сезонные дары и их благословение (āfarīn). Эта традиция помогала укрепить чувство братства среди людей, призывала напомнить зороастрийцам об их корнях и о том, что они должны творить благие дела. Бируни дает подробное описание происхождения гаханбаров и как их отмечают [2, 223-253].

Гаханбары распределены по всему году, разделяя его на шесть сезонов, которые следуют друг за другом неравномерно. В «Авесте» (Vr. 1.2) [6, 1] и «Стоглав

**[1] Статья написана в рамках проекта «История таджикского народа (III – начало XX века), государственный регистрационный номер 0121TJ1211.**

Бундахишне» («Saddar Bundaheš») [18] указаны названия этих праздников и их эпитеты. Они перечислены следующим образом:

Маидйой-зарэмайа (авест. Maiδiiōi.zarəmaiia) – середина весны, означает букв. «середина позеленения». Согласно «Висппераду» «молочный» (paiiah-). Праздник, проходивший под защитой Шахревара, спустя сорок пять дней после начала года. Он приходился на пятнадцатый день второго месяца, символизируя создание неба.

1. Маидйой-шема (авест. Maiδiiōi. šəma) – летнее солнцестояние, означает букв. «середина лета». Согласно «Висппераду», благоприятный для полевых работ (wāstrō-dātainiia-). Праздник, проходивший под защитой Амахраспанда Хордада, спустя шестьдесят дней после первого праздника. Он приходится на пятнадцатый день четвертого месяца, символизируя создание воды.

2. Паитишахйа (авест. Paitiš.hahiia) – жатва означает букв. «возвращение зерна». Согласно «Висппераду», «хлебный» (hahiia-). Праздник, проходивший под защитой Амахраспанда Спандармада, спустя семьдесят пять дней после предыдущего или тридцатый день шестого месяца, символизируя создание земли. Третий гаханбар совпадал с окончанием лета и началом осени, когда поспевал урожай и происходил его сбор.

3. Айатрима (авест. Aiiāθrima) – праздник возвращения скота с летних пастбищ, означает букв. «возвращение к дому». Согласно «Висппераду», «возвращение (стад) и отпуск самцов (на спаривание с самками)» (fraourva ēštrimavaršni.haršta-). Праздник символизирующий конец лета, проходивший под защитой Амахраспанда Амурдада, спустя тридцать дней после предыдущего. Он приходится на тридцатый день седьмого месяца, символизируя создание растений.

4. Маидйаирйа (авест. Maiδiiāiriia) –зимнее солнцестояние, означает букв. «середина года»). Согласно «Висппераду», «дождливый (сезон)» (sarəδa-).Праздник, проходивший под защитой Амахраспанда Вахмана, спустя восемьдесят дней после предыдущего. Он приходился на двадцатый день десятого месяца, то есть середину зимы, символизируя создание скота, то есть животных.

5. Хамаспатмаэдайа (авест. Hamaspaθmaēδaiia) – конец года, означает букв. «период между двумя годами, за которым следует лето». Согласно «Висппераду», «сотворение пользы» (arətō.karəθna-).Шестой гаханбар совпадал с окончанием зимы и преддверием весны и переходил в праздник фравашей, или поминания душ близких предков [11, 33-34]. Отмечался в конце года, спустя семьдесят пять дней после предыдущего. Он приходился на последний день года, то есть на день весеннего равноденствия, и проводился под защитой самого Ормузда (в сасанидский период праздник длился десять дней и был известен под названием Фравардиган) [7, 160, 838, 1117-1119, 1775-1776; 3, 132-134]. Тем самым, шестой гаханбар совпадал с празднованием Навруза. Этот гаханбар был посвящен сотворению человека и воздаянию почестей ушедшим в загробный мир душам предков; при этом указывалось, что особым уважением и почитанием пользуются наиболее праведные души, творившие при жизни добро, и оказывавшие благодеяния [14, 118].

Что касается времени празднования гаханбаров, то согласно зороастрийской традиции пятый их день, когда проходит собственно сам праздник, приходится на следующие даты зороастрийского календаря:

Маидйой-зарэмайа приходится на день Дэй-бе-Михр месяца Ардбихишта. Это 15 день 2-го месяца года.

Маидйой-шема приходится на день Дэй-бе-Михр месяца Тир. Это 15-й день 4-го месяца года.

Паитишахйа приходится на день Анарам месяца Шахривар. Это 30-й день 6-го месяца года.

Айатрима приходится на день Анарам месяца Мехр. Это 30-й день 7-го месяца года.

Маидйаирйа приходится на день Варахрам месяца Дэй. Это 20-й день 10-го месяца года.

Хамаспатмаэдайа приходится на день Вахиштоиш благой пятерки – дней Гат, то есть на последний день года.

М. Бойс отмечает, что четвертый фестиваль посвящен возвращению животных в приют до наступления зимы. Таким образом, первое, третье и четвертое числа отмечают времена, важные для скотоводов и земледельцев, в то время как второе и пятое отмечают природные явления (солнцестояния), важные для тех, кто считал время главным образом по солнцу. Тот факт, что день зимнего солнцестояния называется «середина года», показывает, что изначально эти праздники относились к календарю, в котором год отсчитывался от летнего солнцестояния [13]. Тем самым, названия гаханбаров свидетельствует о том, что у древних иранцев одинаково преобладали два типа хозяйственной деятельности: земледелие и скотоводство.

В «Бундахишне» объясняется, как подсчитать день наступления очередного гаханбара. Из источника следует, что гаханбары разграничивают год по точкам равноденствий и солнцестояний. Так, «всегда сначала следует считать дни, а потом ночи, потому что сначала уходит день, а потом приходит ночь. И от праздника медйошам, что в день Хвар месяца Тир подвижного (года), до праздника медйорам, что в день Вахрам месяца Дэй подвижного (года), самый короткий день, ночь – увеличивается. От праздника медйорам до праздника медйошам ночь уменьшается, а день увеличивается. ... В праздник хамаспадмайдим, то есть в пять (дополнительных дней) в конце месяца Спандармад, день и ночь опять равны» (Bd. 25.2-3, 6).

Обращаясь к вопросу о времени канонизации гаханбаров, мы не можем не согласиться с точкой зрения М. Бойс, которая полагает, что в то время как шесть гаханбаров, чьи младоавестийские названия указывают на то, что они были праздниками скотоводов и земледельцев, были, вероятно, приняты и заново посвящены вере его (Заратуштры) последователями в период «Младшей Авесты», то есть примерно в 1200-800 гг. до н.э. [11, 105].

В «Стоглав Бундахишне» говорится, что «при наступлении очередного периода времени люди обязаны совершать обряд бескровного жертвоприношения

(мйазд) гаханбару, раздавать еду нищим, возносить молитвы благословения в честь богов, совершать церемонии афринган и благодарить Бога Всевышнего» [18, 57].

Тем самым, для всех гаханбаров обязательны две церемонии: афринган (āfarīn) – благословение, или особый вид богослужения и молитвы, текст которой входил в «Младшую Авесту», и бадж (bāj) – богослужения, связанные с приношениями всеми членами общины пожертвований и даров. Гаханбары проводились в храмах и святилищах огня, у семейного домашнего алтаря. Прежде чем входить в святилище или храм, каждый зороастриец должен был совершить омовение и частичный или полный обряд очищения [4, 69].

Сначала гаханбары отмечали, очевидно, один день, что наблюдалось в парфянский период. Тогда не было для них специального богослужения. Скорее всего, при Сасанидах была разработана расширенная служба, специально предназначенная для их празднования, известная как Vīspo Ratavō или jašt ī Visperad («Служба всем Повелителям») [12,795]. Она посвящается Ормазду, «верховному Повелителю», а под его руководством – всем богам благого творения. Богослужение совершали во время Hāvan Gāh, то есть между восходом солнца и луной в дни гахамбара. Было принято, чтобы все священники той или иной местности собирались вместе для празднования в их главном месте отправления культа, где также присутствовало много мирян [9, 277]. Этот торжественный обряд был особым поводом для принесения в жертву животных, жир которых приносился в жертву огню [8, 101-103].

Ритуалы и церемонии, связанные с празднованием каждого гаханбара длились пять дней. Установление пятидневных гаханбаров, вероятно, относится ко второй сасанидской реформе календаря, которую М. Бойс датирует периодом между 507 и 511 гг. [12, 808]. Первые четыре дня праздника были подготовительными, последний пятый – днем самого гаханбара. В этот день проводились все основные обряды. Зороастрийцы соотносили пять дней гаханбара, то есть «времени Гат» с пятью «Гатами» Заратуштры. Особенно это характерно для последнего гаханбара, который полностью приходит на Благую Пятерку дней «Гат».

В дни гаханбаров запрещалась любая работа. Как при праздновании Навруза и Мехргона, приготовление к гаханбарам начиналось за несколько дней до наступления праздников. Дома убирались и украшались, зороастрийцы надевали свои лучшие одежды, готовили сладости и другие блюда. Согласно традиции, каждый сначала посещал, по крайней мере, часть религиозных служб, произнося свои собственные молитвы, пока они совершались священниками; или, если они не могли этого сделать, то, по крайней мере, принимали участие, разделяя пищу, которую затем благословляли [10, 34-35, 39-40, 232-234].

После совершения религиозной службы каждый зороастриец должен радоваться, потому что быть, как можно более веселым, стало приятной обязанностью. Это объясняется тем, что в зороастрийской доктрине жизнерадостность – это позитивная добродетель, оружие против печали и забот.

Пиршество, дружеское и приятное совместное употребление пищи и напитков, составляет важную часть зороастрийских праздников, особенно гаханбаров. О том, какие кушанья следует готовить на эти праздники, говорится в седьмом наске Пазаг «Большой Авесты», о чем отмечено в «Персидском Риваяте». Так, среди традиционных праздничных блюд на столе обязательно должны стоять смесь из фиников, сенджеда (дикая маслина), миндаля, грецких орехов, сушеных персиков и сухих орешков, поверх которой водружается гранат с веточками вечнозеленого мирта – знака Ахура-Мазды. На стол ставятся также лепешки и другие блюда, регулярно употреблялось вино, и произносились тосты. Кроме того, всегда звучала музыка – либо во время пира, либо после него, либо и то, и другое вместе.

Мясо ставилось на стол, наряду с хлебом и фруктами, которые также освящались во время богослужения. Считалось, что на тех, кто вкушал это мясо, нисходила благодать, так назывались освященные подношения. Всех призывали в качестве религиозного долга внести свой вклад, каким бы незначительным он ни был. Если человек был слишком беден, чтобы иметь что-то, что он мог бы пожертвовать, он все равно должен был присутствовать и разделять со своими собратьями, как богослужение, так и радость. Если гахамбар по соседству проводился в доме врага, он все равно должен был пройти, потому что это время года было самым подходящим для примирения и способствовать развитию братской любви, а также благочестия [17, 290, 325].

Гахамбары отмечали все – и богатые, и бедные. В «Персидском Риваяте» говорится, что Хосров Анушерван пышно отпраздновал день гахамбар Хамаспатмаэдайа, пригласив всех подданных, знатных и незнатных, на свой пир. Но во сне он узнал, что, несмотря на его щедрость, еще большая заслуга досталась бедному человеку, который, не имея возможности присутствовать на царском гахамбаре, продал створку своей деревянной двустворчатой двери, и «отпраздновал гахамбар, как мог», лишая себя всего, ради того, чтобы поклониться Богу [17, 325].

Самым главным из гахамбаров считался праздник Хамаспатмаэдайа, так как он завершал и начинал серию гахамбаров. Этот праздник совпадал с Наврузом. В «Авесте» говорится:

«Добрым, сильным, святым
Фраваши праведных поклоняемся,
Которые в свои дома прилетают
Во время Хамаспатмаэдайа [10-12 марта],
Которые здесь [в этом мире] проводят
Десять ночей,
Осведомляясь [о родственниках]»
(Yt. 13.49).

Почему во время Хамаспатмаэдайа приходят фраваши, и какие в этой связи имеются предписания для праведников, говорится в «Стаглав Бундахишне: «в Хамаспатмаэдайе все фраваши нисходят на эту землю, и все они возвращаются в свои собственные [прежние] обители... Когда празднуется гахамбар, проклятый Ахриман ошеломлен, а души нечестивцев освобождены из ада и снова возвращаются в

свои собственные обители. Души благочестивых радуются и веселятся... души нечестивых пребывают в страхе... подобно человеку, который выходит из императорской тюрьмы и ежечасно боится, как бы его не вернули обратно в его родное место... Поэтому необходимо для мужчин, чтобы [в течение] этих... дней они возжигали благовония и восхваляли души, совершали мах и афринаган и читали Авесту, чтобы эти души пребывали в комфорте, радости и восхищении. И... в течение этих... дней они не должны заниматься ничем другим, кроме выполнения обязанностей и добрых дел, чтобы души могли с радостью вернуться на свои места и произнести благословение» [18, 60].

Подобные предписания описывает и Бируни: «В это время люди приносят еду в наусы мертвецов, а напитки на крыши домов, веря, что духи их умерших... выходят из места их награды или наказания, приходят к приготовленным для них кушаньям, всасывают их силу и впитывают их вкус. Они окуривают свои дома девясилом, чтобы умершие могли насладиться его запахом. Духи благочестивых людей обитают среди их семей, детей и родственников и занимаются их делами, хотя и невидимы для них»[2, 236].

Следует отметить, что ритуалы и обряды, связанные с проведением гахамбаров, были одинаковые для каждого праздника. Традиция празднования гахамбаров насчитывает не одно тысячелетие, сохранившись до наших дней. В настоящее время интерес к изучению зороастризма вновь увеличился, предпринимаются попытки углубленного изучения зороастрийских источников. Изучение зороастрийских праздников, особенно обрядовой практики, связанной с проведением гахамбаров, позволил выявить древний пласт в духовной культуре таджиков и других современных иранских народов. Таким образом, изучение гахамбаров важно для изучения истории, истории религии и истории духовной культуры иранских народов.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Авеста в русских переводах (1861-1996). Сост., общ. ред., прим., справочный раздел И.В. Рака. – СПб.: «Журнал «Нева»», «Летний Сад», 1998. – 480 с.
2. Бируни Абу Рейхан. Избранные сочинения Т. I / Абу Рейхан Бируни. – Ташкент: Изд-во АН УзбССР, 1957. – 485 с.
3. Гюиз Ф. Древняя Персия / Ф. Гюиз. – М.: Вече, 2007. – 336 с.
4. Дорошенко Е.А. Зороастрийцы в Иране. Историко-этнографический очерк / Е.А. Дорошенко. – М.: Наука, 1982. – 135 с.
5. Зороастрийские тексты. Суждения Духа Разума (Дадестан-и меног-и храд). Сотворение Основы (Бундахишн) и другие тексты. Издание подготовлено О. М. Чунаковой. – М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1997. – 352 с.
6. Avesta. См. электронный ресурс: http://titus.uni-frankfurt.de/texte/etsc/iran/airan/ avesta/avest.htm (Дата доступа: 12.03.2024).
7. Bartholomae Chr. Altiranisches Wörterbuch / Chr. Bartholomae. – Strassburg: Verlag Von Karl J. Trübner, 1904. – 2000 sp.
8. Boyce M. Ātaš-zobr and Āb-zobr / M. Boyce // JRAS. – 1966. – P. 101-103.
9. Boyce M. The Pious Foundations of the Zoroastrians / M. Boyce // BSOAS. – 1968. XXX. – P. 270-289.
10. Boyce M. A Persian stronghold of Zoroastrianism / M. Boyce. – Oxford: Clarendon Press, 1977. –

284 p. (Ratabani Katrak lectures, 1975)

11. Boyce M. Zoroastrianism: Its Antiquity and Constant Vigour / M. Boyce. – Costa Mesa: Mazda Publishers, 1992. – 204 p. (Columbia Lectures on Iranian Studies, No.7).

12. Boyce M. Iranian festivals / M. Boyce // The Cambridge History of Iran. Vol. 3 (2): The Seleucid, Parthian and Sasanian Periods. Ed. By E. Yarshater. – Cambridge: Cambridge University Press, 2008. – P. 792-819.

13. Boyce M. Gāhānbār /M. Boyce/Encyclopædia Iranica, online edition. 2012. URL: https://iranicaonline.org/articles/gahanbar (Date of issue 25/10/2024).

14. Duchesne-Guillemin J. La religion l'Iran ancient /J. Duchesne-Guillemin. – Paris: Presses Univ. de France, 1962. – 411 p.

15. MacKenzie D.N. A Zoroastrian Master of Ceremonies / D.N. MacKenzie // W.B. Henning Memorial Volume. Ed. by M. Boyce, I. Gershevitch. – London: Lund Humphries. – P. 264-271.

16. The Bundahis, Bahman-Yasht [Pahlavi], and Shâyast [and: Appendix to the Bundahis: Selections of Zâdspram, brother of dastûr Pârs and Kirmân, A.D. 881. – Oxford, University Press, 1880. – 434 p. Part I. Chapters I-IX (Paraphrase of Bundahis, I-XVII)]. Transl. by E. W. West. – P. 1-151. (SBE, vol. 5).

17. The Persian Rivoyats of Hormazyar and Others. Their version with Introductions and note by E.B.N. Dhabhar. – Bombay: The K.R. Cama Oriental Institute, 1932. – 658 p.

18. Šāyast – nā šāyast («Что можно, а что нельзя»). Предания и обычаи позднего зороастризма. Введение, комментированный перевод с персидского. Библиография. Приложения. Подготовлено к изданию А.И. Колесниковым. – СПб.: Наука, 2021. – 135 с.

## О ЗОРОАСТРИЙСКИХ СЕЗОННЫХ ПРАЗДНИКАХ

Зороастрийская религия предписывала всем правоверным ежегодно отмечать семь праздников в честь Ахура-Мазды и шесть – Амеша Спента. Согласно зороастрийским преданиям, эти праздники основал пророк Заратуштра. Помимо семи календарных праздников зороастрийцы отмечали сезонные праздники – гаханбары (gāhānbārs), которые были древними языческими праздниками и также учреждены Заратуштрой как святые дни его собственной веры.

Автор статьи рассматривает вопросы происхождения Гаханбаров, времени их празднования, а также обычаи и обряды, связанные с этими праздниками. Автор отмечает, что традиция празднования гахамбаров насчитывает не одно тысячелетие, сохранившись до наших дней. Изучение зороастрийских праздников, особенно обрядовой практики, связанной с проведением гахамбаров, позволил выявить древний пласт в духовной культуре таджиков и других современных иранских народов.

**Ключевые слова:** *гаханбары, зороастризм, Авеста, Бундахишн, Заратуштра, традиции, обряды, фраваши.*

## ДАР БОРАИ ҶАШНҲОИ МАВСИМИИ ЗАРДУШТӢ

Дини зардуштӣ ҳамаи пайравони худро мувazзаф мекард, ки ҳафт ҷашни солонаро ба ифтихори Аҳуро Маздо ва шаш ҷашни дигарро ба шарафи Амеша Спанта (Амшоспандон) таҷлил намоянд. Тибқи ривоятҳои зардуштӣ, ин ҷашнҳо аз ҷониби пайғамбар Зардушт таъсис дода шудаанд.

Ба ҷуз аз ҳафт иди тақвимӣ, зардуштиён ҷашнҳои мавсимиро низ таҷлил мекарданд, ки бо номи гоҳанбарҳо машҳуранд. Онҳо аз идҳои қадимаи бутпарастӣ буданд ва аз ҷониби Зардушт ҳамчун рӯзҳои муқаддаси дини ӯ муқаррар гардиданд.

Муаллифи мақола масъалаҳои пайдоиши гоҳанбарҳо, замони баргузории онҳо, инчунин урфу одат ва маросимҳои вобаста ба ин ҷашнҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф ишора мекунад, ки суннати ҷашн гирифтани гоҳанбарҳо беш аз як ҳазора аст, ки то ба имрӯз зинда мондааст. Баррасии ҷашнҳои зартуштӣ, ба вижа амалияи расмии марбут ба баргузории гоҳанбарҳо лояҳои бостониро дар фарҳанги маънавии тоҷикон ва дигар халқҳои муосири эронӣ ошкор кунад.

**Калидвожаҳо:** *гоҳанбарҳо, зардуштия, Авасто, Бундаҳишн, Зардушт, анъанаҳо, маросимҳо, Фраварши.*

**ABOUT THE ZOROASTRIAN SEASONAL FESTIVALS**

The Zoroastrian religion prescribed that all believers celebrate seven festivals annually in honor of Ahura Mazda and six in honor of Amesha Spenta. According to Zoroastrian legends, these holidays were founded by the prophet Zarathustra. In addition to the seven calendar holidays Zoroastrians celebrated seasonal festivals, gahanbars, which were ancient pagan holidays and were also established by Zarathustra as holy days of his own faith.

The author of the article examines the issues of the origin of Gahanbars, the time of their celebration, as well as the customs and rituals associated with these holidays. The author notes that the tradition of celebrating the Gahambars goes back more than one millennium and has survived to the present day. The study of Zoroastrian festivals, especially the ritual practices associated with the celebration of the Gahambars, has made it possible to identify an ancient layer in the spiritual culture of the Tajiks and other modern Iranian peoples.

**Key words:** *Gahanbars, Zoroastrianism, Avesta, Bundahishn, Zarathustra, traditions, rituals, Fravashi.*

**Сведение об авторе: Ходжаева Наргис Джомиевна** – доктор исторических наук, ведущий научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992) 918-64-91-85; E-mail: rangha@mail.ru

**Information about the author: Khojaeva Nargis Jomievna -** Doctor of History, Leading Researcher of the Department of Ancient, Mediaeval and New History of the A.Donis Institute of History, Archaeology and Ethnography, National Academy of Sciences of Tajikistan. Adress: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. Tel.: Тел.: (+992) 918-64-91 85; E-mail: rangha@mail.ru

УДК 94 (560) : 336.74

# СИККАКӮБӢ ВА НИЗОМИ ПУЛИИ ШОҲАНШОҲИИ ҲАХОМАНИШИЁН[1]

**ШАРИФЗОДА А. Қ.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Сикка ҳамчун хориқаи таърихӣ яке аз муҳимтарин ихтирои башарӣ буда, дар гузори таърих аз ибтидои пайдо шуданаш то имрӯз дар ҳаёти инсоният нақши мондагор дорад. Пешрафти иқтисодиёт ва зарурати танзиму такмили тиҷорат, пардохти ҳаққи кор, нигоҳ доштани лашкари кироя ва дар умум мустаҳкам намудани сохти давлатдорӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим зарурати кӯбидани сиккаро ба миён овард. То ихтироъ ва истифодаи сикка муомилоти пулӣ тавассути ашёи гуногун ва филизоти қиматбаҳо амалӣ мегашт. Асоси муомилоти тиҷоратӣ ва ҳақпардозиро шаклҳои гуногуни мол, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ

**[1] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи илм ва техникаи халқи тоҷик аз давраи қадим то замони ҳозира», рақами қайди давлатӣ 0121TJ1273 навишта шудааст.**

ва филизӣ ташкил медод. Ҳаққи иҷрои кор низ бо маҳсулоти гуногуни табиӣ пардохта мешуд. Ғуломон низ бо мол ва маҳсулоти гуногун иваз карда мешуданд.

Соли 1967 дар ҷараёни ковишҳои бостоншиносӣ дар Нушҷонтеппаи Малойири Ҳамадон аз қабатҳои мадании давраи Модҳо зиёда аз 200 нуқрапораи гудохташуда кашф гардид ва онҳоро А.Д. Бивар «пули ибтидоӣ» номидааст [2, 613].

Тибқи Вандидоди Авасто, дар Эрони бостон ба табиб барои табобати шаҳриёр як гардунаи чаҳорасба, барои табобати ҳамсари шаҳриёр - шутури мода, барои табобати хонахудо (кадхудо) - хурдтарин чорво (сутур), барои табобати ҳамсари раиси хона - маркаби мода, барои табобати раиси деҳа - чорвои миёна, барои табобати ҳамсари раиси деҳа - гови мода, барои табобати раиси ноҳия - чорвои калон, барои табобати ҳамсари раиси ноҳия - аспи мода, барои табобати чорвои калон - чорвои миёна ва барои табобати гӯсфанд - хӯроки гӯштӣ ҳамчун музди кор муайян гардида буд [1, 737]. Ин гуна муқаррароти авастоӣ аз мавҷуд набудани сикка ва муомилоти пулии даврони авастоӣ дарак медиҳад.

Дар хусуси инкишофи минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию молӣ бояд зикр кард, ки захира намудани маҳсулот ба муҳлати дароз, пеш аз ҳама маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ ғайриимкон буд. Бинобар ин, филизоти қиматбаҳо аз қабили тилло ва нуқра ҳамчун сарват ҷамъоварӣ мешуданд. Пораҳои онҳо ҳам дар шакли хом ва ҳам дар шакли гудохтаи гуногуншакл дар муомилоти молӣ ва ҳақпардозӣ истифода мегардиданд, ки намунаҳои онҳо дар гӯшаҳои гуногуни олам кашф ва таҳқиқ шудаанд [11, 15-16]. Аммо ин филизпораҳои қиматбаҳо шакли якхела, вазн ва арзиши меъёрӣ надоштанд, ки ин дар навбати худ дар муомилоти молӣ мушкилоти зиёд ба вуҷуд меовард.

Дар ин замина зарурати рӯ овардан ба Лидия пеш меояд. Зеро лидиягиҳо, тибқи навиштаи Ҳеродот, нахустин ихтироъкорони сикка маҳсуб мешаванд [6, 42] ва нақши онҳо дар ташаккул ва рушди сиккакӯбӣ ва низоми пулии Ҳахоманишиён бисёр муҳим аст.

Тақрибан дар чоряки сеюми асри VII пеш аз милод лидиягиҳо ё иониҳо ба кӯбидани сиккаҳои электрум оғоз намуданд. Ҳаштод сол баъд подшоҳ Крез (560-546 п.м.) аввалин касе буд, ки барои сиккакӯбӣ аз тилло ва нуқраи пок истифода кард ва ба ин васила қолаби сиккакӯбии подшоҳиро ба вуҷуд овард [19, 60].

Лидия дар асрҳои VII-VI пеш аз милод яке аз бузургтарин марказҳои тиҷоратии замон дар Осиёи Хурд маҳсуб ёфта, тиҷорат аз муҳимтарин шуғлҳои ҷомеаи он ба ҳисоб мерафт. Аҳолии он барои ворид намудани тилло ва нуқра аз хориҷ эҳтиёҷ надоштанд, зеро аз соҳили дарёи Пактол (Pactolus) тиллои зиёд ҷамъоварӣ карда, онро бо дигар маҳсулоти зарурии худ иваз менамуданд. Аммо чунин мубодилаи молӣ мушкилоти зиёд дошт ва равшан набуд, ки як навъи мол бо моли дигар бо кадом меъёр ва ченак иваз карда шавад.

Аввалин сиккаҳои лидиягӣ вазн ва шакли яксон надошта, аз электрум - омехтаи тилло ва нуқра кӯбида мешуданд [11, 50-53]. Кӯбидани нахустин сиккаҳое, ки вазн, иёр, шакл, тасвир, филиз ва арзиши муайян доштанд, ба охирин шоҳи Лидия - Крез (561-546 пеш аз милод) нисбат дода мешавад. Ин сиккаҳоро дар сарчашмаҳо «сиккаҳои крезӣ» номидаанд [22, 19-21].

Крез бародари ҳамсари охирин шоҳи Мод, Астиаг (падарарӯси Куруши Кабир) ва яке аз сарватмандтарин шахсони замони худ ба шумор мерафт [3, 3]. Ӯ аз тилло ва нуқра сикка кӯбонда, холисии онҳоро то 99 фоиз мерасонд [21, 87]. Ин сиккаҳо меъёри муайян доштанд ва юнониёни қадим онҳоро «статер» меномиданд. Ба қавли муҳаққиқон, вожаи «статер» решаи бобулӣ дошта, аз номи эзадбону Иштар гирифта шудааст ва маънои аслии он «меъёр», яъне сиккаи дорои меъёри муайян мебошад [3, 7].

Крез баъди ислоҳоти пулӣ барои сиккаҳои тилло вазни меъёрии аз 8,6 то 8,19 грамм ва барои сиккаҳои нуқра вазни меъёрии аз 10,75 то 10,92 граммро таъйин намуд.

Машҳуртарин статерҳои крезӣ ҳамон статерҳо мебошанд, ки дар як тарафи онҳо фурӯрафтагӣ (барҷаста нашудан) ва дар тарафи дигарашон тасвири барҷастаи нимтанаи шер ва буққа ҷой дорад. Ташаббускори асосии кӯбидани сиккаҳои лидиёӣ давлат–полис дар симои Крез буд ва сиккаҳои лидиягӣ пеш аз ҳама барои пардохти музди сарбозони лашкари кирояи Лидия, ки Крез онҳоро дар лашкаркашиҳои худ истифода мекард, кӯбида мешуданд. Ҳамчунин сиккаҳои крезӣ на танҳо дар ганҷинаандӯзӣ ва муомилоти пулӣ, балки дар маросимҳои динӣ низ истифода мегардиданд. Чунончи, шоҳ Крез соли 560 пеш аз милод чунин сиккаҳоро ба маъбади Эфсус ҳадя намудааст. Дар маҷмуъ, ӯ низоми пулиеро асос гузошт, ки аз доираи Лидия берун рафт. Мақсади ниҳоии Крез табдил додани сиккаҳои лидиягӣ ба асъори байналмилалӣ буд [22, 21].

Аммо ишғоли Лидия аз ҷониби Куруши Кабир дар соли 546 пеш аз милод (зикри санаи ин рухдод яксон нест) ин ҳадафи Крезро барҳам зад. Дар робита ба ин суоле матраҳ мегардад, ки оё сиккаҳои лидиягӣ ба сиккакӯбии Ҳахоманишиён иртибот доранд ё не. Маълум аст, ки Куруши Кабир пойтахти Лидия - шаҳри Сард, аз ҷумла мехкадаи онро забт намуда, Крезро асир мегирад. То ин вақт Ҳахоманишиён сиккаи худӣ намебароварданд ва аз сиккаҳои лидиягӣ ва дигар сиккаҳои юнонӣ истифода мекарданд ва онҳо аз аҳаммияти сикка дар давлатдорӣ огоҳ буданд. Аммо кӯбидани сикка аз ҷониби Куруш ва писараш Камбуҷия мушаххас нест. Аксари муҳаққиқон бар онанд, ки онҳо ба ишғоли кишварҳои дигар машғул буда, фурсати аз номи худ сикка баровароданро надоштанд.

Куруши Кабир сиккакӯбӣ ва муомилоти пулиро бо сиккаҳои лидиягӣ дар қаламрави давлати худ иҷозат дода, мехкадаи (сиккахонаи) Сардро вайрон накард. Писараш Камбуҷия низ, бо назардошти лашкаркашиҳои пайдарпай ва зарурати фурӯ нишонидани ошӯбу исёнҳо, сикка накӯбида, гардиши сиккаҳои лидиягӣ ва юнониро дар ҳудуди давлати Ҳахоманишиён иҷозат дод [15, 10].

Аксари сиккашиносон бар ин назаранд, ки то оғози сиккакӯбии ҳахоманишӣ ва ҳатто дар давраи ҳукмронии Дориюши Бузург (солҳои 522-486 пеш аз милод) сиккаҳои лидиягӣ дар ҳудуди империяи Ҳахоманишиён дар муомилот қарор доштанд.

Дар бораи он ки аз ҷониби кадом шоҳи ҳахоманишӣ аввалин бор дарик ва сигил кӯбида шудааст, дар илм андешаи ягона вуҷуд надорад. Бархе олимон бар ин назаранд, ки номи ин навъи сиккаи тиллоии ҳахоманишӣ аз номи Дориюши Бузург гирифта шудааст. Онҳо суханони Ҳеродотро асос мегиранд. Тибқи навиштаи Ҳе-

родот, Арианд, ки сатрапи Миср буд, бе иҷозати Дориюши Бузург сиккаи софи нуқра кӯбид ва бо ин сабаб бо амри шоҳаншоҳ ба қатл расид. Ҳеродот дар рафти нақли ин рӯйдод таъкид мекунад, ки «Дориюш мехост ёдгории бузурге барпо созад, ки ҳеҷ подшоҳи пешин барои худ насохта буд» [6, 230]. Зери мафҳуми «ёдгорӣ» дар ин ҷо маҳз кӯбидани сиккаи беғаш дар назар дошта шудааст.

Дар робита ба ин масъала Э. Бабелон чунин менависад: «Ба таври куллӣ бояд эътироф кард, ки Куруш (559-529 п.м.) ва Камбиз (529-522 п.м.) аз вазъ ва ҷойгоҳи сиккаҳои Крез дар Миёнрӯдон (Байнаннаҳрайн) огоҳ буданд. Далелҳои бениҳоят равшан нишон медиҳанд, ки баъзе аз сиккаҳои Крез дар аҳди Куруш дар Байнаннаҳрайн мавриди муомилот қарор доштаанд. Дар ҷараёни ташкили давлати Форс, Куруш сиёсати хирадмандонаеро пеш гирифт, ки аз бархӯрди шадид бо умури дохилӣ парҳез карда, барои ҷалби дудасти кишварҳои фатҳшуда талош менамуд. Ба ҳамон андоза, ки Куруш дар умури динӣ мудоро мекард ва ба эътиқодоти умумии мардум арҷ мегузошт, дар умури иқтисодӣ низ бо эҳтиёт амал мекард. Агар бихоҳем аз илали ин масоил сухан бигӯем, метавон ибтидо аз поён оғоз кард ва пурсид, ки чаро Куруш танҳо ба сиккаи Крез қаноат накард?

Пас чаро Куруш сиккаи дигаре ихтироъ накард ва ба кор нагирифт? Қиёс ба ақли солим ин аст, ки агар Куруш дар ин бора тасмиме дошт, онро амалӣ мекард. Аммо интизор будан барои иваз кардани сикка кори оқилонае набуд. Дориюш, баръакси Куруш, ки ташкили давлати Форсро такмил намуд, худ масъулияти танзими равобити иқтисодиро бар дӯш гирифт, дар ҳоле ки Куруш танҳо иқтисодиёти таъйидкардаи давлати пешинаро мубодила менамуд» [18, 3].

Дар ҳақиқат, Дориюши Бузург дар таърихи ниёкони мо аввалин шуда, дар сикка тасвири шоҳро истифода мекунад ва то ӯ ҳеҷ шоҳи дигар чунин тасвирро дар сикка наоварда буд. Бо вуҷуди ин, гурӯҳи дуюми олимон, бавижа донандаи барҷастаи забонҳои бостон доктор Ҳ. Р. Боғбедӣ бар он аст, ки «номи Дориюш» дар забони форсии бостон вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ин вожаро наметавон муштақ аз номи Дориюш донист. Ба таъкиди ӯ, «дарик» дар форсии бостон «дарӣ» ба маънои «заррин, тиллоӣ» будааст [3, 5].

Ҳахоманишиён ду навъи асосии сикка мекӯбиданд. Яке сиккаи тиллоӣ – дарик ва дигаре сиккаи нуқрагӣ – сигил (сиглос). Дарик бо сабаби иёри баландаш асъори байналмилалӣ буда, ҳатто дар китоби Библия зикр шудааст [7, 206]. Сигилро ба порсии қадима «падука» (пафука) мегуфтанд, ки маънояш гӯсфанд аст. Нархи як гӯсфанд як сигил буд. Сигил дар бозори дохилӣ нақши асосӣ мебозид. Дар сиккаҳои ҳахоманишӣ ном, солу ҷои кӯбиш ва номи шоҳаншоҳ зикр нашудааст, ки ин муайян намудани таърихи дақиқи ҳар як навъи сиккаро душвор мегардонад. Аммо илми бостоншиносӣ барои ҳалли масъалаи санаи оғози сиккакӯбии Ҳахоманишиён мусоидат мекунад.

Соли 1933 дар ҷараёни ҳафриёти толори марказии Оподони Тахти Ҷамшед ду сандуқи сангӣ бо як лавҳаи заррин ва як лавҳаи симин кашф гардид. Олимон муайян намуданд, ки дар онҳо бо фармони Дориюши Бузург ба забонҳои форсии бостон, эломӣ ва бобулӣ катиба ҳак шудааст. Илова бар ин, аз ҳар як сандуқ боз чор сиккаи тиллоии лидиягӣ ва ду сиккаи нуқрагии юнонӣ ба даст омадааст. Аммо дар

ин сандуқҳо ягон сиккаи ҳахоманишӣ (дарик ё сигил) мавҷуд набуд. Маълум аст, ки бинои Ободон соли 516 пеш аз милод бунёд шудааст. Агар Куруши Кабир ё дигар шоҳони Ҳахоманишиён, аз ҷумла Дориюши Бузург, то соли 516 пеш аз милод сикка мекӯбиданд, пас дар сандуқҳо ҳатман сиккаҳои ҳахоманишӣ гузошта мешуданд.

Чунончи, аз Тахти Ҷамшед лавҳае ба забони эломӣ ёфт шудааст, ки ба соли 22-юми ҳукумронии Дориюши Бузург, яъне ба соли 500 пеш аз милод мансуб буда, дар он нақши ду дарик инъикос ёфтааст [16, 60]. Аз ин бармеояд, ки аввалин дарикҳо байни солҳои 516 ва 500 пеш аз милод кӯбида шудаанд. Аксари сиккашиносон бар онанд, ки кӯбидани дарикҳо соли 515 пеш аз милод оғоз ёфтааст. Хулосаи ин матлаб он аст, ки аз эрониён аввалин шуда Дориюши Бузург аз тилло ва нуқра сикка кӯбидааст.

Дарик аз 8,42 то 8, 83 грам ва сигил аз 5,6 то 5,88 грамм вазн дошт. Як дарик баробари 20 сигил арзиш дошт [7, 204]. Тағйирёбии каму беши вазну қурби нисбии дарику сигил истисно набуд.

Э. Бабелон кӯшиш намудааст, то сиккаҳои ҳахоманиширо аз рӯйи тасвири шоҳӣ дар рӯи сиккаҳо тасниф намояд, аммо ин усули ӯро аксари олимон қабул надоранд [24, 187]. Ҳанӯз соли 1876 Ҳед Б. В. (1844-1876) дарики ҳахоманиширо ворисӣ ҳақиқии статери тиллоии Крез номида буд [22, 22]. Ба ақидаи ӯ тақсими бонизоми империя ба сатрапияҳо, ки шумораи ибтидоии онҳо ба бист мерасид ва таъйини ҳаҷми мушаххаси андоз барои ҳар яке аз ин воҳидҳои маъмурӣ, ки ҷамъоварии он бар зиммаи сатрапҳо гузошта шуда, ба хазинаи шоҳӣ ворид мегардид, аз ҷумлаи чорабиниҳои асосие буд, ки Дориюш бо ҳадафи таъмини ҳамгироии маъмурӣ, молиявӣ ва сиёсӣ миёни вилоятҳои мухталифи империя татбиқ кард.

Татбиқи сиёсати андозбандии мушаххас ва пойдор, ҳамчунин ҷорӣ намудани усули муназзами муайянсозии ҳаҷми андоз, дар ниҳоят ба ташкили низоми умумиимпериявии сиккакӯбии давлатӣ оғоз бахшид. Нахустин тарҳи ин икдом аз таҷрибаи сиккаҳои тиллоӣ ва нуқрагии Лидия, ки то давраи Крез дар сатрапияҳои ғарбӣ дар муомилот буданд, илҳом гирифта шудааст. Бар замми ин, ҳамзамон бартариҳои равшану арзишманди пули дорои кафолати давлатӣ тадриҷан барои аҳолии берун аз ҳудуди Осиёи Хурд низ ошкор мегашт. Низоми муоширати босуръат бо истифода аз почтаи шоҳӣ ва пайкбарон имкон медод, ки дар манотиқи дурдаст пардохтҳо бо сиккаҳои тилло ва нуқра аз рӯйи шумора, на аз рӯйи вазн, анҷом пазиранд. Ин амал то он давра дар Шарқи Бостон роиҷ набуд. Аз рӯйи шумора истифода шудани сиккаҳо аз меъёри мустаҳками вазнӣ ва зери назорати қатъии шоҳаншоҳ қарор доштани сиккакӯбӣ гувоҳӣ медиҳад [22, 24].

Б. В. Ҳед сабаби истифода нашудани тасвири шер ва буққаро дар сиккаҳои ҳахоманишӣ ва иваз шудани он бо тасвири симои шоҳаншоҳ дар садоқати Дориюш ба Зардушт медонад [22, 24]. Симои шоҳаншоҳ дар сиккаҳо ба рамзи қудрати иқтисодӣ табдил ёфта буд.

Яке аз масъалаҳои мубрами омӯзиши сиккаҳои ҳахоманишӣ таснифи онҳост. Е. С. Робинсон асосгузори типологияи сиккаҳои ҳахоманишӣ мебошад. Маҳз ӯ нахустин шуда, типологияи илмии сиккаҳои Ҳахоманишиёнро (навъҳои I-IV) ба

вуҷуд оварда, масъалаи оғози сиккакӯбии онҳоро ба таври илмӣ асоснок кардааст. Ӯ таъкид менамояд, ки Ҳахоманишиён анъанаи сиккакӯбии лидиягиро, ки дар замони Крез ба расмият даромада буд, қабул карда, онро ба низоми мутамаркази давлатӣ табдил доданд. Ба гуфтаи Робинсон, сиккаҳои ҳахоманишӣ дар арсаи муомилот ногаҳон бо навъи комилан нави тасвир - сурати камондор зуҳур мекунанд ва маҳз ҳамин навъ хусусияти умумиимпериявӣ пайдо намуда, дар тамоми минтақаҳои таҳти ҳукмронии Ҳахоманишиён роиҷ мегардад.

Робинсон сиккаҳои ҳахоманиширо дар асоси тасвири шоҳаншоҳ ё образи ғоявии Ҳахоманишиён, ки онро рамзи қудрат медонад, ба чор навъи асосии зерин гурӯҳбандӣ мекунад:

1. Камондори нимпайкар бо тоҷ бар сар ва бо ду тир;
2. Камондор дар ҳолати зонузада бо камон ва тирдон;
3. Камондор дар ҳолати давидан ва зону ба пеш бо найза ва камон;
4. Камондор дар ҳолати давидан ва зону ба пеш бо корд ва камон [24, 189].

Маълум нест, ки худи Ҳахоманишиён ин сиккаҳоро чӣ меномиданд. Юнониёни қадим сиккаҳои тиллоии ҳахоманиширо «дарикус статер» ва сиккаҳои нуқрагиро «мидикус сиглус» меномиданд. Инчунин аз мис сикка кӯбидани шоҳони Ҳахоманишӣ ба таври мушаххас маълум нест. А. Қадёнӣ аз мис кӯбидани сиккаҳои Ҳахоманишиёнро зикр мекунад, аммо барои ин андешаи худ далели равшан намеорад. Д. Довудӣ низ сиккаи ҳахоманишии аз ноҳияи Ёвони Хатлон ёфтшударо «дарики мисӣ» номидааст [8, 35-36]. Таҳқиқи ин сикка нишон дод, ки он аз омехтаи тилло, нуқра ва мис кӯбида шуда, дар таркиби он 80,70% нуқра, 17,42% мис ва 1,87% тилло мавҷуд аст [17, 315]. Аз ин рӯ, он сигил - сиккаи нуқрагӣ маҳсуб мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дар бораи таносуби байни дарику сигил ва ҷойгоҳи гардиши онҳо фикрҳои мухталиф мавҷуд аст. Масалан, А. В. Бивар дар натиҷаи таҳқиқи хеле дақиқ нишон медиҳад, ки пеш аз давраи Дориюш сиккакӯбӣ асосан маҳаллӣ ва дар ҳудуди Лидия роиҷ буд. Бо барқарор шудани ҳокимияти Ҳахоманишиён ва зарурати идораи як империяи бузург, ниёз ба як низоми ягонаи сиккакӯбӣ ва молиявӣ ба миён омад. Ҳамин зарурат боиси пайдо шудани дарик ва сигил гардид, ки ба сифати сиккаҳои расмии давлатӣ қабул шуданд. Дарик, ки аз тиллои баландсифат кӯбида мешуд, ба асъори байналмилалӣ табдил ёфт ва дар савдои ҷаҳонӣ нақши муҳим бозид. Сигил бошад, ба муомилоти дохилӣ ва пардохти музд хизмат мекард. Низоми сиккакӯбии шоҳаншоҳӣ яке аз сутунҳои асосии иқтисоди марказонидашудаи империя гардид [2, 499-532].

Дар империяи Ҳахоманишиён якчанд анъанаҳои вазнӣ мавҷуд буданд, вале Дориюши Бузург онҳоро муттаҳид кард. Вазни асосӣ, ки асосан ба шикили бобилӣ такя дошт, дар тамоми империя роиҷ гардид. Вазнҳои расмӣ бо нишонаҳои шоҳӣ муҳр мегардиданд, ки ин ба онҳо эътибори қонунӣ медод. Ҳамоҳангии вазнҳо имкони ҳисобу китоб, андозситонӣ ва савдоро осон мекард ва низомро устувор нигоҳ медошт.

Ҳамоҳангсозии сиккакӯбӣ, низоми вазнҳо ва ченакҳо на танҳо пояҳои сохтори молиявии империяро устувор намуд, балки шароите фароҳам сохт, ки давлат таво-

нист низоми андозгирӣ, шабакаи савдо ва муомилоти дохилиро бо сатҳи баланди дақиқӣ, танзимпазирӣ ва самаранокӣ амалӣ созад. Ин низом яке аз намунаҳои барҷастаи ташаккули маъмурияти марказонидаи давлатӣ дар ҷаҳони бостон ба шумор меравад ва аз комёбиҳои муҳимми созмони сиёсӣ-иқтисодии Ҳахоманишиён шаҳодат медиҳад [2, 499-532].

Дар давлати Ҳахоманишиён низоми сиккакӯбӣ дорои чаҳор навъи асосӣ буд: шоҳона, сатрапӣ, музофотӣ бо тасвири шоҳаншоҳ ва маҳаллии шаҳрҳо ва кишварҳои тобеи империя дар ҳавзаи баҳри Миёназамин [6, 204].

Сиккакӯбии Ҳахоманишиён дар замони Дориюши Бузург, махсусан дар асри V пеш аз милод, ба дараҷаи баланди рушд расид. Бо вуҷуди ин, мубодилаи молӣ дар қаламрави империя нақши пешбарандаи худро аз даст надода, ҳамоно шакли асосии доду гирифт боқӣ монд. Дар ҳамин замина таҳлили матнҳои лавҳаҳои гилии аз Тахти Ҷамшед ёфтшуда аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ошуршинос ва эламшиноси машҳури амрикоӣ Р. Т. Ҳоллок бо тарҷума ва таҳлили матнҳои мазкур нақши се навъи асосии табодули иқтисодиро дар низоми Ҳахоманишиён равшан намудааст [22, 1969]. Мавсуф таҳқиқоти худро мустақиман бар сарчашмаҳои аввалия - матнҳои эламии дижи Тахти Ҷамшед - асос гузошта, бо хондан, нашр ва таҳлили муфассали онҳо низоми анбордорӣ, ченакҳои ҳаҷмӣ (ка, бар, артиба), шаклҳои қабул ва тақсими маҳсулот ва механизмҳои мубодилаи ҳисобиро дар давраи Ҳахоманишиён бозсозӣ намудааст. Корҳои ӯ хусусияти филологӣ-манбаъшиносӣ дошта, барои таҳқиқоти минбаъда ҳамчун пояи асосӣ хизмат мекунанд.

Аз таҳлил ва баррасии матнҳои аз дижи Тахти Ҷамшед ёфтшуда бармеояд**,** ки дар низоми иқтисодии давраи Ҳахоманишиён се навъи асосии мубодила мавҷуд буд: мубодилаи маъмурӣ (дунёвӣ), мубодилаи маросимӣ-динӣ ва мубодилаи махсуси ҳисобӣ, ки дар сарчашмаҳо бо истилоҳи эламии ***шаумарраш*** (šaumarraš) ифода ёфтааст. Дар доираи ин мубодилаҳо ивазкунии молҳо ва маҳсулоти моеъ, аз ҷумла шароб ва равған, бар пояи ченакҳои расмии ҳаҷмӣ - ***ка***, ***бар*** ва ***артиба*** амалӣ мегардид. Як ***ка*** тақрибан ба 1 литри муосир баробар буда, як ***бар*** 10 ***ка*** ва як ***артиба*** 30 ***ка***-ро ташкил медод.

Масалан, муҳаққиқи эронӣ Ф. Мирӣ бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти олими итолиёвӣ Ҷ. Ҷовинассо (G. Giovinazzo) қайд мекунад, ки аз ҷониби анбордорони шоҳӣ «як духтари бардаи дараҷаи якум» бо 1820 литр шароб (мутобиқсозии муосири ченак) иваз карда шуда буд [13, 146].

Ҷуғрофияи гардиши дарик ва сигилҳо яке аз мавзуъҳои баҳсбарангези мақолаи мазкур мебошад. То имрӯз дарикҳои ҳахоманишӣ бештар аз бахшҳои ғарбии қаламрави Ҳахоманишиҳо ва ҳатто берун аз ҳудуди он нисбат ба бахшҳои марказӣ ва шарқии он ёфт шудаанд. Ин нукта аз иттилои сарчашмаҳои хаттӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ тасдиқи худро меёбад.

The architectural décor of IX - X centuries popular with two main directions. One thing can be called (общехалифатским) another comes from local traditions. The first was like a clot of architectural ideas, means, methods, motifs and forms of décor, manifested in the largest centers of the caliphate-Damascus, Samara (near Baghdad) Fustate (Cairo) and the castles and palaces located in the Syrian desert. The architecture of the times of the Samanids in Samarkand and Bukhara, Mamunids in Chorasmus adjoined to another direction.

**Key words:** *creative art, Middle Asia, architectural decoration, traditions, art.*

**Сведения об авторе: Одиназода Бахтиёр Эмомали** - кандидат исторических наук, профессор кафедры истории искусств, проректор по науки и творческим вопросам Таджикского государственного института и искусств и дизайна. Тел: (+992) 904-44-31-80. E-mail: odinaevbahtiyor64@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф: Одиназода Бахтиёр Эмомалӣ -** номзади илмҳои таърих, ноиби ректор оид ба илм ва эҷодиёти Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон. Тел: (+992) 904 - 44-31-80.E-mail:odinaevbahtiyor64@mail.ru

**Сведения об авторах: Одиназода Бахтиёр Эмомали** - кандидат исторических наук, проректор по науке и творчеству Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана.Тел:(+992) 904-44-31-80. E-mail: odinaevbahtiyor64@mail.ru

УДК 94 (575.3):331.105.44

# НАҚШИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ВА СОЗМОНИ КОМСОМОЛ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1961-1990)[1]

**НЕЪМАТОВ И.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Солҳои 1961 - 1990 дар таърихи халқи тоҷик бо он тавсиф мегардад, ки дар ин давра дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодию фарҳангии ҷомеаи Шуравӣ дар болоравии сатҳи некӯаҳволии мардум муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Дар ин раванд ташкилоти ҳизбӣ, шуроҳо, Иттифоқҳои касаба, комсомол ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ нақши басо ҳам муҳимми худро доштанд. Онҳо дар роҳи таъмин ва муътадил гардонидани ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ низ саҳми хеле ҳам боризи худро гузоштанд.

Дар солҳои 60-уми асри гузашта Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ҳамчун

**[1] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1200 таълиф гардид.**

неруи пешбар дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятии ҷумҳурӣ фаъолият мекард. Дар ин давра таъсири ҳизб ба ҷомеа хеле ҳам афзун гардид. Қобили зикр аст, ки дар он айём тамоми низоми иқтисодӣ, саноатӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоии ҷумҳурӣ бо фаъолияти Ҳизби коммунистӣ зич алоқаманд буд [1, 239].

Дар ин марҳала, созмонҳои ҷамъиятии оммавӣ, бахусус Иттифоқҳои касаба ва Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон (ЛКСМ) дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ нақши басо созанда доштанд. Ин ду ниҳоди таъсиргузор ҳамчун воситаи сафарбаркунанда ва амалисозандаи сиёсати идеологӣ амал карда, ба рушди шуури оммавӣ, ташкили меҳнат, тарбияи ҷавонон ва ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон ҳамаҷониба мусоидат менамуданд [2, 102; 7, 96].

Бояд қайд намуд, ки Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ нақши муайян доштанд. Ташкилоти тобеи ин ҷамъияти оммавӣ дар ҷиҳати рушди иқтисод, фарҳанг, беҳсозии рӯзгор ва тарбияи заҳматкашони ҷумҳурӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Мавриди зикр аст, ки Иттифоқҳои касаба дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи сиёсати маъмул дар саросари кишвари Шуроҳо фаъолият мекарданд ва таҳти роҳбарии Шурои марказии Умумииттифоқии иттифоқҳои касаба (ВЦСПС) қарор доштанд. Дар фаъолияти кумитаҳои Иттифоқҳои касаба оид ба такмили сохтор, шакл ва усулҳои кор тадбирҳои мушаххас амалӣ мегардиданд. Шумораи аъзои Иттифоқҳои касаба ҳамасола меафзуд. Агар дар ҷумҳурӣ соли 1960 аъзои он зиёда аз 300 ҳазор нафарро ташкил медод, пас соли 1985 рақами мазкур қариб ду баробар афзуд. Ба сафи Иттифоқҳои касаба ҳамчунин кишоварзони колхозу совхозҳо низ шомил мешуданд [2,105].

Дар миёнаи солҳои 80-ум Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 21 шурои ҷумҳуриявӣ, 4 шурои вилоятӣ ва 240 кумитаи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ иборат буданд. Агар соли 1962 шумораи ташкилотҳои ибтидоӣ 3226 - ро ташкил мекарда бошад, пас то соли 1982 шумораи сохтори он ба 8366 ташкилоти ибтидоӣ, 4367 ташкилоти сехӣ ва 20136 гурӯҳи иттифоқҳои касаба расид. Бар замми ин бо рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъсиси совхозҳои нав шабакаи ташкилотҳои Иттифоқҳои касаба дар деҳот низ густариш мeёфт. Сиёсат ва фаъолияти Иттифоқҳои касабаро Ҳизби коммунистӣ роҳбарӣ ва ҳидоят менамуд.

Чун анъана, вазифаҳои Иттифоқҳои касаба аз қарорҳои анҷуманҳои ҲКИШ, қарорҳои пленуми декабрии КМ ҲКИШ «Дар бораи фаъолияти Иттифоқҳои касабаи ИҶШС» (1957) ва ҳуҷҷатҳои Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон муайян карда мешуданд. Онҳо дар қарорҳои анҷуманҳо, пленумҳо ва маҷлисҳои фаъолони Шурои Марказии Умумииттифоқии иттифоқҳои касаба (ШМУИК – ВЦСПС) ва Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон мушаххас мегардиданд [1, 244].

Самтҳои асосии фаъолияти Иттифоқҳои касаба аз иштироки фаъолона дар рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва мусобиқаи сотсиалистӣ; беҳтар намудани шароити фарҳангӣ - маишӣ ва манзилии аҳли заҳмат; такмили шакл ва усулҳои кори тарбиявии омма иборат буд. Баъд аз пленуми апрелии КМ ҲКИШ соли 1985, раванди бозсозӣ дар фаъолияти Иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ ҳам оғоз ёфт. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи

ҷумҳурӣ аз ҳайати ШМУИК (ВЦСПС) хориҷ шуданд [1, 244].

Иттифоқҳои касаба шаклҳо ва усулҳои самарабахши ҷалби коргаронро ба идоракунии истеҳсолот ҷустуҷӯ мекарданд. Бо ин мақсад машваратҳои доимамалкунандаи истеҳсолӣ (МДИ), комиссияҳои гуногуни комитетҳои Иттифоқҳои касаба, маҷлисҳои коргарӣ, Ҷамъияти ихтироъкорон ва навоварони ратсионализаторӣ (ВОИР), шуроҳо ва ҷамъиятҳои илмӣ - техникӣ хизмат мекарданд. Дар охири солҳои 1980 танҳо дар 1200 МДИ 54 ҳазор нафар муттаҳид шуда буданд, ки аксари онҳоро коргарон ташкил медоданд [3, 140].

Дар ҷараёни фаъолияти худ Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон шаклҳои мувофиқи ҳамкориро бо комитетҳои ҳизбӣ, комсомол ва дигар созмонҳои ҷамъиятии оммавӣ барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти хоҷагии халқ дошта роҳандозӣ карда буданд. Масалан, ҳанӯз моҳи декабри соли 1971 Раёсати Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ва Раёсати Кумитаи марказии ИЛКҶТ (Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон) «Низомномаи намунавӣ дар бораи устоди (мураббии) коргари ҷавон»-ро тасдиқ карданд, ки дар он таъкид мешуд: «Устодӣ чунин усули тарбия мебошад, ки беҳтарин намояндагони коллективи меҳнатӣ ба ҷавонон усулҳои меҳнатӣ, сиёсӣ ва ахлоқии синфи коргарро меомӯзонанд». Ба туфайли фаъолияти пурсамари устодони содиқ ҳазорҳо нафар коргарҷавонон ба сатҳи мутахассисони баландихтисос расиданд. Дар ҷумҳурӣ беш аз 40 ҳазор нафар устодон бомуваффақият фаъолият мекарданд [4].

Ташкилотҳои Иттифоқҳои касаба ба ҷавононе, ки тоза ба истеҳсолот омада буданд, кумаки амалӣ мерасониданд. Шаклҳои муҳимми тарғиби таҷрибаи пешқадам дар омӯзиши навкорон «Рӯзи усто», «Рӯзи коргарҷавонон», «Рӯзи муҳандисон ва техникҳо» ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар корхонаҳои симтоббарории (арматурбарории) ба номи Сергей Орҷоникидзе, Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷиктекстилмаш» ба номи Ф. Э. Дзержинский дар шаҳри Душанбе, заводи трансформаторбарории шаҳри Қӯрғонтеппа барои устоҳо ва сардорони сехҳо «Рӯзи усто» ва барои навкорон «Рӯзи коргари ҷавон» ба таври мунтазам гузаронида мешуданд.

Созмонҳои ибтидоии иттифоқи касаба ва комсомол бо дастгирии маъмурияти корхонаҳо нақшаҳои дурнамои омӯзиши техникию умумитаълимии коргарони ҷавонро тартиб дода, мусобиқаҳоро барои унвони «Беҳтарин дар касб» баргузор менамуданд.

Фаъолияти комиссияҳои муштараки комитетҳои Иттифоқҳои касаба ва созмонҳои комсомол оид ба кор бо кӯдакон ва наврасон низ самарабахш буданд. Онҳо озмунҳои беҳтарин ташкили кор бо ҷавононро дар маҳалли зист мегузарониданд.

Кумитаҳои Иттифоқҳои касаба дар соҳаи истеҳсолот чунин фаъолиятҳои ташкилии худро дар ҷиҳати ташкили мусобиқаҳо, баргузории озмунҳо барои сарфакорӣ ва ҳифзи молу ашё, мубориза бо нуқсонҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва интизоми меҳнат амалӣ мекарданд. Ба чунин шаклҳои мусобиқаҳо барои гирифтани унвони «Зарбдори меҳнати коммунистӣ », «Бригадаи меҳнати коммунистӣ» ва «Коллективи пешқадами коммунистии меҳнатӣ» аҳаммияти зиёд дода мешуд.

Агар дар соли 1963 барои гирифтани унвонҳои зикршуда 175 бригада саъю талош мекард [5], пас дар соли 1982 дар ин ҳаракат 462 ҳазор нафар фаъолона иштирок доштанд, ки аз онҳо 156 ҳазор нафарашон зарбдори меҳнати коммунистӣ буданд [6]. Дар ин солҳо Иттифоқҳои касаба чунин ташаббусҳои арзишманд, аз қабили ҳаракати бисёрдастгоҳдорӣ, гузаштан ба бригадаҳои қафомонда, «Шараф ва иззат – бо меҳнат!», «Мусобиқа бо бахшҳои ҳамсоя», «Эстафетаи коргарӣ», «Эстафетаи деҳқонӣ», «Меҳнат бе қафомондаҳо!»-ро дастгирӣ мекарданд.

Танҳо бо мусобиқаи ташаббуси «Эстафетаи коргарӣ»-ро дар Тоҷикистон 618 бригада, 479 участка, 168 коргоҳ ва 120 корхона фаро гирифта шуда буданд [8].

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сифати маҳсулот дар корхонаҳо «Рӯзи сифат» баргузор карда мешуд ва аз моҳи январи соли 1987 Иттифоқҳои касаба ҷорӣ шудани қабули давлатии маҳсулотро дар як қатор коллективҳои меҳнатӣ дастгирӣ карданд. Мутаассифона, дар ин ҷода камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд. Ташкилотҳои Иттифоқҳои касаба аксаран фаъолияти мушаххасро бо паҳн намудани ташаббусҳо ва ибтикороти ғайривоқеӣ иваз мекарданд. Зеро баъзан шиору овоза зиёд, аммо корҳои амалӣ кам буданд.

Иттифоқҳои касаба ба масъалаи таҳкими дастгирии маънавӣ ва ҳавасмандсозии кормандон дар истеҳсолот аҳаммияти ҷиддӣ медоданд. Дар ин робита, пешниҳодномаҳои онҳо оид ба додани унвонҳои фахрӣ, мукофотонидани нишону медалҳо шаҳодат медиҳад. Дар корхонаҳои калон кумитаҳои Иттифоқҳои касаба «Пешқадамони истеҳсолот» ва «Гӯшаи навоварон»-ро ташкил менамуданд. Баробари дастгирии маънавӣ, шакл ва усулҳои мухталифи ҳавасмандкунии моддӣ аз қабили пардохти мукофотпулӣ, ҳаққи қалам барои пешниҳоди таклифҳои навоварона, додани ҳуқуқи авлавият ва имтиёз барои гирифтани манзил, роҳхат ба хонаҳои истироҳатӣ, фиристодани навоварони истеҳсолот ба таҳсил дар донишгоҳу техникумҳо бо кафолати пардохти стипендия аз ҳисоби фонди корхона ва ғайраҳои дигар истифода мешуданд.

Иттифоқҳои касаба ба беҳтар намудани шароити иҷтимоию маишии аҳли заҳмат ба ҳавасмандсозии маънавӣ ва ташвиқи кормандони пешқадами истеҳсолот таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Дар ин замина, пешниҳодҳои онҳо ҷиҳати сазовор донистан ба дарёфти унвонҳои фахрӣ, супоридани нишону медалҳо далели равшани фаъолияти тарғиботии Иттифоқҳои касаба ба ҳисоб мерафт. Дар корхонаҳои бузург кумитаҳои Иттифоқҳои касаба гӯшаҳои махсуси «Пешсафони истеҳсолот» ва «Пайроҳаи навоварон»-ро ташкил менамуданд.

Иттифоқҳои касаба ба беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва маишии заҳматкашон аҳаммияти махсуси худро медоданд. Манзилҳои дорои шароити муносиб, хобгоҳҳои коргарӣ сохта мешуданд ва бо дастгирии давлат, колхозҳо ва совхозҳо барои кишоварзон манзилҳои истиқоматии шахсӣ бунёд карда мешуданд. Ҳамасола ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ афзоиш меёфт. Масалан, агар соли 1978 ин нишондиҳанда дар ҷумҳурӣ муайян шуда бошад, то соли 1985 ба 219,9 ҳазор сӯм расида, чор маротиба зиёд гардид [1, 246].

Гузаронидани осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ ба ихтиёри Иттифоқҳои касаба баҳри боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонии санаторию табобатии

кормандон ҳамаҷониба мусоидат намуд. Курортҳое чун Хоҷа Оби-Гарм, Шоҳамбарӣ, Оби-Гарм ва Зумрад ба муассисаҳои табобатии умумииттифоқӣ табдил ёфтанд. Бо вуҷуди ин, як қатор сарчашмаҳои обҳои шифобахш ҳанӯз ҳам ба таври самаранок истифода намешуданд [1, 246].

Дар солҳои 80-уми асри гузашта як идда тадбирҳои муфид ҷиҳати ташкили профилакторияҳо, поликлиникаҳо, диспансерҳо ва нуқтаҳои тиббӣ дар ҳудуди корхонаҳо ва хобгоҳҳои коргарон амалӣ мешуд, ки ин ба сарфаи вақти коргарон ва беҳтар шудани саломатии онҳо ҳамаҷониба мусоидат мекард.

Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон, бо доштани шабакаи васеи муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ, аз шаклу усулҳои мухталифи кор барои ташкилу истироҳати фароғати заҳматкашон истифода мебурданд. Зиёда аз 50 ҳазор нафар фаъолони Иттифоқҳои касаба дар қасрҳои фарҳангӣ, клубу китобхона ва қироатхонаҳо фаъолияти ҳунарии худфаъолиятӣ, маҳфилҳои эҷодӣ, донишгоҳҳои халқӣ, маҷаллаи шифоҳии «Ҳама чизро донистан мехоҳам!», шабнишиниҳо, баҳсу мунозираҳо ва мулоқот бо шахсиятҳои маъруфи ҷумҳуриро ташкил менамуданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо ҳаёти ҷамъиятӣ - сиёсии мардумро ғанӣ гардонида, самараҳои иқтисодӣ ва маънавӣ ба бор меовард.

Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти Иттифоқҳои касаба дар солҳои 60-80-уми асри гузашта камбудиву хатоҳо низ ҷой доштанд: низоми маъмурӣ – фармондеҳии маъмулбуда дар кишвар ва назорати ҳизбӣ аз болои созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташаббуси эҷодии кумитаҳои Иттифоқҳои касабаро маҳдуд сохта, самаранокии фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ташкилотҳои оммавиро коҳиш медод [1, 246].

Дар солҳои 1961-1990 Кумитаи марказии ИЛКҶТ (Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон) ҳамчун бахши ҷумҳуриявии Комсомоли умумииттифоқӣ на танҳо ниҳоди сиёсӣ, балки мактаби омодагии кадрии сиёсӣ, илмӣ ва ташкилотчигии ҷавонон ба шумор мерафт [7, 67].

Дар солҳои шастуми асри XX комсомоли Тоҷикистон ташаббускори як қатор иқдомоти муҳим гардид. Аз он ҷумла, азхудкунии қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл, ки аз солҳои 60-ум ба яке аз марказҳои асосии истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ табдил ёфт, сохтмони обанбори Каттасой дар ҳудуди вилояти Суғд, ки барои таъмини обёрии заминҳои навкорам аз аҳаммияти калон бархурдор буд, бунёди навбати сеюми Комбинати нассоҷии Душанбе, яке аз бузургтарин корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ, ки дар рушди истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ нақши муҳим дошт, бунёди Неругоҳи барқи обии «Норак», ки дар ибтидои солҳои 70-ум мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, бузургтарин иншооти энергетикии Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» дар ҳавзаи дарёи Вахш, ки барои танзими энергетикаи ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дошт, инчунин як силсилаи дигари корхонаҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ, ки барои таҳкими пояҳои иқтисодии Тоҷикистон ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолии он нақши назаррас доранд, сохтмонҳои зарбдори комсомолӣ эълон шуда буданд [12,146].

Дар охири солҳои 80-уми асри XX теъдоди умумии аҳолии Ҷумҳури Тоҷикистон зиёда аз 5 миллион нафарро ташкил медод, ки аз онҳо тақрибан 70 фоизашро ҷавонони то 30-сола ташкил менамуданд. Ин омил ё худ фактори демографӣ то андозае нақш ва мавқеи комсомолро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ ва фаъолияти он бо насли наврас муайян мекард [1, 246].

Мусаллам аст, ки комсомол танҳо дар ҳолате метавонист вазифа ва рисолати худро бомуваффақият иҷро намояд, ки фаъолияти ҳамаҷониба, интихоби дуруст, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳоро ба роҳ монда бошад. Дар ин самт таҷрибаи пурғановати амалӣ андӯхта шуда буд. Бо кӯмак ва дастгирии ташкилотҳои ҳизбӣ мақомоти комсомолӣ дар choряки охири замони Шуравӣ пайваста ба интихоби кадрҳо, ҷобаҷогузорӣ ва омӯзиши онҳо машғул буданд. Дар натиҷа, созмонҳои комсомолӣ аз ҷиҳати миқдор ва сифат рушд мекарданд. Масалан, агар соли 1959 дар ҷумҳурӣ 3095 созмонҳои ибтидоии комсомолӣ бошад, пас соли 1987 шумораи онҳо ба 7297 расид. Дар аввали солҳои 90-ум зиёда аз нисфи шумораи умумии котибони ташкилотҳои ибтидоии комсомолӣ дорои таҳсилоти олӣ ё миёнаи махсус буданд ва аксарияти онҳо таҳсили худро дар мактабҳо, омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳҳо идома медоданд. Дар маҷмуъ 97,3 фоизи котибони комитетҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии комсомол таҳсилоти олӣ доштанд.

Комсомоли Тоҷикистон ба масъалаи омода ва тарбия намудани роҳбарони ҷавони комсомол аз ҳисоби духтарони ҷавон низ таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Агар соли 1959 дар 26 комитетҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии комсомол миёни котибон духтарони тоҷик ва ӯзбек вуҷуд надошта бошанд, [9] пас соли 1966 дар ҷумҳурӣ 9 нафар духтарони миллатҳои таҳҷоӣ дар вазифаи котибони аввали комитетҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ кору фаъолият мекарданд [10] ва 16 нафари дигар бошанд, котибони дуюм буданд. Дар соли 1982 бошад, 35,8 фоизи котибони комитетҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии ЛКСМ ҷумҳуриро занон ташкил медоданд [11, 35]. Шумораи котибони ташкилотҳои ибтидоии комсомолӣ аз ҳисоби духтарони ҷавон низ афзоиш ёфт. Масалан, соли 1985 онҳо 48,7 фоизро ташкил медоданд.

Комсомоли Тоҷикистон дар солҳои 60-80-уми асри XX шаклҳо ва усулҳои муассири тарбияро дар байни ҷавонон ва духтарон пайдо карда буд. Бо ин мақсад, шаклҳо ва воситаҳои мухталифи тарбия ва таъсири идеологӣ аз қабили ташкил ва гузаронидани тарғиботу ташвиқот, омӯзиши сиёсӣ ва техникии ҷавонон, пешбурди корҳои фарҳангӣ - маърифатӣ ва ғайраҳои дигар истифода мешуд. Самти асосии кори тарбиявӣ дар байни ҷавонон мубориза ҷиҳати амалӣ ва мушаххас шудани ҳамаи намудҳои тарбия ба ҳисоб мерафт.

Дар аксар корхонаҳои саноатӣ, колхозҳо ва совхозҳои ҷумҳурӣ созмонҳои комсомолӣ бо дарназардошти сатҳи саводнокӣ, хусусиятҳои синнусолӣ, миллӣ ва касбӣ, талабот ва манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон шаклҳои таълими сиёсиро муайян менамуданд.

Масъалаҳои омӯзиши сиёсӣ, ташкили маҳфилҳо ва семинарҳо дар ҷаласаҳои бюрои Кумитаи Марказии ЛКСМ Тоҷикистон, пленумҳо, маҷлисҳои фаъолон, ҷаласаҳои бюрои кумитаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва созмонҳои ибтидоии комсомол баррасӣ мешуданд. Низоми маърифатомӯзии сиёсии ҷавонон дар ҷумҳурӣ хеле

васеъ ривоҷ ёфт [12, 162].

Дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар солҳои 80-ум шаклҳои нави омӯзиши сиёсӣ барои ҷавонписарону ва духтарон пайдо гардиданд. Масалан, маҳфилҳои «Наврас», «КБК» («Клуб будущего комсомола» - «Клуби комсомоли оянда»), барои духтарони миллатҳои таҳҷоӣ клубҳои «Дугонаҳо», «Мехчагул» ва дигарҳо амал мекарданд. Аз чунин шаклҳои кор истифода мешуд: дарсҳои ленинӣ, баҳсу мунозираҳо, рӯзҳои сиёсӣ, конфронсҳои назариявӣ, имтиҳонҳои ленинӣ, хонишҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, гурӯҳҳои тарғиботӣ, фестивалҳо, шабҳои саволу ҷавоб, маҷаллаҳои шифоҳӣ, вохӯриҳо бо шахсиятҳои барҷастаи илм, адаб, ҳунар, клубҳо ва музейҳои шуҷоати ҷангӣ ва шарафи меҳнатӣ, мулоқоти ҷавонони ҷумҳурӣ бо ҷавонони кишварҳои ҳамсоя, эстафетаҳои сулҳ ва дӯстӣ, баргузории ҳафтаҳои дӯстӣ, фестивалҳои ҷавонони Осиёи Марказӣ низ самараи хуб медоданд.

Созмонҳои комсомолӣ дар корхонаҳои саноатӣ, колхозҳо, совхозҳо ва мактабҳо клубҳои «Дӯстон ба воситаи мукотиба», «Вохӯриҳои байналмилалӣ» таъсис дода, бештар шабнишиниҳои мусиқӣ, ракс, оид ба адабиёти халқҳои ИҶШС ва кишварҳои хориҷиро баргузор менамуданд.

Барои наврасону ҷавонон баргузории ҳамоишҳои коргарони ҷавон, ҷавонони деҳот, духтарон ва саёҳатҳои дастаҷамъӣ ба дигар ҷумҳуриҳо аҳаммияти тарбиявии калон доштанд. Аз ҳисоби пешсафони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ «Қатораи дӯстӣ» ташкил шуда, ба Москва ва дигар шаҳрҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ сафар менамуданд.

Дар кори тарбияи байналмилалии ҷавонон Клубҳои дӯстии байналмилалӣ (КДБ), ки аз аввали солҳои 70-ум дар назди комитетҳои комсомол ташкил ёфта буданд, нақши муайян доштанд. Клубҳои дӯстии байналмилалӣ қариб дар ҳамаи муассисаҳои олии таълимӣ, миёнаи махсус, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, мактабҳо, хонаҳои пешоҳангон, корхонаҳои бузурги саноатӣ ва сохтмонҳо таъсис ёфта буданд [13]. Танҳо дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ беш аз 500 интерклуб фаъолият дошт ва дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ шумораи онҳо ба 2511 мерасид. КДБ-ҳо мунтазам фаъолиятҳои васеи сиёсӣ - маърифатиро ба роҳ монда, ба тарбияи байналмилалӣ ва таҳкими дӯстии халқҳо мусоидат мекарданд.

Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни баргузории ин ҳама чорабиниҳо гоҳо падидаҳои расмиятчигӣ ҷой доштанд, зеро онҳо бо фармон аз мақомоти болонишин ва тибқи як қолаби муайян амалӣ мешуданд. Ба омӯзишҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ, одатан, коммунистону комсомолиён новобаста ба хоҳиш ва манфиатҳояшон фаро гирифта мешуданд.Шахсоне, ки намехостанд дар омӯзиши сиёсӣ иштирок кунанд, ҳатман аз ҷониби ҳизб ҷазои интизомӣ дода мешуданд ва ҳолатҳои аз вазифа сабукдӯш шудани чунин саркашон низ ҷой доштанд [1, 248].

Бар асари таваҷҷуҳи асосӣ ба шумораи чорабиниҳои омӯзишию тарбиявӣ сифати онҳо коҳиш меёфт. Дар кори тарбияи ҷавонон бештар ба шиорпароканӣ ва маъракаҳои «намоишӣ» таваҷҷуҳ ва такя карда мешуд, ки бештар ба шакл, на ба мазмуну муҳтаво аҳамият дода мешуд. На ҳамеша дар чунин чорабиниҳо шароити воқеии зиндагӣ ва фаъолияти ҷавонон, қобилиятҳо, вижагиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ, миллӣ, синну сол ва манфиатҳои онҳо ба ҳисоб гирифта мешуданд. Назорат

аз болои иҷрои қарорҳо сари вақт ва ҷиддӣ набуд: қарори қаблан қабулшуда иҷро нашуда, оид ба ҳамин масъала қарорҳои нав қабул мекарданд. Дар кори тарбиявии комсомол бештар расмиятчигӣ ҳукмрон буд, гоҳо ташкилотҳои ҳизбӣ худ сенария таҳия намуда, онҳоро иҷро мекарданд, ки ин амал ташаббуси ташкилотҳои комсомолиро маҳдуд ва саркӯб менамуд [1, 246].

Ҳамаи ин падидаҳо сифати корҳои тарбиявиро миёни ҷавонон коста менамуд. Дар натиҷа на танҳо фаъолнокӣ ва ташаббускорӣ дар сафҳои комсомол коҳиш меёфт, балки ҷиҳатҳои манфӣ дар кори тарбия низ зиёд мешуданд. Аксаран аз ҷониби ҷавонон ҳолатҳои вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва интизоми меҳнат мушоҳида мешуд, муносибати истеъмолгарона, талаби беасос бештар ба даст овардани он неъматҳое, ки ба ҷомеа медиҳанд, бепарвоӣ, авбошӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ ва фоҳишагӣ ҷой доштанд. Дар ноҳияҳои деҳоти ҷумҳурӣ бошад, ҳанӯз хурофот баъзе боқимондаҳои урфу одатҳои гузашта, аз ҷумла ба издивоҷ маҷбур намудани духтарон, пардохти қалин ва ҷалби наврасон ба иҷрои маросимҳои қолабӣ нигоҳ дошта мешуданд

Иттифоқҳои касаба ва комсомол дар давраи солҳои 1961 – 1990 ҳамчун ду сутуни муҳимми низоми сиёсӣ ва иҷтимоии Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, на танҳо дар ташкили истеҳсолот, балки дар ташаккули идеологӣ, тарбияи сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон нақши муассир доштанд. Бо вуҷуди ҳузури назорати ҳамаҷонибаи ҳизбӣ, созмонҳои мазкур барои ташкилу баргузории фарҳанги корҳои ҷамъиятӣ, тафаккури сиёсӣ ва шуури шаҳрвандии ҷомеа муҳити мусоид фароҳам оварданд.

## АДАБИЁТ


1. История таджикского народа. - Том VI. (Новейшая история) – Душанбе, 2011. – 688 с.
2. Собиров А. Иттифоқҳои касаба ва сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ. Душанбе, 1985. - 213 с.
3. Раджабов С., Шукуров М. Профсоюзы Советского Таджикистана. – Душанбе, 1987. – 224 с.
4. Коммунист Таджикистана. – 1987. – 10 янв.
5. БД ТНТ. – Р. 3. – Р.177. – П. 34. – В. 28.
6. Отчет о работе Таджикского республиканского Совета профсоюзов и задачи профсоюзных организаций республики в свете решений XXVI съезда КПСС //Комсомолец Таджикистана. – 1982. – 7 февр.
7. Ҳамроев М. Ҷавонон ва идеологияи ҳизбӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 1990. – 280 с.
8. Комсомолец Таджикистана. – 1986. – 7 февр.
9. БД ТНТ. – Х. 36. – Р. 4. – П.145. – В. 2.
10. Комсомолец Таджикистана. – 1966. – 12 сент.
11. ЛКСМ Таджикистана от XXII съезда к XXIII съезду
12. Ленинский коммунистический союз молодёжи Таджикистана (Страницы истории). – Душанбе: Ирфон, 1985. - 232 с.
13. БД ТНТ. – Х. 8. – Р. 21. – П. 96. – В. 68.


## НАҚШИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА ВА СОЗМОНИ КОМСОМОЛ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКОНИИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (1961-1990)


Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои асосии фаъолияти Иттифоқҳои касаба ва Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон (комсомол) дар солҳои 1961-1990, ки бо марҳалаи сохтмони босуръати саноати ҷумҳурӣ ва таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ тавъам буд, бахшида шудааст.

Муаллиф, бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатӣ ва оморӣ, нақши ин ду ниҳоди ҷамъиятиро дар ташкили меҳнат, иштироки ҷавонон дар раванди истеҳсолот, фаъолияти тарбиявӣ ва сиёсиву идеологӣ, инчунин дар ҳамкории онҳо бо дигар ташкилоти ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Мақсад аз таҳқиқ, омӯзиши таҷрибаи таърихии рушди институтҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои ҷалби оммавӣ ба корҳои истеҳсоливу маънавӣ дар доираи сиёсати умумии давлати Шуравӣ мебошад.

**Калидвожаҳо**: *сохтмони босуръати саноат, Иттифоқҳои касаба, ИЛКҶТ, комсомол, Тоҷикистон, солҳои 1961-1990, ҷавонон, фаъолияти тарбиявӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, сиёсати Шуравӣ.*

## РОЛЬ ПРОФСОЮЗОВ И КОМСОМОЛЬСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ В ПРОЦЕССЕ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОЙ ССР (1961-1990 гг.)

Статья посвящена анализу основных аспектов деятельности профсоюзов и Ленинского коммунистического союза молодежи Таджикистана (комсомола) в 1961-1990 гг., которые совпали с этапом ускоренного индустриального строительства республики и глубоких социально-политических преобразований.

Опираясь на научные, документальные и статистические источники, автор рассматривает роль данных общественных институтов в организации труда, вовлечении молодежи в производственные процессы, воспитательной, политико-идеологической работе, а также в их взаимодействии с другими общественными организациями.

Цель исследования заключается в изучении исторического опыта развития социальных институтов и механизмов массовой мобилизации в производственной и духовной сферах в рамках общей политики Советского государства.

**Ключевые слова:** *ускоренное индустриальное строительство, профсоюзы, ЛКСМТ, комсомол, Таджикистан, 1961-1990 гг., молодежь, воспитательная деятельность, общественные организации, советская политика.*

## THE ROLE OF TRADE UNIONS AND THE KOMSOMOL ORGANIZATION IN THE INDUSTRIALIZATION OF THE TAJIK SSR (1961-1990)

The article analyzes the key aspects of the activities of trade unions and the Leninist Communist Youth Union of Tajikistan (Komsomol) during the years 1961-1990, a period marked by the accelerated industrial development of the republic and profound socio-political transformations.

Drawing on scholarly, documentary, and statistical sources, the author examines the role of these public institutions in labor organization, youth involvement in production processes, educational and political-ideological activities, as well as their cooperation with other social organizations.

The aim of the study is to investigate the historical experience of the development of social institutions and the mechanisms of mass mobilization in both productive and cultural spheres within the framework of Soviet state policy.

**Key words:** *accelerated industrial development, trade unions, Communist Youth Union, Komsomol, Tajikistan, 1961-1990, youth, educational activities, social organizations, Soviet policy.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Неъматов Икромидин** – номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Телефон: (+992) 907-70-58-75. E.-mail: i.nemat@mail.ru

**Сведения об авторе**: **Неъматов Икромидин** – кандидат исторических наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: (+992) 907-70-58-75. E-mail: i.nemat@mail.ru

**Information about the author**: **Nematov Ikromidin** – candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher of the Department of Contemporary History of the Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: (+992) 907-70-58-75. E-mail: i.nemat@mail.ru

УДК 94 (575.3):316.7

# ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТИЮ ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ МАСЧОҲ ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ[1]

**УБАЙДУЛЛО Н. К., ҚОЗИЗОДА Ш. Қ.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Давраи пасазҷангии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ (солҳои 1947-1985) ҳамчун марҳалаи нисбатан муҳим дар рушди ҶШС Тоҷикистон нақши хеле муассирро соҳиб мебошад. Зеро маҳз дар ҳамин давра раванди суръати рушди ҷумҳурӣ вусъати тоза пайдо намуда, ҷумҳурӣ тадриҷан аз минтақаи комилан аграрӣ ба як минтақаи пешрафтаи саноатию аграрии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт. Таҳаввулоти иқтисодии бамиёномада имкон дод, ки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи навташкили Масчоҳ тағйироти назаррас ба амал ояд. Ин давра ибтидои марҳалаи нави ташаккул ва рушди ҳаёти ҷамъиятию маъмурӣ ва фарҳангию маърифатӣ барои сокинони ин ноҳияи навташкил гардид. Пас аз ташкил ёфтани ноҳия ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ (27 ноябри соли 1956) ва азхудкунии заминҳои бекорхобида, инчунин муҳоҷир намудани сокинони минтақаи кӯҳистон дар ин ҷо бунёди аввалин муассисаҳои ҳизбию давлатӣ, идорию маъмурӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, саросар ҷалб намудани омма ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ оғоз ёфта, зина ба зина симои минтақаи навбунёд дигаргун гардид.

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1200 таълиф гардид.**

Ҳокимияти вақт бо дарназардошти ҳадафҳои идеологӣ ва сиёсати иҷтимоии худ, дар доираи меъёрҳои муқарраршуда раванди ташаккул ва дигаргунсозиҳоро дар минтақаи нави маъмурӣ ба роҳ монда, баробари рушди иқтисодӣ ва ба яке аз марказҳои калони пунбапарварӣ табдил додани он, бунёди сохторҳои иҷтимою фарҳангӣ, ташаккули муҳити нави зист барои сокинони нав муҳоҷиршударо низ роҳандозӣ менамуд. Пеш аз ҳама таваҷҷуҳи мақомоти ҳизбию шуравӣ ба ташкил ва бунёди низоми маорифи халқ, муассисаҳои фарҳангӣ, ба роҳ мондани корҳои сиёсию ташвиқотӣ, шаклгирии муҳити ҳунарӣ ва ҳаёти маънавии мардуми ноҳияи тозатаъсис равона гардид.

Маориф ва рушди он, босавод гардонидани аҳолӣ ҳамеша дар сиёсати ҳукумати Шуравӣ мақоми муҳимро ишғол менамуд ва ҷомеаи босаводу бомаърифат дар татбиқи ормонҳои идеологии шуравӣ бештар мусоидат мекард. Аз ин рӯ, дар ин ноҳияи навтаъсис низ мақомоти олии ҳизбию давлатӣ дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ба рушди соҳаи маориф бештар таваҷҷуҳ менамуданд. Зеро дар арафаи муҳоҷирсозии сокинони Кӯҳистони Масчоҳ бо сабаби мавқеи ҷуғрофӣ ва шароити вазнини таббиӣ низоми маориф ба мисли дигар ноҳияҳои дар водиҳо буда, ба таври зарурӣ инкишоф наёфт. Соли таҳсили 1954/55 дар ноҳия иншооти таълимии зерин мавҷуд буданд: 1 мактаби миёна, 21 мактаби 7-сола ва 21 мактаби ибтидоӣ. Дар ин муассисаҳои таълимӣ 2772 нафар хонанда таҳсил мекарданд, ки аз ин шумора 1734 нафарашон духтарон буданд. Инчунин, дар ноҳия 3 мактаби махсус барои ҷавонони деҳот амал мекард, ки ҳамагӣ 190 нафар хонанда дошт [8,5]. Шумораи умумии омӯзгорони ноҳия дар ҳамин соли таҳсил 190 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 5 нафар дорои таҳсилоти олии пурра, 31 нафар таҳсилоти нопурраи олӣ, 146 нафар таҳсилоти миёна ва 8 нафар маълумоти 7-сола доштанд [8,6]. Ин омор аз он шаҳодат медиҳад, ки аксарияти муаллимони ноҳия дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ буданд ва ин нишондиҳанда барои низоми онвақтаи маорифи ҷумҳурӣ маъмул буд.

Соли дуюми пас аз муҳоҷират, яъне соли 1957 дар ноҳияи нави Масчоҳ 13 мактаби ибтидоӣ, 30 мактаби ҳафтсола ва 6 мактаби миёнаи умумӣ бо 6500 нафар хонанда амал мекарданд [1, 312]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки нисбат ба минтақаи кӯҳӣ дар ҳудуди нави ноҳия пас аз муҳоҷирати аҳолӣ суръати рушди соҳаи маориф бамаротиб афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тавр пас аз кӯч бастани аҳолӣ ба дашти Дилварзин, аз соли 1956 сар карда, соҳаи маорифи ноҳия бо суръати бесобиқа рушд кард. Агар то ин давра дар ҳудуди Кӯҳистони Мастчоҳ ҳамагӣ 2 мактаби миёна ва 36 мактаби ҳафтсола бо 4000 нафар хонанда мавҷуд буданд, соли 1975 шумораи муассисаҳои таълимии ноҳия ба 13 мактаби миёна ва 21 мактаби ҳаштсола расида, теъдоди хонандагони онҳо то ба 14 502 нафар афзуд [3, 3].

Аммо рушди соҳаи маориф бе мушкилоту норасоиҳо ба даст намеомад ва дар бисёр мавридҳо рушди миқдорӣ ба сифат ва сатҳи он мувофиқат намекард. Масалан, соли таҳсили 1958/59 дар ноҳия 43 мактаб бо 489 синф фаъолият доштанд, ки дар он 6545 хонанда таҳсил мекарданд, вале аз мактабҳои мавҷуда, танҳо се мактаби миёна қисман бо асбобу анҷоми таълимӣ ва аёниятҳо таъмин

буданд. Дар мактабҳои боқимонда маводи таълимӣ барои фанҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ асосан мавҷуд набуд [19,1]. Дар ҳамин соли хониш 552 нафар хонандагон таҳсилро тарк карданд, ки аз онҳо 97 нафарашон духтарон буданд [21,7]. Сабабҳои тарки таҳсил кардани хонандагон асосан аз ҳудуди ноҳия баромадан (367 н.), бемории дарозмуддат ва марг (8 н.), даъват ба сафи артиш (15 н.), набудани нақлиёт барои талабагон (42 н.) ва омилҳои дигар (120 н.) иборат буданд.

Соли таҳсили 1958/59 дар ноҳия ҳамагӣ 417 нафар омӯзгорон кор мекарданд, ки 66 нафарашон дорои таҳсилоти олӣ, 99 нафар таҳсилоти олии нопурра, 243 нафар маълумоти миёнаи педагогӣ, 6 нафар дорои маълумоти миёнаи нопурра буданд [20,20; 23, 31-37]. Аммо, дар санад теъдоди умумӣ 417 нафар нишон дода шудааст, ки дар маҷмуъ 414-нафарро ташкил медиҳад. Тағйироти сифатӣ дар ҳайати омӯзгорони ноҳия дар солҳои баъдина ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла соли таҳсили 1964/65 аз 374 омӯзгор 110 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 81 нафар олии нопурра, 123 нафар миёнаи омӯзгорӣ ва 60 нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ буданд [14,24]. Раванди афзоиши шумораи омӯзгорон ва тағйироти сифатӣ дар ҳайати онҳо дар солҳои оянда низ идома ёфтанд. То соли 1975 шумораи умумии омӯзгорони ноҳия ба 816 нафар расид, ки аз ҷумла 360 нафари онҳо дорои таҳсилоти олӣ, 81 нафар олии нопурра буданд ва 154 нафари дигар дар муассисаҳои таҳсилоти олии шакли ғоибона таҳсил мекарданд [3,3].

Самари кори омӯзгорон буд, ки соли 1965 94 нафар хатмкардагони муссисаҳои ноҳия ба донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои миёнаи касбии ҷумҳурӣ қабул гардиданд. Як зумра омӯзгорон, аз ҷумла Х. Нодиров, М. Неъматов, Ҳ. Боқиев, Р. Ғуфронов, Б. Одинаев, А. Азимов, Б. Шомуродов, Қ. Иноятов, С. Мирзоев, Р. Асад, В. Н. Френев, Т. С. Марковкин, С. Шаропова, М. С. Сиддиқова ва Ҳ. Эшонқулов дар пешравии маорифи ноҳия саҳми бориз гузоштанд [18,3].

Баробари хубтар гардидани раванди таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ сифати раванди таълиму тарбия низ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардид. Аз ҷумла, дар давоми соли 1974 дар 37 мактаби таҳсилоти миёна ва ҳаштсолаи ноҳия 730 нафар омӯзгорон кор мекарданд, ки аз ҷумла 390 нафари онҳо дорои таҳсилоти олӣ ва олии нопурра будаанд, 157 нафари дигар таҳсилоти миёнаи педагогӣ доштанд [16,8]. Дар ин ҷо низ номувофиқии рақамҳо мушоҳида мешавад.

Аммо раванди таъминоти муассисаҳо, таҳкими пояи таълимию моддии онҳо ҳоло ҳам ба талаботи вақт ҷавобгӯ набуданд. Аз ҷумла, биноҳои таълимии мактабҳои ҳаштсолаи № 12, 18, 19, 20, 23 ва 24 ба талаботи меъёрии сохтмонии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯ набуданд, пояи моддӣ-техникии ин мактабҳо дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор доштанд. Синфхонаҳои таълими меҳнат бо таҷҳизоту ашёҳои зарурии челонгарӣ ва чӯбкорӣ таъмин набуданд, инчунин, дар фаъолияти китобхонаҳои мактабӣ камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд. Баъзе аз мактабҳо умуман китобхона надоштанд, ки ин ба сатҳу сифати таълиму тарбияи хонандагон таъсири манфӣ мерасонд [17,9].

Дар қисми муайяни мактабҳо сатҳи дониши хонандагон ба талаботи нақшаи таълимӣ ҷавобгӯ набуд, масалан дар соли таҳсили 1973/74 241 нафар хонанда

натавонистанд барномаҳои таълимиро аз худ намоянд ва бинобар ин, такроран дар синфҳои худ монданд. Яке аз сабабҳои асосии паст будани сатҳи дониши хонандагон ин норасоӣ дар таъминоти кофии китобҳои дарсӣ буд, аз ҷумла як қисми хонандагони мактабҳои миёнаи № 2, 3, 4, 5, 6, 8, 9, 10, 11, 13 ва дигарон бо бемасъулиятии маъмурияти муассисаҳои таълимӣ умуман бо китоби дарсӣ таъмин нагардиданд. Аз ҷумла, китобҳои дарсии забони модарӣ, забони русӣ, математика, биология, физика ва ғайра умуман дастрас набуданд. Аз ҷониби дигар, дар бисёре аз мактабҳои миёна ҳолати бе сабаб ба дарс ҳозир нашудани хонандагон низ ба мушоҳида мерасид ва ин масъала, ки бо сабаби назорати нокифояи маъмурияти мактаб ва сустии робитаи он бо волидайн рабт дошт, ба раванди таълим халали ҷиддӣ ворид месохт [15,11].

Вале, новобаста аз камбудию норасоиҳои ҷойдошта, маорифи ноҳия тадриҷан ба муваффақиятҳо ноил мегардид, дастпарварони муассисаҳои таълимии ноҳия сол ба сол зиёдтар ба макотиби олии ҷумҳурӣ ва берун аз он қабул мегардиданд. Аз байни онҳо кормандони хуб ва чеҳраҳои шинохта ба воя мерасиданд, ки бархе аз онҳо дар миқёси ҷумҳурӣ маъруф гардида буданд [3,3]. Барои меҳнати сазовор ва дастовардҳо як қатор омӯзгорони мактабҳои ноҳия бо унвонҳои ифтихории «Муаллими хизматнишондодаи мактаби ҶШС Тоҷикистон», нишони «Аълочии маорифи ИҶШС» ва нишони «Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» қадрдонӣ гардиданд [3,3]. Ин омӯзгорон илова ба кори таълиму тарбия, дар ҳаёти сиёсии ноҳия, аз ҷумла дар ташвиқу тарғиби қарорҳои ҳизб ва ҳукумат миёни аҳолӣ низ фаъолона ширкат меварзиданд.

Дар баробари ташаккул ва пешрафти низоми маориф дар самти омодасозии кадрҳо барои соҳаи фарҳанги ноҳия низ ба таври назаррас дигаргунӣ ба миён омад. Махсусан, солҳои 70-ум дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатии ноҳияи Масчоҳ шумораи мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҷавонони боистеъдоди ноҳия дар соҳаҳои фарҳанг ва ҳунар муваффақиятҳои хуб ба даст оварданд, аз ҷумла, Рустамбек Ботуров ҳамчун овозхон дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ва Ислом Саломов ҳамчун саррежиссёр дар Театри вилоятии ба номи А. С. Пушкин фаъолият доштанд [3,3].

Яке аз самтҳои аввалдараҷаи фаъолияти ҳокимияти маҳаллии давлатии ноҳияи навтаъсис ин таъминоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бо мутахассисони касбӣ, дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус маҳсуб меёфт. Бо ин мақсад ҳар сол кӯшиш карда мешуд, ки теъдоди муайяни ҷавонони ноҳия барои таҳсил ба муассисаҳои таълимии касбии ҷумҳуриявӣ ва иттифоқӣ фиристода шаванд. Масалан, соли 1975 495 нафар хатмкардагони мактабҳои миёнаи ноҳияи Масчоҳ дар муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ, шаҳрҳои Москва, Днепропетровск, Ленинград ва дигар марказҳои калони Иттиҳоди Шуравӣ таҳсил мекарданд. Ғайр аз ин, 474 нафар ҷавонон дар техникумҳо, омӯзишгоҳҳои касбии педагогӣ ва тиббии ҷумҳурӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Ҷалби бештари духтарон ба муассисаҳои таълимӣ, махсусан касбӣ низ аз мадди назари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дур намемонд. Дар давоми солҳои 1973/75 58 нафар духтарони ноҳия ба

муассисаҳои таълимии касбии ҷумҳурӣ ба таҳсил фиристода шуданд[3,3]. Ин раванд имконият дод, ки сафи омӯзгорон, кормандони соҳаи тандурустӣ, муассисаҳои томактабӣ аз ҳисоби занону духтарон афзоиш ёбад. Танҳо дар давоми як 10-сола (1965-1975) аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ҳаштсола ва миёна зиёда аз 600 нафар мураббиён тайёр карда шуданд.

Масъалаи интихоб, таъйин ва назорати фаъолияти директорон, котибони ташкилотҳои ҳизбӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳои омӯзгорӣ пайваста таҳти назорати ҷиддии мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбию давлатии ноҳия қарор дошт. Шумораи зиёди омӯзгорон, директорони 13 мактаби миёна ва аксарияти мактабҳои ҳаштсолаи ноҳия коммунист буданд. Дар самти таҳкими пойгоҳи таълимию моддии мактабҳо низ, махсусан дар давоми солҳои 70-ум пешравиҳо ба миён омаданд. Танҳо дар давоми солҳои 1971-1974 аз ҳисоби маблағҳои колхозҳо 2400 синфхона ва устохонаҳои таълимӣ сохта шуданд. Махсусан, дар ин самт ташаббуси раёсати колхози ба номи Калинини ноҳия ҷолиб аст, ки ин хоҷагӣ соли 1973 барои 340 нафар хонандагон бинои нави таълимӣ сохта ва ба истифода дод.

Баробари соҳаи маориф самти дигари муҳим ин ташкили низоми тандурустӣ ва муассисаҳои тиббию табобатӣ дар ноҳия маҳсуб меёфт. Махсусан, дар солҳои аввал, ки бо сабаби тағйири иқлим муҳоҷирон бештар ба хидматрасонии тиббӣ ниёз доштанд, ташкил ва ба роҳ мондани ин соҳа дорои аҳаммияти вижа буд. Дар ибтидо, пас аз Масчоҳи кӯҳӣ ба ноҳияи нави Масчоҳ муҳоҷир кардани аҳолӣ, дар тамоми минтақаҳои заминҳои навкорам ва бекорхобида нуқтаҳои хизмати тиббӣ кушода шуда, бо ёрии молиявӣ ва техникии давлат сохтмони муассисаҳои тиббӣ босуръат оғоз гардид. Соли 1958 дар ноҳия 7 беморхонаи калон, 4 дармонгоҳ, беморхонаи кӯдакона, 5 таваллудхона, диспансери тиббӣ, 7 боғча, 55 нуқтаи машварату маслиҳатдиҳӣ бо муваффақият хизмати сокинонро иҷро мекарданд. Шумораи умумии табибони соҳибтахассус 127 нафарро ташкил медод, ки аз байни онҳо 30 нафар табиб дорои маълумоти олӣ буданд [4]. Ҳол он ки дар кӯҳистони Масчоҳ на танҳо аз кормандони тиббӣ ягон шахси маълумоти олидор набуд, инчунин, дорандагони маълумоти миёнаи касбии тиббӣ низ дар он ҷо ангуштшумор буданд. Дар солҳои аввали азхудкунии заминҳои нав бисёре аз ин кормандони тиббӣ аз дигар ноҳияҳо ба ноҳияи навбунёди Масчоҳ бо мақсади ба муҳоҷирон расонидани хизмати тиббӣ омада буданд. Солҳои минбаъда кормандони баландихтисоси тиббӣ аз ҳисоби сокинони ноҳияи Масчоҳ афзоиш ёфт.

Бо кӯшиши ҳокимияти маҳаллӣ дар ноҳия ҳар сол шумораи катҳои табобати беморон афзоиш меёфт ва маблағгузорӣ барои чорабиниҳои беҳдоштӣ зиёд мегардид. Соли 1961 ба беморхонаи марказии ноҳия 516,7 ҳазор рубл ва соли 1962 550 ҳазор рубл маблағ ҷудо гардид. Аммо ҳудуди ноҳия сол ба сол васеъ гардида, шумораи аҳолии он босуръат афзоиш меёфт ва ин раванд талаб менамуд, ки дар самти тандурустӣ суръати корҳо мувофиқ ба талабот бошанд, ҳарчӣ бештар нуқтаҳои тиббӣ кушода шаванд. Аҳолии ноҳия то ба 50 ҳазор нафар расида буд, вале маҳалҳое буданд, ки то ҳол ягон нуқтаи хизматрасонии тиббӣ надоштанд. Махсусан, дар маҳалҳои дур аз марказ, мисли нуқтаҳои геологӣ-кафшерии Кандзол ва чанд макони дигар ҳатто нуқтаи тиббии алоҳида вуҷуд надошт. Норасоии

духтурон, аз ҷумла рентгенологҳо, табибони амрози занона (гинекологҳо), пизишки кӯдакон, асабшиносон ва дар чанд самтҳои дигар мушоҳида мегардид. Барои таъмини талаботи иҷтимоии аҳолӣ ҳар сол аз буҷаи давлат маблағи калоне ҷудо мегардид, аз ҷумла тибқи маълумоти оморӣ то 1 декабри соли 1961 танҳо барои кӯмакпулии иҷтимоӣ ба аҳолӣ 504 ҳазор рубл маблағ ҷудо гаридидааст, ки аз он 196 ҳазор рубл кӯмакпулӣ аз буҷа, аз ҷумла 70 ҳазор рубл кӯмаки яквақтаина ва 126 ҳазор рубл кӯмаки ҳармоҳа мебошад [13,19].

Самти дигари ниҳоят муҳим барои ноҳияи навтаъсис ба роҳ мондани ташкили муассисаҳои истироҳатӣ, хизмати маишӣ, нуқтаҳои тиҷорат ва савдо, хӯроки умумӣ, марказҳои саломатӣ ва дигар муассисаҳои маишию фарҳангӣ маҳсуб меёфт. Ин буд, ки соли 1978 дар ноҳия 89 нуқтаи савдо, 35 нуқтаи хӯроки умумӣ, 23 сартарошхона, 5 суратгирхона ва 6 ҳаммом [5,2], инчунин 6 беморхона, 5 амбулатория ва дармонгоҳ, 20 нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ, 4 дорухона барои аҳолӣ хизмат менамуданд ва дар ин муассисаҳо 69 пизишк, 212 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият доштанд [5,3].

Дар самти корҳои маърифатию тарғиботӣ бошад соли 1961 12 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ ва 4 нуқтаи намоиши филмҳо фаъолият менамуданд ва инчунин дар ноҳия 41 китобхонаи умумӣ мавҷуд буд, ки фонди умумии онҳо зиёда аз 105 ҳазор нусха китобро ташкил медод. Вале, бо вуҷуди ин, дар баъзе маҳаллаҳои ноҳия китобхонаҳо вуҷуд надоштанд, аз ҷумла дар колхози ба номи Авзикент, Садвинсовхоз ва маҳаллаи Кандзол ин ҳолат ҷой дошт. Инчунин дар ноҳия 20 чойхонаи сурх амал мекард ва 15 декабри соли 1961 бинои Хонаи фарҳанг ба истифода дода шуд [12,17-18].

Худи ҳамон сол шуъбаи фарҳанги ноҳия низ таъсис ёфт, ки роҳбарони аввалини он Н. Азизов, Н. Салимов, Д. Низомов, Х. Сафарова ва А. Саидов буданд. Дар тӯли фаъолияти шуъба чеҳраҳои зиёди фарҳангӣ ва ҳунарие ба воя расиданд, ки бо хизмати софдилонаи худ номашон дар таърихи фарҳанги ноҳия сабт гардидааст. Хидматҳои шоистаи чанде аз онҳо бо унвони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадршиносӣ шудааст.

Мардуми Масчоҳ аз замонҳои қадим бо оҳанги хоси худ байт, рубоӣ ва тарона месароянд. Дар ҳар деҳа овозхонони машҳуре зиндагӣ мекунанд, ки бо ҳунару овози форамашон маъруф буданд. Ҳамчунин, анъанаи «Шоҳномахонӣ», нақли қисса ва ривоёти халқӣ васеъ роиҷ буд. Нақшхонӣ дар маъракаву маросимҳо ҷойгоҳи хоса дошта, чун суннати фарҳангӣ пазируфта мешуд. Дар оғози асри XX ҳофизи хушовоз Ҳайдарбеки Пакшифӣ дар тамоми қаламрави водии Зарафшон, аз ҷумла шаҳрҳои Истаравшан, Хуҷанд ва ҳатто то водии Рашт машҳур гашта, бо сабки хоси хеш дили мардумро тасхир мекард.

Аз байни мардуми заҳматкашу ҳунарманди Масчоҳ шахсиятҳое ба камол расиданд, ки дар рушду нумӯи фарҳанги халқи тоҷик нақши арзанда гузоштанд. Арбоби шоистаи санъат ва коргардони маъруф Ислом Саломов, Ҳунарпешаи мардумии ҷумҳурӣ Муродбек Насриддинов, Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ шодравон Рустамбек Ботуров, ки Филармонияи халқӣ ва Қасри фарҳанги ноҳия низ номи ӯро доранд, аз ҷумлаи чунин шахсиятҳо мебошанд. Инчунин варзишгар ва ҳунарпешаи

кино шодравон Мӯсо Исоев, Ҳунарманди мардумии ҷумҳурӣ Лола Азизова ва ҳофизи операи тоҷик Содиқ Нуруллоев низ бо ҳунару истеъдоди нотакрорашон номбардори миллат гардидаанд.

Соли 1988 ансамбли фолклорӣ-этнографии «Нақш» дар назди хонаи фарҳанги ҷамоати Масчоҳ таъсис ёфт, ки то имрӯз фаъолияти пурсамар дорад. Ин гурӯҳ бо ҳадафи эҳё ва тарғиби мероси фарҳанги шифоҳии мардумии тоҷик, хосса суннатҳои маросимӣ ва сурудҳои қадимии болооби Зарафшон, таъсис ёфтааст. Роҳбари бадеии ансамбл оҳангсоз ва ҳунарманди шинохта Маҳмадшариф Шодиев мебошад.

Театри халқии ноҳияи Масчоҳ соли 1981 бо қарори Ҳукумати ноҳия дар заминаи маҳфили драмавии назди Қасри фарҳанги шаҳраки Бӯстон таъсис ёфтааст. Соли 1983 бо қарори Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ба театр унвони «халқӣ» дода шуд [6, 27-28]. Фаъолияти театрро ҳаваскорони сершумор аз миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ пеш мебаранд, ки саҳми арзандае дар рушди санъати театрии маҳаллӣ доранд.

Мактаби санъати ноҳияи Масчоҳ яке аз муассисаҳои муҳимми таълимии фарҳангӣ ба шумор меравад, ки дар самти омодасозии кадрҳои соҳавӣ фаъолият мекунад. Дар сохтори мактаб ду шуъбаи асосӣ амал мекунад: шуъбаи мусиқӣ ва шуъбаи бадеӣ. Шуъбаи мусиқӣ дорои ихтисосҳои фортепиано, рубоб, най, ғиҷҷак, дойра, мақом, рақс ва чанг мебошад. Дар шуъбаи бадеӣ бошад омӯзиши равияҳои рассомӣ, театри лӯхтак ва театр ба роҳ монда шуда буд [6,33].

Пас аз қабули қарори КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 8 июни соли 1977 дар самти рушди муассисаҳои томактабӣ ва беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи томактабӣ дар ноҳия низ як қатор пешравиҳо мушоҳида мегарданд. То соли 1977 дар ноҳия ҳамагӣ 6 муассисаи доимии томактабӣ фаъолият мекард, ки 950 кӯдакро фаро мегирифт. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, солҳои 1977-1980 боз 3 муассисаи нав илова гардид, ки иқтидори умумии онҳо 280 нафарро ташкил медод. Дар натиҷа, шумораи умумии муассисаҳои томактабӣ ба 9 адад расид ва онҳо 1185 кӯдакро ба тарбия гирифта буданд [9,25]. Аз ҷумла, 3 муассисаи дар маркази ноҳия ҷойгир буда, 723 кӯдакро фаро мегиранд, дар ҳоле ки 6 муассисаи боқимондаи дар шаҳракҳо ҷойгир буда, 462 нафар кӯдакро дар тарбия доштанд [9,25].

То соли 1977 дар муассисаҳои томактабии ноҳия 54 нафар корманд фаъолият доштанд, ки аз ин шумора танҳо 3 нафар дорои маълумоти олӣ, 24 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 27 нафар маълумоти умумии миёна буданд. Соли 1980 шумораи умумии кадрҳои педагогӣ дар ин муассисаҳо ба 67 нафар расид, ки аз онҳо 5 нафар дорои маълумоти олӣ, 42 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 20 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ буданд [9,25]. Аз 9 муассисаи мавҷуда 3 муассиса дар тобеияти Вазорати маориф қарор дошт, ки иқтидори онҳо барои 578 нафар дастпарвар муқаррар шуда буд. Идораи хоҷагии қишлоқ 4 муассисаро бо 378 кӯдак ва ду муассисаи дигар, ки дар тобеи сохторҳои соҳавӣ буданд 280 кӯдакро дар бар мегирифт [9,25].

Фоизи фарогирии кӯдакон ба тарбияи томактабӣ миёни сокинони шаҳрак ва деҳот тафовути назаррасро соҳиб буд. Аз шумораи умумии 12570 кӯдаки синни томактабӣ дар ноҳия, танҳо 1185 нафар ба муассисаҳо ҷалб шудаанд, ки 9,4 фоизи шумораи умумиро ташкил медод. Аз ҷумла, дар маркази ноҳия (шаҳрак) аз 1919 нафар кӯдаки синни томактабӣ, 723 нафар (37,6%) ва дар деҳот аз 10 651 нафар кӯдак, танҳо 462 нафар (4,3%) ба таълими томактабӣ фаро гирифта шуда буданд [10, 25-26].

Барномаи сохтмони муассисаҳои томактабӣ барои солҳои 1977-1979 таъсиси як қатор муассисаҳоро дар колхозу совхозҳо дар назар дошт. Аз ҷумла, дар колхози «Комсомол» – муассиса барои 90 ҷой, дар колхози ба номи Карл Маркс барои 140 ҷой ва дар колхози ба номи Жданов барои 90 ҷой пешбинӣ гардида буд. Бо вуҷуди ин, сохтмони бинои муассисаи томактабӣ дар шаҳраки Бӯстон, ки аз ҳисоби маблағгузориҳои давлатӣ барои соли 1979 ба нақша гирифта шуда буд, то ба охир дар мӯҳлати муқарраршуда ба анҷом нарасид.

Ҳамзамон, зарурати таъмини муассисаҳои томактабӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла мебели ҳозиразамон (мизи кӯдакона, курсӣ, ҷевон), таҷҳизоти мулоим (болишт, кӯрпа), лавозимоти варзишӣ (тӯб, курсии гимнастикӣ, лағжишгоҳ), маводи сохтмонӣ ва асбобу таҷҳизоти тиббӣ (тарозуи тиббӣ, сӯзандору, асбоби ченкунии қад ва ғайра) мавҷуд буд. Соли таҳсили 1979/80 13 нафар кормандони муассисаҳои томактабӣ курси такмили ихтисосро хатм карданд, вале масъалаи омӯзиши таҷриба ва интиқоли таҷрибаи пешқадам ба таври зарурӣ амалӣ намегардид [11,26].

Ҳамин тавр, тадриҷан иқтидори кадрии ноҳия, муассисаҳои маърифатии он инкишоф меёфт. Барои аҳолии ноҳияи соли 1978 26 китобхонаи умумӣ бо теъдоди 186,4 ҳазор нусха китоб, 20 клуб, як мактаби мусиқӣ, 18 кинотеатр, 14 дастгоҳи пахши кино мавҷуд буданд [5,3].

Шумораи мутахассисони маълумоти олидор дар соҳаи кишоварзии ноҳия аз 93 нафар соли 1975 соли 1978 ба 109 нафар расид [5,1].

Сокинони ноҳияи Масчоҳ дар аҳди Шуравӣ ҳамчун олим, донишмандони соҳибихтисос эътироф гардида, саҳми босазои худро дар рушди илму фарҳанги ҷумҳурӣ гузоштаанд. Доктcorrespond номзадҳои илм, ходимони зиёди соҳаҳои гуногуни илму адаб, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми илми муосир машғул гардида дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳкими пояҳои илми ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Яке аз чеҳраҳои маъруф ва шинохтаи Масчоҳ Юсуф Вафо - шоири хушзавқ, бедордил ва маърифатпарвари адабиёти шуравии тоҷик мебошад. Хизматҳои ӯ дар тарғибу ташвиқи армонҳои сохти нави Шуравӣ беҳамто буда, ӯро ҳамчун яке аз сарояндагони аслии арзишҳои замони нав мешиносанд [2,483-484].

2. Произведения таджикско-персидской миниатюры, изучение которых фиксирует множество вариантов одежды, бытующих с XIV века, разнообразие их назначения и способы ношения. В контексте темы представляют интерес произведения художников-миниатюристов Джунейда, Резы Аббаси, Камаледдина Бехзада, Али-Наки, Мухаммада Садики, Мира Афзала Туни, Муина Мусаввира, Шейхзаде, Абдулхая и других представителей различных таджикско-персидских школ. Анализ позволяет видеть, что в эволюции одежды Центральной Азии традиционализм и консерватизм, как правило, преобладали над инновационными решениями.

3. Фотоматериалы, выполненные в Центральной Азии в конце XIX - начале XX века, позволяющие получить представление как об одежде широкого обихода, так и о редких, нетипичных образцах. В их числе снимки С. М. Прокудина-Горского, П. Надара, Ф. Ордэ, С. М. Дудина и других дореволюционных фотографов [1]. Существенный материал содержат фотографии этнографической части «Туркестанского альбома» [10].

4. Предметы старинной одежды и элементы их декора, сохранившиеся в музейных коллекциях. В этом отношении заслуживает внимания коллекция Кунсткамеры, собранная Г. Г. Гульбиным и А. Л. Троицкой в верховьях Зеравшана в ходе Среднеазиатской этнологической экспедиции АН СССР 1926 и 1927 годов. Значительный интерес представляют многочисленные предметы одежды, приобретённые в эти годы для Музея антропологии и этнографии России у населения, в том числе таджикского, в Самарканде, Пенджикенте, Истаравшане, Ташкенте и других населённых пунктах Средней Азии [7,8].

При работе над настоящей темой могут быть использованы отдельные образцы одежды необычного исполнения из фондов Этнографического музея Таджикистана имени М. С. Андреева, а также некоторых других музеев республики.

Следует отметить, что попытки автора выявить дополнительные сведения по рассматриваемой проблематике в памятниках письменности Востока, в том числе на таджикско-персидском языке, не дали ощутимых результатов, что связано с отсутствием в них этнографической направленности.

Первые результаты выполненной работы позволяют сформулировать следующие положения:

- В Центральной Азии традиция украшения одежды вышивкой (включая вышивку бисером) восходит к эпохе энеолита – бронзового века. В древности и раннем средневековье применялись хлопчатобумажные, шерстяные, шёлковые и металлические нити; вышивка передавала растительные, зооморфные и орнитоморфные мотивы, а также мифологические образы.

Для традиционной таджикской вышивки долинных районов характерно преобладание растительных мотивов, тогда как в горных областях доминируют геометрические.

- К отличительным чертам традиционной национальной вышивки относится стремление к симметричной композиции орнамента. Вместе с тем выявлены об-

разцы, в которых орнамент выполнен с намеренным нарушением симметрии, что может рассматриваться как пример нетрадиционного подхода к вышивке [3].

- Генезис мужских брюк как предмета верхней одежды в Центральной Азии имеет локальные истоки: их ношение складывалось вследствие эволюции верхних штанов. Однако расширению сферы их использования способствовало усиление влияния русско-европейской одежды в конце XIX – начале XX века [4].

- Нетрадиционный стиль ношения мужской одежды проявился в практике заправки подола верхнего халата в поясную одежду. Данный приём стал одним из факторов появления верхней поясной одежды, послужившей прообразом мужских брюк.

- Одним из перспективных направлений совершенствования существующей типологии исторического и традиционного национального портновского дела является выявление малоизвестных образцов одежды нетрадиционного вида, практически не вошедших в поле зрения исследователей. Так, использование в равнинных районах среди таджичек XVIII - начала XIX века платьев с прозрачным передом представляет собой заметное отклонение от норм традиционной женской одежды.

- В типологию исторического женского костюма таджиков следует включить распашное платье, бытование которого засвидетельствовано в книжной миниатюре XVI-XVIII веков.

- Элементы нетрадиционного подхода к покрою и ношению одежды проявляются и в конструкции рукавов. Творческое отношение к портновскому делу обусловило появление таких разновидностей плечевой одежды, как халаты с рукавами разной длины, со сверхдлинными свободно свисающими декоративными рукавами, со сверхдлинными декоративными рукавами, закреплёнными на спине, с рукавами умеренной длины, фиксированными на спинке, а также со сверхдлинными функциональными рукавами. При этом пошив и ношение платья, у которого правый и левый рукава различаются по длине, представляет очевидное отклонение от устоявшихся традиций женской одежды таджиков [5].

В целом тема отличается новизной, а её дальнейшая разработка представляется перспективной и обладающей научной ценностью.

Полученные в ходе исследования материалы показывают, что историческая одежда таджиков отличается значительно более разнообразной системой форм, чем это отражено в современной типологии.

В различных регионах и в разные исторические периоды фиксируются явления, нарушающие привычные портновские каноны: платья с прозрачным передом, распашные женские платья, практика заправки подола халата в поясную одежду, что стало одним из факторов появления верхних брюк, а также различные разновидности рукавов - от функционально удлинённых до чисто декоративных, крепящихся на спине или свисающих свободно. Анализ миниатюры, фотоматериалов и музейных коллекций свидетельствует, что подобные особенности не были случайными, а отражали процессы художественного поиска, локальную моду или культурные влияния.

Выявление подобных образцов одежды делает возможным корректировку существующей типологии традиционного костюма, вводит в научный оборот новые факты и позволяет точнее реконструировать социальный и эстетический контекст прошлого.

Расширение исследовательского поля за счёт изучения забытых или малоизвестных предметов одежды открывает дальнейшие перспективы для истории материальной культуры таджиков, углубляет понимание эволюции костюма и способствует более полному отражению его многообразия.

Тем самым результаты работы подтверждают, что обращение к нетрадиционным формам одежды является перспективным научным направлением, важным для всестороннего исследования культурного наследия таджикского народа.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Длужневская Г. В. Взгляд современника. Фотографы в Русском Туркестане /Г. В. Длужневская //Туркестан в старых фотографиях и керамике. – М.: Государственный музей Востока. - С. 9-26.

2. Ефремов Ф. С. Российского унтер-офицера Ефремова, ныне коллежскаго ассесора, десятилетнее странствование и приключение в Бухарии, Хиве, Персии и Индии, и возвращение оттуда чрез Англию в Россию / Ф. С. Ефремов. – Санктпетербург, 1786. –224 с.

3. Кобилова М. П. Вышитые платья таджичек: Истоки искусства и композиционные особенности узора / М. П. Кобилова // Вестник Таджикского национального университета. - № 5. - Душанбе, 2018. – С. 47-52.

4. Кобилова М. П. К вопросу о генезисе неестественного стиля в мужском народном костюме таджиков /М. П. Кобилова, М. Ф. Иброхимов/ Вестник Технологического университета Таджикистана. - № 2(27). –Душанбе, 2016. - С. 135-137.

5. Кобилова М. П. К вопросу о типологическом разнообразии исторической одежды таджиков / М. П. Кобилова, А. Саидов // Историк. – № 4(20)2019. – Душанбе, 2019. – С. 143-147.

6. Кобилова М. П. Нетипичные явления в костюме как проявление культурного феномена / М. П. Кобилова// Вестник педагогического университета. -№5 (94). –Душанбе, 2021. – С.261-264.

7. Курылев Ф. П. Этнографические собрания МАЭ по народам Средней Азии и Казахстана / Ф. П. Курылев, Ф. Д. Люшкевич, М. В. Сазонова. Этнографические собрания МАЭ по народам Средней Азии и Казахстана. – Сборник Музея антропологии и этнографии. – СПб., 1980. – Т. 35. - С. 39.

8. Рассудова Р. Я. Материалы по одежде таджиков верховьев Зеравшана (по коллекциям и записям А. Л. Троицкой и Г. Г. Гульбина, 1926-1927 гг.) / Р. Я. Рассудова // Сборник Музея антропологии и этнографии. – Л., 1970. – Т. 26. Традиционная культура народов Передней и Средней Азии. – С. 16-51.

9. Сухарева О. А. Вопросы изучения костюма народов Средней Азии /О. А. Сухарева/ Костюм народов Средней Азии: Историко-этнографические очерки. – М.: Наука, 1979. - С. 3-13.

10. Туркестанский альбом. Часть этнографическая. 1871-1872 гг. – Ташкент: Изд. Туркестанского генерал-губернатора, 1872.

# НЕКОТОРЫЕ НЕХАРАКТЕРНЫЕ ЯВЛЕНИЯ В ИСТОРИЧЕСКОЙ ОДЕЖДЕ ТАДЖИКОВ

В последние годы наблюдается возрастающий интерес к исследованию традиционной материальной культуры народов Средней Азии, в том числе исторической одежды таджиков, которая представляет собой важный источник по изучению этнокультурных процессов региона. Однако существующая типология та-

джикского костюма не отражает всего разнообразия форм, конструктивных решений и декоративных особенностей, бытовавших в прошлом, что затрудняет комплексное понимание эволюции традиционной одежды.

Для решения данной проблемы в статье анализируются малоизвестные элементы исторического костюма, выявляются оригинальные способы покроя, декора и ношения одежды, а также рассматриваются вопросы их генезиса и функционального назначения. Исследование опирается на разнородные источники, включая музейные коллекции, архивные материалы и этнографические наблюдения, что позволяет восполнить существующие пробелы в изучении темы.

Проведённый анализ показывает, что ряд нехарактерных на первый взгляд конструктивных и декоративных особенностей таджикской одежды имеет глубокие историко-культурные корни и позволяет уточнить представления о путях формирования национального костюма. Полученные результаты подтверждают необходимость пересмотра и расширения существующих классификаций исторической одежды таджиков.

Сделанные выводы способствуют более глубокому пониманию материальной культуры таджиков и могут быть использованы при дальнейших этнографических, историко-культурологических и музейных исследованиях, а также при разработке обновлённой типологии традиционного костюма.

**Ключевые слова:** *таджики, материальная культура, традиционный костюм, историческая одежда, платье, халат, декор, вышивка.*

## SOME UNCHARACTERISTIC PHENOMENA IN THE HISTORICAL DRESS OF THE TAJIKS

In recent years, growing scholarly attention has been paid to the traditional material culture of Central Asian peoples, including the historical dress of the Tajiks, which serves as an important source for understanding ethnocultural processes in the region. However, the existing typology of Tajik historical clothing does not encompass the full diversity of garment forms, construction techniques, and decorative features that existed in the past, which complicates a comprehensive understanding of the costume's historical development.

To address this issue, the article examines lesser-known elements of historical Tajik dress, identifying original solutions in garment cut, decoration, and modes of wearing. It also investigates questions related to the genesis, functional purpose, and cultural context of individual costume components. The research draws upon diverse sources–including museum collections, archival materials, and ethnographic observations–thus helping to fill existing gaps in the field.

The analysis demonstrates that several unusual construction and decorative features, which appear uncharacteristic at first glance, have deep historical and cultural roots and refine current views on the formation of the traditional Tajik costume. The results confirm the necessity of revising and expanding the existing classifications of Tajik historical clothing.

The conclusions contribute to a deeper understanding of Tajik material culture and may be used in further ethnographic, cultural-historical, and museum studies, as well as in the development of an updated typology of traditional costume.

**Key words:** *Tajiks, material culture, traditional costume, historical clothing, dress, robe, decoration, embroidery.*

## БАЪЗЕ ПАДИДАҲОИ ҒАЙРИМАЪМУЛӢ ДАР ЛИБОСИ ТАЪРИХИИ ТОҶИКОН

Солҳои охир ба омӯзиши фарҳанги моддии анъанавии халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла либоси таърихии тоҷикон, таваҷҷуҳи илмӣ меафзояд. Либоси таърихӣ ҳамчун манбаи муҳимми омӯзиши равандҳои этнокултурии минтақа арзёбӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, навъи мавҷудаи либоси таърихии тоҷикон тамоми гуногунии шаклҳо, усулҳои дӯзандагӣ ва ҷиҳатҳои ороишии либосҳои гузаштагонро фаро намегирад, ки фаҳмиши ҳамаҷонибаи таҳаввули костюми миллиро нисбатан мушкил мегардонад.

Бо мақсади ҳалли ин масъала, дар мақола ҷузъҳои камомӯхташудаи либоси таърихии тоҷикон таҳлил шудаанд. Роҳҳои бемисли буриш, тарзи ороиш ва истифодаи либос муайян мешаванд. Ҳамчунин масоили марбут ба пайдоиш, таъинот ва заминаҳои фарҳангии унсурҳои алоҳидаи костюм мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таҳқиқот ба манбаъҳои гуногун - махзани осорхонаҳо, маводи бойгонӣ ва мушоҳидаҳои этнографӣ - такя мекунад ва ин имконият медиҳад, ки камбудиҳои мавҷуда дар омӯзиши мавзуъ пурра гарданд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки чанд хусусияти ғайримаъмулӣ-конструктивӣ ва ороишии либос, ки дар назар аввал ношинос менамоянд, решаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ доранд ва тасаввуроти имрӯзаро дар бораи ташаккули костюми миллӣ дақиқтар мегардонанд. Ин натиҷаҳо зарурати бознигарӣ ва тавсеаи типологияи навъи имрӯзаи либоси таърихии тоҷиконро тасдиқ мекунанд.

Хулосаҳои мақола барои дарки фарҳанги моддии тоҷикон мусоидат намуда, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи этнографӣ, таърихию фарҳангшиносӣ ва осорхонаҳо, инчунин ҳангоми таҳияи типологияи навшудаи либоси анъанавӣ истифода шаванд.

**Калидвожаҳо:** *тоҷикон, фарҳанги моддӣ, либоси анъанавӣ, либоси таърихӣ, пироҳан, хилъат, ороиш, гулдӯзӣ.*

**Сведения об авторе: Кобилова Мастона Пирумшоевна -** старший преподаватель Государственного института изобразительного искусства и дизайна Таджикистана, кандидат исторических наук. Телефон: (+992) 55-55-47-78 E-mail: k_mastona@mail.ru.

**About the author: Qobilova Mastona Pirumshoevna** – Senior Lecturer at the State Institute of Fine Arts and Design of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences. Telefон: (+992) 55-55-47-78. E-mail: k_mastona@mail.ru.

УДК 930.2:94 (575.1)

# МУНДАРИҶА ВА САБКИ ТАЪЛИФИ «ТАЪРИХИ САМАРҚАНД» - И ИДРИСӢ

**НАСРИДДИНОВ Ф. А.,**

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Китоби «Таърихи Самарқанд»-и Абусаъд Идрисӣ нахустин таснифи бо равиш дар маърифати донишмандони Самарқанд ва аввалин нигоштаи хоса дар бозшиносии фарҳангофарони ин шаҳри пероста ба ҳисоб меояд.

Китоби Идрисӣ аз осори хеле арзишманди тоҷикшиносӣ ба шумор рафта, дар Суғди куҳан тасниф гардидааст. Имрӯз асли «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ мафқуду нопайдост, аммо бино ба аҳамият ва эътиборе, ки дар аҳди худ ва асрҳои баъдӣ дар ҷомеаи илмӣ дошта, пораҳои зиёде аз он дар осори донишмандони дигар маҳфуз мондааст. Аз ҷамъ ва омӯзиши онҳо метавон то ҷое аз мундариҷаву таркиб ва сабки таълифи китоб огоҳӣ ба даст овард.

Дар идома бар пояи пораматнҳо ва гузоришҳои бозмонда аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ муҳимтарин нуктаҳоро роҷеъ ба мундариҷаву таркиб ва сабки таълифи китоби мазкур баррасӣ менамоем:[1]

1. *Ном, забон ва мавзуи китоб.* Номи аслӣ ва пурраи «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ «ал-Камол фӣ маърифати-р-риҷоли би Самарқанд» [13, 2, 296] буда, ба таври «ал-Камол фӣ маърифати-р-риҷоли мин уламои Самарқанд» низ ёд гардидааст [12, 51, 369].

Ба сурати ихтисории «ал-Камол» ҳам зикр ёфтааст [13, 2, 359, 4, 420; 12, 116 ва ғ.]. Дар манобеъ ба таври «ат-Таърих ли мадинати Самарқанд» [13,1,292], «ал-Камол ли-с-самарқандийин» [13,2,296] ва «Табақоту-с-самарқандийин» [3, 19, 622] низ омадааст. Аммо бештар бо номи «Таърихи Самарқанд» ёд гардида ва дар ҷомеаи илмӣ бо ҳамин исм шинохта шудааст.

«Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ дар муаррифии бузургмардони Самарқанд ба қалам омада, ба масобаи донишномаи донишмандони ин шаҳр мебошад. Муаллиф онро, чунонки номи аслии китоб низ бар он далолат менамояд, дар муаррифӣ ва зикри тарҷумаи ҳоли донишмандони Самарқанд тасниф намудааст. Китоб бо забони арабӣ навишта шудааст. Муроди муаллиф аз Самарқанд, на танҳо худи ин шаҳр, балки тамоми шаҳраку деҳкадаҳои афтофи он ва кулли Суғди куҳан (Суғди

**[1] Хотиррасон менамоем, ки ба хотири костан аз ҳаҷми мақола аз овардани асли иқтибосҳову гузоришҳои бозмонда аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ, ки ҳама бо забони арабӣ ҳастанд, сарфи назар намуда, онҳоро бо тарҷумаи хеш арза медорем.**

Самарқанд) будааст. Муаррифии донишмандон низ танҳо ба зодагони ин минтақа маҳдуд набуда, шомили ҳоли он олимоне низ мебошад, ки бо муҷибе ба Самарқанд ҳузур оварда, дар он ифодаву истифодаи дониш намуда будаанд.

*2. Замони тасниф.* Зоҳиран, Идрисӣ «Таърихи Самарқанд»-ро тахмин дар миёнаи нимаи дувуми садаи чоруми ҳиҷрии қамарӣ, дар айёми камолоти илмӣ, пеш аз соли 385 ҳиҷрӣ тасниф намудааст. Зеро вақте ки ба Бағдод меравад, китоби мазкурро ба Имом Доруқутнӣ, ки соли вафоташ 385 ҳ./995 аст, арза доштааст. Хатиб аз ин нукта дар «Таърихи Бағдод»-и худ чунин гузориш дода: «Идрисӣ … дар замони зиндагии Абулҳасани Доруқутнӣ ба Бағдод омад ва он ҷо ҳадис гуфт… Азҳарӣ бароям чунин фармуд: «Ман Абусаъди Идрисиро дидам, ки он китоберо, ки дар таърихи Самарқанд навишта буд, ба Абулҳасани Доруқутнӣ пешниҳод намуд. Ӯ бар он нигарист, он гоҳ гуфт: Ин китоби некуест» [20, 10, 302].[1]

«Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ дар айёми зиндагии мусанниф эътибори баланд меёбад. Донишмандони зиёд ба шунидан ва китобати он аз муаллиф эҳтимом менамоянд. Насафӣ аз афроде, ки ин китобро аз худи Идрисӣ шунида ва китобат намудаанд, гузориш додааст [12, 51, 116, 365]. Манзалати китоби мазкур муҷиб мегардад, то он дар рӯзгори муаллиф ба сурати гузида низ интишор ёбад. Муаллифи «ал-Қанд» менависад, ки (гурӯҳе) моҳи муҳаррами соли сесаду наваду ду мунтахаби китоби «ал-Камол»-ро, ки ӯ (Идрисӣ) тадвин намуда буд, дар маҳзараш хонданд [12, 369].

*3. Давраи баррасӣ.* Абусаъд Идрисӣ он донишмандони соҳибривоятеро, ки аз оғози дини мубини ислом то замони тасниф бо шаҳри Самарқанд рабт доштаанд, дар ин китоб муаррифӣ намудааст. Яъне, аз ибтидои раҳёбии ислом ба Самарқанд то охиртари аҳди Сомонӣ, ки китоб дар ҳамин мақтаи таърихӣ тасниф гардидааст. Зеро аз матнҳои бозмонда бармеояд, ки дар он афроде ҳам муаррифӣ шуда буданд, ки замонҳо пеш аз Идрисӣ зистаанд ва мусанниф ҳузури онҳоро дарнаёфтааст. Аммо аз онҳо ривоят ва нақли аҳодису ахбор сурат гирифта, интисоби онҳо ба соҳибаш субут ёфтааст. Идрисӣ дар ин навъ мавридҳо гоҳе ба пешгузашта ва солҳо муқаддам вафот карда будани онҳо ишора намудааст. Мисол: «Абусаъд Идрисӣ гуфта: «Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Убайдуллоҳи Разрозӣ… аз Разрозаи Самарқанд аст… Мисли ин ки солҳо пеш гузаштааст» [13, 3, 75]; «Абусаъд Идрисӣ гуфта: «Абуҳафс Муҳаммад ибни Наср ибни Ҳаммуяи Камарҷӣ, ки аз Абуҳафс Умар ибни Муҳаммад ибни Буҷайри Суғдӣ ривоят менамояд, аз ӯ писараш Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Наср ибни Ҳаммуя дар Размон, ки дар фосилаи ҳафт фарсах аз Самарқанд ҷойгир аст, ривоят кардааст. Чунин ба назар меояд, ки солҳо пеш зиндагиро падруд гуфтааст…» [13, 5, 94]; «Абусаъд Идрисӣ дар «Таърихи Самарқанд» навишта: «Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Коғазии Самарқандӣ… солҳо муқаддам вафот кардааст» [13, 2, 48]. Бешак, дар «Таърихи Са-

---

**[1] Таҳрири муаллифии осор ва такмили он амре маъмул аст. Аз ин рӯ, имкон дорад, ки Идрисӣ пас аз таснифи китоб пайваста онро таҳриру такмил намуда, бар гузоришҳои он афзуда бошад. Зеро дар «ал-Ансоб» зимни иқтибос аз «Таърихи Самарқанд»-и ӯ мехонем, ки даргузашти устодонаш Абуусмон Вазоғарии Самарқандӣ соли 386 ҳ.қ./996 ва Абӯбакр ибни Матти Иштеханиро соли 388 ҳ.қ./998 навиштааст [13, 1, 261; 5, 596].**

марқанд» аз ҳама бештар муосирон ва донишмандоне, ки Идрисӣ худ бо онҳо дидор ва робитаи илмӣ дошта, яъне, олимону фозилони давраи шукуфоии аҳди Сомонӣ муаррифӣ шудаанд.

*4. Меъёри интихоби донишмандон.* Назди Идрисӣ меъёри интихоб ва муаррифии донишмандон доштани ривоят ва нақли ахбор будааст. Ӯ кӯшида, то он донишмандони самарқандӣ ва бузургмардони ба ин шаҳр марбутро муаррифӣ намояд, ки ривояте босанад аз онҳо нақл гардида бошад. Дар ин маврид аз ҳама муқаддам ба он нафароне таваҷҷуҳ дошта, ки аҳодисеро мисли аҳли ҳадис бо иснод ривоят намуда бошанд. Ҳамчунин, кӯшида, то зикри донишмандоне, ки аз онҳо ривояте аз ашъору ахбор, наводиру ҳикоёт ва амсолу ҳикам бо санад нақл ёфта бошад, аз китоб берун намонад. Метавон аз иқтибос ва гузориши зерин бар ин нукта далел гирифт: «Абусаъд Идрисӣ навишта: «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шеъри форсӣ муқаддами ақрони хеш буд. Аз Исмоил ибни Муҳаммад ибни Аслами Қозии Самарқандӣ ҳикоятеро, ки онро аз ӯ Абуабдуллоҳ ибни Абуҳамзаи Самарқандӣ нақл намудааст, ривоят кардааст. Аз ӯ ҳадиси боиснодe намешиносем. Чун аз ӯ ривоятеро бидидам, тарки зикрашро некӯ наҳисобидам» [13, 3, 112].

*5. Шеваи танзим ва тартиби бозшиносии донишмандон.* Дар китоб, зоҳиран, тартиби муаррифиномаи донишмандон ва шеваи танзими мавод мувофиқи назми ҳуруфи алифбои арабӣ мураттаб гардида, шахсиятҳо бо назардошти ҳарфи аввали номи онҳо аз «алиф» то «ё» бозшиносӣ шуда будаанд. Ба ин сурат, ки аввал ному насабу таборнома, сипас куняву алқобу нисба оварда шуда будааст.

Ба таври мисол ба иқтибосҳо ва пораматнҳои маҳфузмондаи зер менигарем: Ибни Адим оварда: «Абусаъд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Идриси Астарободии Ҳофиз… дар «Таърихи Самарқанд»… фармуда: «Ҳасан ибни Абдулкарим, Абурабеи Ямомии Соҳилӣ дар синни миёнсолӣ… назди мо вориди Самарқанд шуд…» [5,5,2457]; «Абусаъди Идрисии Ҳофиз дар китоби «Таърихи Самарқанд»… навиштааст: «Муҳаммад ибни Аббоси Ғозии Ромӣ устоди фозилу порсо ва пешво дар илми тирандозист…» [13,3,31]; «Абусаъд Идрисӣ дар «Таърихи Самарқанд»… фармуда: «Абубакр ибни Матти Иштеханӣ шайхи фозилу порсост...» [13,1,261] ва ғ. Набояд баъзе аз гузоришҳои Самъониро, ки аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ овардааст, бо ин сабки таълиф мухолиф донист. Зеро Самъонӣ аксар ҳол ба тариқи озодтар аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ истифода намуда, як матлабро ба таври муҷаззо дар ду бахш овардааст. Яъне, ин тавр, ки нахуст бо сабки баргузидаи худ дар тадвини «ал-Ансоб» аввал куня, баъд ному насабро меоварад ва сипас мегӯяд, ки Идрисӣ инро гузориш намудааст ва он гоҳ матолиберо низ дар идома иқтибос меоварад. Ин навъ гузоришҳо дар ҳоли муқоисаи онҳо бо манбаи дигари иқтибос бештар равшан мегардад. Масалан, дар тавзеҳи нисбаи «Қуҳандизӣ», ки он ба шаҳраки дохилишаҳрӣ ва атрофаш деворкашида аз амокини мухталиф мансуб аст, дар «ал-Ансоб» мехонем: «… ва савум макон, мансуб ба Қуҳандизи Самарқанд аст. Аз мансубон ба он Абӯмуҳаммад Аҳмад ибни Абдуллоҳи Қуҳандизии Самарқандист. Абусаъди Идрисӣ ӯро дар «Таърихи Самарқанд» ёд намуда ва фармуда, ки ӯ аз Маъруф ибни Ҳассон, Аммор ибни Наср ҳадис ривоят менамояд. Саҳл ибни Халаф

ва Исмат ибни Масъуд аз ӯ ривоят кардаанд» [13, 4, 567]. Ёқут низ матлаби мазкурро аз Идрисӣ оварда, аммо онро ба сурати «Аҳмад ибни Абдуллоҳи Қуҳандизии Самарқандӣ, Абуабдуллоҳ» оғоз намуда, ки бо сабки аслии китоб мувофиқ аст [2, 4, 419].

Китоби «ал-Қанд фӣ зикри уламои Самарқанд»-и Насафӣ, ки зайле бар «Таърихи Самарқанд»-и Идрисист, низ сиҳҳати чунин шеваи танзим ва тартиби бозшиносиро таъйид менамояд. Зеро китоби Идрисӣ манбаи муҳимми илҳом барои Насафӣ буда, «ал-Қанд фӣ зикри уламои Самарқанд»-и ӯ дар ҳамсонӣ бо сабки таълиф ва шеваи танзими «Таърихи Самарқанд» тадвин гардидааст ва имрӯз дастрас мебошад. Шоистаи қайд кардан аст, ки имкон дорад, Идрисӣ китобро ба тартиби таърихӣ танзим намуда бошад. Яъне, шахсиятҳоро ба тартиби таърихи даргузашт оварда, зимни сол ё солҳои муайян муаррифиномаи онҳоро дар танзими дохилӣ ба тартиби ҳуруфи алифбо ҷой дода бошад. Зеро дар мавриде Самъонӣ чунин гузоришро овардааст: «Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Яҳёи Ҳиравии Бабнӣ – Абӯсаъди Идрисӣ ӯро дар китоби «Таърихи шаҳри Самарқанд» қабл аз соли сесаду чиҳил зикр намудааст… ва ӯ пеш аз соли сесаду чиҳил барои онҳо дар Самарқанд ҳадис гуфтааст» [13, 1, 278].

*6. Услуб ва тарҳи муаррифӣ.* Идрисӣ дар муаррифиномаи ҳар донишманд мувофиқ ба мақом ва маводи дастрас кӯшида, то зикри саҳеҳи ному насаб, куняву алқоб, нисбаву пеша, афроде, ки ӯ аз онҳо ривоят намуда, нафароне, ки аз ӯ ривоят менамоянд, таърихи мулоқот (агар ҳамзамон буда ва дидору баҳрабарии илмӣ сурат гирифта бошад), мақому манзалати илмӣ ва иҷтимоӣ, фазилатҳои барҷастаи шахсият, намунаи ривоят, соли вафот ва ғайраро дарҷ намояд.

Ба таври мисол ба намунаи зерин менигарем, ки дар тарҷумаи ҳоли Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мусо ибни Яздоди Розии Яздодӣ пас аз зикри шаҷараи ному насаб, тавзеҳи нисба ва тазаккури машоихи ӯ менависад: «Солҳои зиёд дар Самарқанд зиндагӣ намуд. Дар даврони мо қозии ин шаҳр буд. Сипас ба мансаби хазинадории волии Хуросон Мансур ибни Нуҳ мансуб гардид ва ба Бухоро рафт. Ӯро дар Самарқанд фарзандону наберагон аст. Соли сесаду панҷоҳу ҳафт дар Бухоро аз ӯ ҳадис навиштем. Пас аз замоне, ба андешаи ман соли сесаду шаст, ба Самарқанд бозомад. Ӯ дар ин шаҳр аҳлу манзил дошт. Дар он замон дар Самарқанд аз ӯ аҳодис навиштанд ва ман он айём дар шаҳр набудам. Он гоҳ мансаби қозигии Фарғонаро бар ухда гирифт. Пас ба Фарғона рафт ва ҳамон ҷо даргузашт. Тобуташро аз Фарғона ба Самарқанд оварданд ва он ҷо моҳи сафари соли сесаду шасту як дар мақбараи Чокардеза ба хок супориданд. Ӯ дар ривояти аҳодис муътамад ва фозилу донишманд буд. Ба мазҳаби аҳли раъй (ҳанафиён) интисоб дошт» [13, 5, 688].

*7. Баён ва тавзеҳи нисбаҳо.* Тавзеҳи нисба яке аз хусусиятҳои сабки таълифии Идрисӣ будааст. Дар ин замина, он тавзеҳоте, ки дар мавриди нисбаи донишмандони мансуб ба маҳалле хос аз Самарқанд, деҳкадаҳои атрофи он ва баъзе аз пешаву алқоб баён шудаанд, нодир ба шумор меоянд. Ҳамин вижагӣ сабаб гардида, то дар манобеи аъломи ансоб чунин гузоришҳои «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ ба таври манбаи муътабар ва аксар ҳол ягона истифода карда шавад. Масалан,

Самъонӣ нисбаи «Ромӣ»-ро пурра бар асоси гузориши Идрисӣ тавзеҳ дода, менависад: «Ромӣ, бо фатҳи «ро» ва дар охираш «мим» пас аз «алиф», ин нисбат ба санъати тирандозӣ бо камон ва дигар асбоби рамй аст. Ин нисбат хоси он гурӯҳи донишмандон аст, ки ихтиёран хидмати меҳану миллатро баргузида буданд. Абусаид Муҳаммад ибни Аббоси Ғозии Ромӣ аз ҷумлаи онҳост. Абусаъди Идрисии Ҳофиз дар китоби «Таърихи Самарқанд» зикри ӯро оварда, чунин навиштааст: «Муҳаммад ибни Аббоси Ғозии Ромӣ устоди фозилу порсо ва пешво дар илми тирандозӣ бар равиши Тоҳири Балхист ва куняташ Абусаиди Хайёт мебошад. Аз зоҳидону парҳезгорони аҳли рамй буд. Ба олимону фозилон муҳаббати беандоза дошт. Солҳои зиёд назди ӯ тирандозӣ омӯхтам. Сарварони ғозиҳо дар Самарқанд ҳама назди ӯ тарбият ёфтаанд. Ӯ аз Абулҳасан Муҳаммад ибни Абулфазли Самарқандӣ дар фазилати тирандозиву корзор аҳодис шунидааст. Мо аз ӯ (он) аҳодисро бинавиштем. Дар аввали соли ҳафтоду чаҳор ё охири соли сесаду ҳафтоду се вафот кардааст» [13,3,31]. Ё нисбаи «Қасрӣ», ки ба чандин макон аз ҷойҳои мухталиф мансуб аст. Яке аз онҳо қасри Рофеъ ибни Лайс ибни Наср ибни Сайёр дар Самарқанд мебошад. Самъонӣ дар ин маврид танҳо як нафарро шиносоӣ намуда, ки дар он «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ манбаи гузориши ӯ будааст. Чунонки оварда: «Абубакр Муҳаммад ибни Яҳё ибни Фатҳ ибни Муовия ибни Солеҳи Баззози Самарқандии Қасрӣ, ки аз аҳли қасри ёдшуда мебошад. Аз Убайдуллоҳ ибни Ҳаммоди Омулӣ ва дигарон ривоят менамояд. Абусаъд Идрисӣ гуфта: «Ӯ ба он сабаб «Қасрӣ» нисбат ёфта, ки дар қасри Рофеъ ибни Қайс сукунат менамуд» [13, 4, 513-514].

Ҳамчунин, тавзеҳоте, ки Идрисӣ дар мавриди нисбаҳои «Хайдаштарӣ», «Разрозӣ», «Бобдастонӣ», «Бобкиссӣ», «Камарҷӣ» «Бутайтинӣ», «Раҳҳол», «Бабнӣ», «Размозӣ», «Хенӣ», «Яздодӣ», «Дизакӣ», «Ховасӣ», «Ревдадӣ», «Ғотфарӣ», «Ғушдонӣ», «Корзанӣ», «Куҳандизӣ», «Файййӣ», «Қатавонӣ», «Музнӣ», «Урухсӣ», «Хузондӣ», «Банҷхенӣ», «Нундӣ», «Фағдезӣ», «Вазоғарӣ», «Эйзухӣ» ва ғ. арза доштааст, дар мисоли худ гузоришҳои хеле нодир ва гоҳе мунҳасир ба фард ҳисоб меёбанд.[1]

*8. Таваҷҷуҳ ба равобити илмиву адабӣ.* Идрисӣ дар «Таърихи Самарқанд»-и худ бо бозшиносии фозилоне, ки аз кишварҳои дигар буда, аммо ба муҷибе вориди Самарқанд шудаву он ҷо аз дониши худ дигаронро баҳравар намуданд ё аз дониши дигарон баҳравар гардиданд, таваҷҷуҳ мабзул дошта, нодиртарин маълумотҳоро дарҷ сохтааст. Ҳамин хусусияти китоб сабаб гардида, то он дар осори марбут ба таърихи шаҳре дигар ҳамчун манбаи ягона истифода гардад. Масалан, Ибни Адим дар «Буғят-ут-талаб фӣ таърихи Ҳалаб»-и худ дар муаррифии Ҳасан ибни Абдулкарим манбае муътамад ҷуз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ надошта ва танҳо бо иқтибоси гузориши он мавсуфро шиносоӣ намудааст. Чунонки навишта: «Ҳасан ибни Абдулкарим … Абусаъд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Идриси Астарободии Ҳофиз аз ӯ ривоят кардааст. Аз ӯ дар «Таърихи Самарқанд» ёд намуда ва фармуда: «Ҳасан ибни Абдулкарим, Абурабеи

**[1] Ҷиҳати омӯзиш ва боздиди аснод нисбаҳои мазкур аз «ал - Ансоб»-и Самъонӣ мутолиа гардад.**

Ямомии Соҳилӣ дар синни миёнсолӣ аз ҷониби Испеҷоб ҳамроҳи ғозиёне, ки озими корзори Рум буданд, назди мо вориди Самарқанд шуд. Аз фозилони аҳли ҳадис буд. Аҳодисро ҳифз медошту дармеёфт. Аз Воҳиб ибни Яҳёи Мозании Басрӣ, Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳими Саҳҳофи Исфаҳонӣ, Абуравқ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Бакри Ҳиззонии Басрӣ, Муҳаммад ибни Ҳамдуя ибни Саҳли Марвазӣ, Мунтасир ибни Муҳаммад ибни Мунтасири Дебоҷӣ, Алӣ ибни Ҳасани Қозии Шовғарӣ ҳадис ривоят менамояд. Аз ӯ аҳодис навиштем. Дар раҷаби соли сесаду шасту нуҳ дар Исфеҷоб аз дунё даргузашт» [5,5,2457]. Ҳамчунин, дар муаррифии Хайр ибни Алӣ, Абулфараҷи Тарасусӣ, ки ҳамчун сафир ба Хуросон омада, соли сесаду навад дар Самарқанд вафот намудааст, «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ манбаи ягонаи ӯ будааст [*ниг.* 5, 7, 3396].[1]

*9. Баҳрабарӣ аз манбаъҳои нодир.* Идрисӣ дар тадвини китоб, илова бар шунидаҳо ва навиштаҳои босанади худ, аз нигоштаҳои муътамади дигарон низ баҳра бурдааст. Масалан, дар «ал-Қанд» мехонем, ки Идрисӣ намунаи ривояте аз донишманди камшинохтаи самарқандиро аз китоби устодаш нақл намудааст. Чунончӣ омада: «Шайх Абусаъд Идрисӣ фармуда: «Ман дар китоби устодамон Муҳаммад ибни Фазлон ибни Сувайди Ҷурҷонӣ ба хатти худи ӯ хондам, ки чунин омада буд: «Ғиёс ибни Ҷибрили Муаллими Самарқандӣ ба мо нақл намуд…» [12, 645]. Ҳамин гуна, дигар намунаҳои нақли Идрисӣ аз устоди мазкураш дар ин китоб ба назар мерасад [*ниг.* 12, 301, 319, 645]. Ҳамчунин, Насафӣ оварда: «Абуҳафс Умар ибни Аҳмади Форсӣ ин гуна нақл намуда: «Ҳофиз Абусаъд Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Идрисӣ ба мо нақли хабар намуда, гуфт: «Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Иброҳими Мустамлӣ бароям китобе бо хатти қадим дод. Ман дар он (чунин) хондам: «Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайни Муктиби Самарқандӣ ба мо ривоят кард…» [12, 507].

Ҳамин тавр, дар мавриди гузориш аз он афроди марбут ба Самарқанд, ки ӯ онҳоро шахсан надида, бахусус касоне, ки хеле пештар гузаштаанд, аз навиштаи дигарон ва сарчашмаҳои муътамад кӯмак гирифтааст. Дар мавридҳое бо ҷумлаҳои «қадим-у-л-мавт», «кааннаҳу мота қадиман» (яъне, пешгузашта, мисли ин ки хеле пеш гузаштааст) ва амсоли ин бар ин нукта ишора кардааст.

*10. Ҷарҳу таъдил ва нақди ровӣ.* Абусаъд Идрисӣ аз муҳаддисони наққод мебошад. Бисёр мавридҳо бо истилоҳоти маъмул дар илми ҷарҳу таъдил ба нақди ровӣ пардохта, бар шахсияти ӯ дар маслаки ривоят баҳогузорӣ намудааст. Шавоҳид: «Абуиброҳим Исҳоқ ибни Исмоили Бобкиссии Самарқандии Музаккир…Ӯ ҳамонест, ки бинои Работи мураббаъро дар Самарқанд бар уҳда дошт. Дар аҳодисаш манокир ба назар меояд, ки умедворам аз ҷиҳати машоихи ӯ бошад» [13,1,242]; «Абуабдуллоҳ Муҳаммади Яздодӣ… ӯ дар ривояти аҳодис муътамад аст» [13,5,688]; «Абубакр Муҳаммади Размозии Суғдӣ … бар ӯ эроде нест, ровии муътамад ва некусамоъ буд» [13, 3, 60]; «Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Коғазии Самарқандӣ … Ӯ соҳиби ҳикоёту наводир буд. Исноди ӯ (дар нақли онҳо)

**[1] Барои маълумоти бештар дар ин маврид ба донишмандони муаррифишуда зимни нисбаҳои «Бардаӣ», «Бустӣ», «Бузҷонӣ», «Ҳенӣ», «Шубайлӣ», «Муҳаллибӣ» ва ғ. ба «ал-Ансоб» муроҷиа шавад.**

гоҳ қавию гоҳ заиф аст. (Онҳоро) дар хурдию бузургсолиаш (аз ровиён шунидаву) китобат кардааст…» [13, 2, 48]; «Қосим ибни Ҷаъфари Бутайтинӣ … Аз ӯ дар деҳкадааш ҳадис навиштем, аммо ман аз баъзе усули ӯ қаноатманд нагардидам» [13, 2, 77] ва ғ.[1]

*11. Диққат ба сиҳҳати ривоят.* Идрисӣ дар таснифи китоб ба асолати матлаб ва сиҳҳати истимои он диққат доштааст. Гоҳе аз касе ки ба ӯ ривоят менамуд, аслу санади онро талаб мекардааст. Ба таври мисол, ба иқтибосу гузоришҳои зерин менигарем: «Абусаъди Идрисии Ҳофиз гуфта: «Аз Муҳаммад ибни Ҳусайни Эйзухии Музаккири Самарқандӣ шунидам, ки мегуфт: «Аз падарам аҳодиси Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Фазли Балхии Қозиро истимоъ кардам. Аз ӯ талаб намудам, ки асли онро ба ман нишон диҳад, аммо гуфт, ки он (алҳол) ӯро дастрас нест» [13,1,237]; «Абусаъди Идрисии Ҳофиз дар «Таърихи Самарқанд» ӯро (Абуамр Лоҳиқ ибни Ҳусайни Садарии Мақдисӣ) зикр намуда ва гуфта: «Мефармуд, ки асли ӯ аз Байтулмақдис аст ва бисёр мегуфт, ки ӯ «Бағдодӣ» мебошад. Каззобу дурӯғбоф буд. Ҳадиси дурӯғин месохт ва онро ба ровиёни муътамад мепайваст. Аҳодиси бесанадро исноди ҷаълӣ медод. Аз касоне ҳадис ривоят мекард, ки аз онҳо нашунида буд. Рӯзе аз Рабеъ ибни Ҳассони Кашшӣ ва Муфаззал ибни Муҳаммади Ҷанадӣ ба мо ҳадис гуфт. Барояш гуфтам: «Куҷо ин ҳадисро навиштӣ ва кай аз онҳо китобат кардӣ?». Дар ҷавоб гуфт, ки аз онҳо дар Макка пас аз соли сесаду бист навиштааст. Он гоҳ гуфтам: «Аз онҳо чӣ гуна пас аз соли сесаду бист навиштӣ, ки ҳамоно он ду пеш аз ин сол вафот кардаанд?!...» [13, 3, 527-528].

*12. Овардани ашъор ва ривоёт.* Абусаъд Идрисӣ на танҳо ривояти аҳодису ахбор, балки наводиру ҳикоёт ва ашъору сурудаҳоро низ ҳамчун ривояти донишмандони соҳибривояти самарқандӣ нақл намудааст. Масалан, Хатиби Бағдодӣ меоварад: «Дар китоби Абусаъди Молинӣ хондам: «…Идрисӣ фармуда: Абулҳусайн Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Собити Бағдодӣ дар Самарқанд ба ман (шеъри зеринро) хонд ва гуфт: Абуумари Зоҳид – ғуломи Саълаб дар Бағдод ба ман – вақте барои касе, ки наздаш ворид шуд, аз ҷой бархост – ба хондани ин шеър пардохт:

Ло таронӣ абадан ук – риму зо молин лимолиҳи
Ло ва ло язрӣ биман – яъқилу ъиндӣ бисуи ҳолиҳи
Иннамо ақзӣ ъало зо – ка ва ҳозо бифиъолиҳи

(Тарҷума: Маро ҳаргиз чунин нахоҳӣ дид, ки тавонгарро ба хотири тавонгариаш гиромӣ дорам ва касеро, ки хирадмандаш ёбам, ба сабаби бадҳоливу тангдастиаш хор бигирам. Ҳамоно, ман бар ину он бо назардошти кирдораш муомила менамоям.) [20,1,300].

Самъонӣ дар нисбаи «Хенӣ» оварда: «Абусаъд Идрисӣ фармуда: Фақеҳ Абулфазли Тӯсӣ аз аҳли Хен – шаҳраке аз билоди Тӯс аст. Дар Самарқанд сукунат намуд. Фақеҳ, фозил, адиб ва шоир буд… Ӯ аз мову мо аз ӯ ҳикоёту ашъор шунидем ва китобат кардем» [13,2,432-433]. Идрисӣ дар асли китоб намунаи ашъори ӯро низ оварда будааст. Зеро Ҳозимӣ дар «Амокин»-и худ бо такя бар асли

---

[1] **Барои огоҳӣ аз дигар намунаҳои орои мунтақидонаи Идрисӣ ба афроди мансуб бар нисбаҳои «Исфанҷӣ», «Пастӣ», «Бобкиссӣ», «Банҷхенӣ», «Саллоҷ», «Холидӣ», «Хайём», «Камарҷӣ», «Садарӣ» ва ғ. ба «ал-Ансоб»-и Самъонӣ мурооҷиа шавад.**

«Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ зимни шаҳраки «Хен» аз Абулфазли Хении мазкур гузориш дода, дар охир навиштааст: «Абусаъд Идрисӣ дар «Таърихи Самарқанд» аз ӯ ёд карда, абёте аз шеърашро нақл намудааст» [21,1,43].[1]

Ҳамин гуна, метавон дар мавриди забти таърихи самои ривоят ва макони он, зикри номҳои осори шунида, тазаккури устодону шарикдарсон, баёни вазъи иҷтимоиву фарҳангӣ, тавзеҳи муомилот ва равобити илмиву адабӣ, ахбори унсурҳои фарҳангӣ, бозгӯии шеваҳои таълиму мактабдорӣ ва ғ. ҳамчун сабки таълиф ва мундариҷаи китоб ба таври алоҳида сухан гуфт. Аммо нуктаҳои зикргардида ва шавоҳиди овардашуда кофист, то дарёфта шавад, ки «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ чӣ сохту таркиб ва чӣ мундариҷаву муҳтаво доштааст ва донишмандони Самарқандро бо чӣ сабки таълиф бар асоси асноди нодир муаррифӣ намудааст.

Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқи мавзуъ дар ин мақола дар чунин нуктаҳо ҷамъ меоянд: а) «Таърихи Самарқанд»-и Абусаъд Идрисӣ аз ҷумлаи муҳиммтарини таърихномаҳои маҳаллӣ ба шумор омада, то ҳол ба таври шоиста муаррифӣ наёфтааст;

б) Абусаъд Идрисӣ дар «Таърихи Самарқанд»-и худ роҷеъ ба донишмандони Самарқанд ва навоҳии он маълумоти нодирро фароҳам овардааст;

в) асли китоби «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ имрӯз мафқуду нопайдост, аммо метавон аз пораматнҳои маҳфузмонда аз он мундариҷа ва сабки таълифи китобро маърифат намуд ва аз арзиши илмии он огоҳӣ ба даст оварد;

г) Идрисӣ «Таърихи Самарқанд»-и худро бо равиш тасниф намуда, дар он гузоришҳои дақиқро роҷеъ ба донишмандони Самарқанд ва ҳузуроварда бар он дарҷ намудааст;

ғ) Дар «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ бисёр амокини Суғди куҳан ва маҳаллаҳову мавзеъҳои муайяни Самарқанд ҳамроҳ бо донишмандони мансуб бар онҳо бозшиносӣ шудаанд. Чунин гузоришҳо бисёр нодир буда, аксар ҳол мунҳасир ба фард ва манбаи ягонаи шинохти онҳо мебошанд;

д) Идрисӣ бо ин китоб ба ваҷҳе хоста, то таъкид намояд, ки донишмандон таърихсозони воқеӣ мебошанд. Таҳқиқи рӯзгор ва кӯшишу пайкорҳои илмии эшон маърифати асили таърих ва авзои иҷтимоиву фарҳангиро ба бор меоварад;

**[1] Афзун бар ин пораматнҳо ва гузоришу иқтибосҳо аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ, ки зимни баррасии мавзуъ оварда шуданд, намунаҳои зиёди дигар дар манобеи муътамади куҳан ба таври назаррас маҳфуз мондааст. Барои боздиду мутолиаи бахши муҳимме аз онҳо ба осори зерин муроҷиат шавад: «Таърихи Бағдод»-и Хатиби Бағдодӣ (ваф. 463 ҳ./1071 м.): 1, 300, 328; 2, 8, 10, 17, 27; 3, 83, 194, 305, 332, 436; 4, 85, 87, 129, 330; 5, 211, 269, 347; 6,45, 99, 164; 7, 373; 9, 137, 327, 379, 442; 10, 13, 87, 136, 147, 162, 209, 302; 11, 88, 260, 311, 341; 12, 384, 466 ва ғ.; «ал-Қанд»-и Насафӣ (ваф. 537 ҳ./1142 м.), ки зайле бар «Таърихи Самарқанд»-и Идрисист: саҳ. 34, 46, 47, 50, 51, 62, 63, 64, 66, 67, 68, 69, 76, 77, 83, 89, 90, 92, 95, 109, 116, 119, 121, 122, 142, 144, 146, 149 ва ғ.; «ал-Ансоб»-и Самъонӣ: 1, 105, 108, 115, 116, 131, 132, 154, 169, 171, 224, 246, 248, 249, 252, 292, 295, 328, 363, 419, 430, 501; 2, 139-140, 141, 377 ва ғ.; «Таъриху мадинати Димишқ»-и Ибни Асокир (ваф. 571 ҳ./1175 м.): 52, 73, 76, 83, 88, 250-251; 54, 306; 55, 178; 56, 115, 160 ва ғ.; «ал-Амокин»-и Ҳозимӣ (ваф. 584 ҳ./1184 м.): 76; «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ (ваф. 626 ҳ./1229 м.): 1, 289; 2, 184, 411, 415; 3, 42; 4, 288, 357, 375, 419, 460, 479; 5, 79, 122, 244, 306 ва ғ.; «Буғят-ут-талаб»-и Ибни Адим (ваф. 660 ҳ./1162 м.): 5, 2457; 7, 3396 ва ғ.; «Сияру аъломи-н-нубало»-и Заҳабӣ (ваф. 748 ҳ./1374 м.): 13, 270; 14, 24, 402; 15, 32; 16, 413, 481; 17, 78, 225, 663 ва ғ.**

е) «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ аз ҷумлаи шоҳкориҳои омӯхтанашуда буда, омӯзишу бозсозӣ ва эҳёву нашри матнҳои бозмонда аз он асноди тозаву нодирро ба ҷомеаи илмӣ арза медорад.

## АДАБИЁТ


1. Бағдодӣ, Исмоилпошо ибни Муҳаммадамин. Ҳадийят-ул-орифин. –Ҷ.1. -Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008. -512 с.
2. Ёқути Ҳамавӣ, Абуабдуллоҳ Ёқут ибни Абдуллоҳ ал-Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон. –Ҷ.4. -Бейрут: Дору Содир. -501 с.
3. Заҳабӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аълом ан-нубало. –Ҷ.19. -Бейрут: Муассисат-ур-рисола, 1985. - 696 с.
4. Зириклӣ, Хайриддин. ал-Аълом. –Ҷ.1. -Бейрут: Дор-ул-илм ли-л-малойин, 2002. -336 с.
5. Ибни Адим, Умар ибни Аҳмад. Буғят-ут-талаб фӣ торихи Ҳалаб. –Ҷ.5. - Бейрут: Дор-ул-фикр, бидуни соли нашр. -473 с.
6. Ибни Асир, Иззуддин ибни Асири Ҷазарӣ. ал-Лубоб фӣ таҳзиб ал-Ансоб. –Ҷ.1. -Бағдод: Мактабату Мусанно. -543 с.
7. Ибни Асокир, Алӣ ибни Ҳасан. Ториху мадинати Димишқ. -Бейрут: Дор-ул-фикр, 1415. -586 с.
8. Ибни Имод, Шиҳобиддин Абдулҳай ибни Аҳмади Димишқӣ. Шазарот-уз-заҳаб.-Димишқ: Дору Ибни Касир, 1989. -524 с.
9. Ибни Халликон, Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад. Вафийёт-ул-аъён.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998. -524 с.
10. Карл Броккелман. Таърих ал-адаб ал-арабӣ. –Ҷ.1. -Риёз: Мактабат-уш-шомила, 2004. -283 с.
11. Қазвинӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммади Рофеӣ. ат-Тадвин фӣ ахбори Қазвин.-Ҷ.4. -Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1407. -421 с.
12. Насафӣ, Наҷмуддин Умар ибни Муҳаммад. ал-Қанд.-Теҳрон: Мероси мактуб, 1378.- 878 с.
13. Самъонӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад. ал-Ансоб / Бо ҳавошии Муҳаммад Абдулқодир Ато. -Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1998. -993 с.
14. Самъонӣ, Абдулкарим ибни Муҳаммад. ал-Ансоб / Тасҳеҳ ва таъliқи Шайх Абдурраҳмон ибни Яҳё ал-Муалламии Ямонӣ.-Ҳайдаробод, 1962. -664 с.
15. Сафадӣ, Салоҳиддин Халил ибни Айбак. ал-Вофӣ би-л-вафаёт.-Бейрут: Дор-ул-эҳё ат-турос ал-арабӣ, 2002. -570 с.
16. Саховӣ, Шамсиддин Муҳаммад ибни Абдурраҳмон. ал-Иълон-ут-тавбих лиман замма-т-таърих.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1414. -805 с.
17. Саҳмӣ Абулқосим Ҳамза ибни Юсуф.Таърихи Ҷурҷон.-Бейрут: Олам-ул-китоб, 1407.-660 с.
18. Умар Ризо Каҳҳола. Муъҷам-ул-муаллифин. -Бейрут: Дору эҳё ат-турос ал-арабӣ, 1957. -338 с.
19. Фуод Сазгин. Таърих-ут-турос ал-арабӣ.-Риёз: Дор-ус-сақофати ва-н-нашр, 1991. -710 с.
20. Хатиби Бағдодӣ, Абубакр Аҳмад ибни Алӣ. Таърихи Бағдод.-Бейрут: Дор-ул-ғарб ал-исломӣ, 1422. -440 с.
21. Ҳозимӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Мӯсо. ал-Амокин ав мо иттафақа лафзуҳу ва ифтарақа мусаммоҳу мина-л-амкинати, бидуни зикри макон ва ҷойи нашр. -1122 с.
22. Ҳоҷӣ Халифа, Мустафо ибни Абдуллоҳ. Кашф-уз-зунун.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2005, иборат аз се ҷилд. -521 с.


## МУНДАРИҶА ВА САБКИ ТАЪЛИФИ «ТАЪРИХИ САМАРҚАНД» - И ИДРИСӢ

Дар мақола мундариҷа ва сабки таълифи яке аз таърихномаҳои маҳаллии ношинохта – «Таърихи Самарқанд»-и Абусаъд Идрисӣ ба таври равишманд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таърихномаи мазкур дар Суғди куҳан пеш аз соли 385 ҳ./995 м. бо забони арабӣ тасниф гардидааст.

Асли китоб имрӯз мафқуд буда, аз он иқтибосоту пораматнҳо дар дохили сарчашмаҳои муътабар маҳфуз мондааст. Муҳаққиқ бо ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва омӯзишу таҳлили пораматнҳои бозмонда аз китоб мавзуъро таҳқиқ намудааст.

Дар беш аз даҳ зербаҳс масъалаҳои ном, забон ва мавзуи китоб; замони тасниф; давраи баррасӣ; меъёри интихоби донишмандон; шеваи танзим ва тартиби бозшиносӣ; услуб ва тарҳи муаррифӣ; баён ва тавзеҳи нисбаҳо; таваҷҷуҳ ба равобити илмиву адабӣ; баҳрабарӣ аз манбаъҳои нодир; ҷарҳу таъдил ва нақди ровӣ; диққат ба сиҳҳати ривоят; овардани ашъор ва ривоёт ҳамчун меҳварҳои шинохти мундариҷа ва сабки таълифи «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ муаррифӣ ёфта, дар онҳо мавзуъ бо шавоҳиди зиёд мудаллал сохта шудааст.

Дар ниҳояти таҳқиқ хулосаҳои мушаххаси илмӣ дарҷ ёфта, дар онҳо бар аҳаммияти шинохт ва бозсозиву нашри матнҳои бозмонда аз «Таърихи Самарқанд»-и Идрисӣ таъкид гардидааст. Дар ҳошияҳо оид ба баъзе масъалаҳои тавзеҳталаби мавзуъ шарҳи бештар ва далелу раҳнамоиҳои судманд оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** *Абусаъд Идрисӣ, «Таърихи Самарқанд», Самарқанд, Суғди куҳан, мундариҷа, сабки таълиф, таърихномаҳои маҳаллӣ.*

## СОДЕРЖАНИЕ И СТИЛЬ ИЗЛОЖЕНИЯ В «ИСТОРИИ САМАРКАНДА» ИДРИСИ

В статье рассматриваются содержание и стиль изложения одного из малоизвестных местных исторических сочинений - «История Самарканда» Абу Саида Идриси. Данный труд был составлен на арабском языке в древнем Согде до 385 г. х./995 г. н.э.

Оригинал книги не сохранился, однако отрывки и цитаты из неё дошли до нас в составе авторитетных источников. Автор исследования провёл научный анализ, собрав и изучив сохранившиеся фрагменты текста.

В более чем десяти подтемах рассмотрены вопросы названия, языка и содержания книги; времени её появления; исторического периода, охваченного в труде; критериев отбора учёных; методов структурирования и систематизации материала; стилистики и формы представления; объяснения происхождения нисб; внимание к научным и литературным связям; использование редких источников; приемов критического анализа и редактирования; достоверности преданий; а также роли стихов и рассказов в раскрытии содержания и стиля «Истории Самарканда» Идриси. Каждая из тем подкрепляется многочисленными свидетельствами.

В заключении сформулированы научные выводы, подчёркивается значимость изучения, восстановления и публикации сохранившихся фрагментов «Истории Самарканда» Идриси. В сносках к статье даны дополнительные разъяснения и полезные справочные материалы по ряду спорных и сложных вопросов.

**Ключевые слова:** *Абу Саид Идриси, «История Самарканда», Самарканд, древний Согд, содержание, стиль изложения, местные исторические сочинения.*

# CONTENT AND COMPOSITION STYLE OF IDRISĪ'S «HISTORY OF SAMARKAND»

The given article systematically dwells on the content and composition style of one of the lesser-known local historical chronicles - The History of Samarkand by Abū Saʿīd Idrisī. This historical work was composed in Arabic in ancient Sogd before the year 385 AH / 995 CE.

Although the original manuscript has been lost, excerpts and quotations from it have been preserved in authoritative sources. The author of the article considers the topic by collecting, analyzing, and interpreting the surviving fragments.

The study addresses more than ten subtopics, including the title, language, and subject of the book; its date of composition; the historical period it covers; criteria for selecting scholars; methods of organization and systematization; style and presentation format; explanation of nisbas; attention to intellectual and literary relations; use of rare sources; critique and revision of narrations; accuracy of transmitted accounts; and the inclusion of poetry and narratives as central elements for understanding the content and stylistic features of Idrisī's History of Samarkand. These discussions are supported by extensive textual evidence.

The study concludes with specific academic findings that emphasize the importance of recognizing, reconstructing, and publishing the remaining fragments of Idrisī's work. The footnotes provide further clarification and helpful references on several issues requiring deeper explanation.

**Key words:** *Abū Saʿīd Idrisī, History of Samarkand, Samarkand, ancient Sogd, content, composition style, local historiography.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Насриддинов Фахриддин Абдуманонович -** доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тел: (91) 729 - 15 03. E-mail: fahr79@mail.ru

**Сведения об авторе: Насриддинов Фахриддин Абдуманонович**-доктор филологических наук, профессор кафедры языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Тел: (91) 729 -15 -03. E-mail: fahr79@mail.ru

**About the author: Nasriddinov Fakhriddin Abdumanonovich** - Dr. of Philology, Professor of the department of language and literature under Khujand State University named after acad. B.Gafurov. Tel: (91) 729 -15 -03. E-mail: fahr79@mail.ru

УДК 930.1:94 (560)

# ИНЪИКОСИ ВАҲШОНИЯТҲОИ ТЕМУР ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК АҲРОР МУХТОРОВ[1]

**МУРОДЗОДА А. А.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Академик Аҳрор Мухторов яке аз муаррихони сермаҳсул дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, осори баргузидаи ӯ фарогири соҳаҳои гуногуни илми таърих мебошад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки олим ба масоили мухталифи давраҳои асримиёнагии халқҳои минтақа асарҳои зиёди илмӣ таълиф намудааст. Аз ҷумла, дар баробари омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар як зумра асарҳои худ ваҳшониятҳои Темурро низ мавриди баррасӣ қарор додааст [7, 304, 5, 183, 8, 149-154, 6, 303, 9].

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз як идда олимони ӯзбек дар аҳди Шуравӣ саъю талоши зиёде кардаанд, ки ин чеҳраи манфурро дар саҳифаи таърих бо он ҷиноятҳои содиркардааш ба таври «созанда» ва «бунёдкор» ҷилва диҳанд.

Бояд гуфт, ки воқеан саъю талошҳо барои гузоштани пайкараи Темур дар Узбекистон ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри XX ба миён омада буд. Маҳз, дар ҳамин давра сармуҳаррири маҷаллаи «Гулистон» - Алихон Соғунӣ асари «Тузукоти Темурӣ»-ро дар якчанд шумораҳои ин маҷалла аз забони форсӣ бо забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр карда, бо «ифтихор» ин асарро моли Темур мансуб донистааст. Ин мақола дар байни олимони собиқ Шуравӣ вокунишеро ба бор овард. Бояд гуфт, ки гӯё навишта шудани асари «Тузукоти Темурӣ» аз ҷониби «Темур» муаррихину муҳаққиқинро зери шубҳа қарор дод. Мавриди зикр аст, ки то имрӯз як идда аз муаррихони ӯзбек даъво аз он доранд, ки асари «Тузукоти Темурӣ»-ро маҳз Темур навиштааст. Гарчанде ки шарқшиноси барҷаста академик В. В. Бартолд ва дигар муаррихон мансуб ба Темур будани ин асарро қотеъона инкор мекунанд [8, 149-154].

Аз ҷумла, академик Аҳрор Мухторов дар ҳаммуаллифӣ бо нависанда Раҳим Ҳошим мақолаеро зери унвони «Журнали «Гулистон», Алихон Соғунӣ ва Темури ланг» [8, 149-154] дар маҷаллаи «Садои Шарқ» бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Ҳамзамон, муаллифон қайд мекунанд, ки «…ба қалами худи Темур таалluқ доштани «Тузукот»…беасос ва аз ҳақиқат дур мебошад. Агар ин асар,…аз тарафи худи «ҷаҳонгир» таълиф меёфт, муаррихони давраи Темур, ки асарҳои худро бевосита пас аз марги вай

[1] **Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик (асри III – аввали асри XX)», рақами қайди давлатӣ 0121TJ1211 навишта шудааст.**

навиштаанд, дар таълифоти худ ҳатман ба он истинод карданашон лозим буд» [8, 150].

Академик Аҳрор Мухторов дар асоси маъхазҳои муътамади таърихӣ аз қабили «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Таърихи Темурланг»-и Фома Месопскӣ ва дигарон исбот карданд, ки Темур муаллифи асари «Тузукоти Темурӣ» ба ҳисоб намеравад.

Олим барои тақвияти сухани худ дар мақола иқтибосеро аз шарқшиноси машҳури рус академик В. В. Бартолд ҷой додаанд, ки дар он, аз ҷумла омадааст: «Темур чи дар замони осоиштагӣ ва чи ҳангоми ҷанг муншиёни форс ва уйғур дар ҳузур дошт, ки вақоеи замонашро менавиштанд» [2, 201, 13, 42-74].

Муаллифи араб Ибни Арабшоҳ низ аз сатҳу савияи дониши Темур чунин ишора мекунад: «Ӯ худ навиштан ва хондан намедонист ва аз арабӣ баҳра надошт. Луғатҳои порсӣ, туркӣ ва муғулӣ дар сухан ба кор мебурд» [3,237].

Тибқи иттилои академик В. В. Бартолд «Тузукоти Темур»-и дар асри XVII дар Ҳиндустон эҷод шудааст [2, 201], бояд гуфт, ки ин ба ҳақиқат наздик аст.

«Тузукоти Темурӣ» зери унвони «Малфузоти Темурӣ» низ маълум аст. То имрӯз муаллифи ин асар дақиқ муайян нашудааст. Иддае даъвии беасос доранд, ки гӯё асли туркии асар ёддоштҳои худи Темурро ифода мекунад, онро аз китобхонаи ҳокими Яман Ҷаъфаршо нафаре бо номи Абутолиби Аризӣ ҳангоми сафараш ба Арабистон пайдо кардааст, он тақрибан солҳои 1047/1637-1638 тарҷума шуда ва ба шоҳи темурии Ҳиндустон Шоҳҷаҳон ҳадя шудааст. Бо дастури Шоҳҷаҳон тайи солҳои 1047/1637-1638 Муҳаммад Афзалӣ Бухорӣ ҳаёт ва фаъолияти Темурро то охири умраш, яъне соли 807/1405 навиштааст. Ин нашри мукаммал «Малфузоти соҳибқирон» ном дорад. Дертар ин асар соли 1836 бо дастури амири Хуқанд Муҳаммадалихон (1822-1842) аз ҷониби Набиҷон Ҳотиф аз забони форсӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда шуд.

Адабиётшинос Э. Блоше ин китобро сохтакорӣ медонад ва бовар дорад, ки ин асарро худи Абутолиби Аризӣ дар асоси «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Бобурнома»-и Бобур Мирзо ва дигар асарҳои таърихӣ навиштааст.

Муаррихи дарбори Темур Низомуддини Шомӣ, ки ба тамоми аснод ва мадорики расмӣ ва муътабари замони худ дастрасӣ доштааст, дар ин замина чизе намегӯяд.

Дар ҷойи дигар муаллифон қайд мекунанд, ки «…кишваркушоиҳои хунрезонаи Темур барои мо ҳаргиз мавриди ифтихор шуда наметавонад. Темур ҳарчанд бо сарвати аз кишварҳои дигар ба яғмо бурдааш ба ободии баъзе шаҳру вилоятҳои Осиёи Миёна кӯшидааст, вале ба чӣ баҳо ба даст даромадани ин ободкориҳоро фаромӯш набояд кард. Бинобар ин мо ҷаҳонгирии хунрезонаи Темурро маҳкум менамоем» [8, 153].

Ҳамзамон, Ибни Арабшоҳ дар бораи вайрону валангор кардани Систон аз ҷониби Темур чунин нигоштааст: «Ба ҳар ҷо биное дид, вайрон кард ва ба ҳар гӯша дарахту гиёҳе ёфт, аз реша барандохт. Дар тане тавоне ва аз чизе нишоне бар ҷо нагузошт:

На як нафас, к-аз вай барояд нафас,
На як додхоҳу на як додрас» [3, 55].

Дере нагузашта соли 1968 олими дигари ӯзбек И. Муминов рисолае зери унвони «Роль и место амира Тимура в истории Средней Азии в свете данных письменных источников» [4, 48] ба чоп расонд. Дар ин рисола муаллиф то он ҷое ки тавонистааст, Темурро барои «бунёдкориҳояш» ситоиш кардааст. Пас аз нашри ин рисола воқеан аз ҷониби як идда олимон А. П. Новоселтсев [10,3-20], аз ҷумла, олими узбек М. Абдураимов [1, 83-90], зери тозиёнаи танқид гирифта шуд.

Ё худ дар ҷойи дигар, чунин иброз медоранд: «Муаллиф…бо саъю кӯшиши тамом васфу тараннуми Темури ланг барин қотили гузаро ва яғмогарро оғоз кард, ки ҳанӯз ҳам поён наёфтааст» [12, 157].

Воқеан дар рисолаи Иброҳим Муъминов ваҳшониятҳо, куштору қатли ом ва вайрону валангор сохтани шаҳрҳо аз ҷониби Темур аз мадди назари олим дур монда, танҳо ба таърифу тавсифи ин золим пардохтаасту халос.

Пас аз интишори ин рисола, академик Аҳрор Мухторов бо супориши аллома Бобоҷон Ғафуров доир ба он низ мақолаи ҷавобӣ навишт, вале мутаассифона тавре ки худи муаллиф қайд кардааст, маҳз як идда олимони тоҷик садди роҳи нашри мақолаи ӯ гаштанд [5, 126].

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки академик Аҳрор Мухторов дар асари дигари таърихии худ «Ҳисор. Очерки таърихӣ (охири асри XV-XX)» [7, 304], ки соли 1995 ба нашр расонд, ба бисёр паҳлуҳои норавшани ин давраи таърихӣ, хусусан аҳди Темуриён бо истифода аз сарчашмаҳои нави таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Бояд қайд кард, ки академик А. Мухторов дар баёни ҳаводиси ин давраи таърихӣ бештар ба асарҳои «Бобурнома»-и Бобур мирзо, «Шайбонинома»-и Муҳаммад Солеҳ, «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров такя кардааст.

Муаллиф воқеъбинона қайд мекунад, ки «Дар асрҳои XV-XVI, Ҳисори Шодмон пойтахти вилояти калоне буд, ки бо дигар давлатҳои Мовароуннаҳр дар як радиф истода, гоҳ барои ишғоли мулкҳои ҳамсоя лашкар мекашид, гоҳ барои нигоҳ доштани истиқлолияти худ бо муваффақият мубориза мебурд» [7, 32].

Тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ мулки Ҳисор, хусусан дар аҳди зимомдории намояндагони хонадони Темуриён ба мавзеи муноқишаҳои ҳарбу зарби ин ё он ҳокимони дохил ва хориҷ мубаддал гардида буд. Дар чунин ҳолат аҳолии ин мулк дар зери зулму истибдоди аҷнабиён қарор дошт, хусусан барои ба даст овардани ҳокимият чаҳор маротиба лашкаркашии Бобур мирзо аз Хуросон ба Самарқанд. Ҳамзамон, муаллиф роҷеъ ба ҳокимони Ҳисор шуруъ аз нимаи дуюми асри XV сар карда чунин маълумот додааст.

Дар миёнаи асри XV ҳокими Ҳисор Қамбаралибек буд, ки дар тобеъияти Самарқанд қарор дошт. Ҳокими дигари мулки Ҳисор Маҳмуд мирзо буд. Тибқи иттилои Бобур Маҳмуд мирзо бисёр шахси золим ва бадахлоқ буд. Ӯ ҳангоми лашкаркашӣ ба Хуросон, аз ҷониби Ҳусайн Бойқаро шикаст хӯрда, ба назди бародараш султон Аҳмад, ки ҳокими Самарқанд буд, меояд. Дере нагузашта

султон Маҳмуд, ҳамроҳи як идда наздикони худ тарки Самарқанд карда, рӯ ба мулки Ҳисор оварданд. Дар ин вақт тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ ҳокими Ҳисор Қамбаралибек буд. Бо омадани султон Маҳмуд ба Ҳисор Қамбаралибек тарки ин мулк карда, рӯ ба гурез ниҳод.

Султон Маҳмуд мирзо бошад, бемуноқиша ҳокимияти Тирмиз, Чағониён, Ҳисор, Хутал, Қундуз ва Бадахшон, то қаторкӯҳи Ҳиндукушро ба зери тасарруфи худ медарорад [7,37]. Ҳамчунин пас аз вафоти бародари худ Аҳмад мирзо (1494) ҳокимияти Самарқандро низ ба зери тасарруфи худ медарорад.

Султон Маҳмуд мирзо ҳангоми дар Самарқанд ҳоким буданаш, писари худ султон Масъудро ҳокими Ҳисор таъйин кард. Зимни ҳукмронии султон Масъуд авзои сиёсии Ҳисор на ҳама вақт ором буд, зеро пайваста барои ба даст овардани ин мулк аз ҷониби як идда ҳокимон, хусусан Ҳусайн Бойқаро талошҳои зиёд ба амал омад.

Ҳусайн Бойқаро бо лашкариёни худ маҷбур мешавад, ки Ҳисорро ба муҳосира гирад.

Ҳусайн Бойқаро пас аз нокомиҳо маҷбур шуд, ки роҳи сулҳро пеша кунад. Тавре ки муаллиф қайд мекунад: «Султон Ҳусайн Бойқарои дар замони худ тавонотарин ва бузургтарин намояндаи хонадони Темуриён, Ҳисор ва Қундузро ду маротиба ҳам ишғол карда натавонист» [7, 40]. Тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ, воқеан аз ин задухӯрдҳо мардуми таҳҷоӣ зиёни зиёде дидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки олимони ӯзбек дар замони истиқлолият таваҷҷуҳи бештар ба ҳаёт ва фаъолияти Темур ва Темуриён кардаанд. Бо ҳар роҳу восита то имрӯз саъю талош доранд, ки аз чеҳраи манфури Темур як «чеҳраи мондагор» барои насли оянда ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бисозанд. Барои ин аз ҳама ҳақиқати таърихӣ сарфи назар доранд. Ҳол он ки дар аҳди Шуравӣ олими узбек А. Абдураҳимов дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ мақолаи калонҳаҷмеро дар бораи ваҳшониятҳои Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар минтақаҳо нашр намудааст, ки дигар ҳеҷ зарурате нест, ки аз Темур як чеҳраи созанда бисохт.

Барои ҳалли масъалаи дигари баҳсталаб, дақиқ муайян кардани қабри Темур ақидаҳои мухталиф вуҷуд доштанд. Бояд қайд кард, ки устод Айнӣ яке аз шоҳидони бевоситаи канда шудани қабри Темур ва аҳли хонадони ӯ дар мақбараи Гӯри Амир буд, ки тафсилоти онро академик А. Мухторов дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти унвони «Баъзе андешаҳо перомуни филми Темур» [9], муфассал баён намудааст.

Моҳи июни соли 1941 муҳаққиқон мехостанд мушаххас намоянд, ки Темур дар ҳақиқат дар мақбараи Гӯри Амир дафн шудааст ё на. Чунки Абдутоҳири Самарқандӣ дар асари худ «Самария» қайд намудааст, ки ҷасади Темур дар мақбараи Гӯри Амир вуҷуд надорад.

Тибқи иттилои муаллифи «Самария» гӯё Шоҳрух аз фавти падараш Темур огоҳ гашта, аз Ҳирот ба Самарқанд меояд ва ҷасади ӯро дар ҷойи дигар мегӯронад. Иддаи дигаре мегуфтанд, ки қабри Темур дар Утрор аст.

Бо ҳамин мақсад тахтасанги болои қабри Темурро, ки 240 пуд, ё ки 3840 киллограм вазн дошт мебардоранд. Ҳангоми кушодани қабр, ҳайати комиссия дар

тааҷҷуб монданд, чунки онҳо ҷасади Темурро на дар кафан, балки дар тобут дарёфтанд [11].

Садриддин Айнӣ, ки он вақт ҳамчун иштироккунандаи ҳафриёт дар кушодашавии қабри Темур ҳузур дошт, тааҷҷуби аъзои комиссия ва экспедитсияро аз нуқтаи назари таърихӣ чунин шарҳ медиҳад: «Одатан мусулмонҳо мурдагони худро бе тобут мегӯрониданд, аммо вақте ки наъшро аз ҷойи дур меоваранд, ҳатман барои он тобут месохтанд, то ки ҷасад дар вақти аз роҳҳои дур овардан маҳфуз монад» [11].

Аз суханони устод Айнӣ бармеояд, ки Темур на бо расму русуми мусулмонӣ, балки бо ойини муғулӣ дафн шуда буд. Дар эътиқоди ӯ дини ислом воситаи амалӣ сохтани мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ маҳсуб меёфт.

Устод дар ин мақолаи худ роҷеъ ба суханпардозиҳои кинорежиссёри ӯзбек Қаюмов нисбат ба Темур, ки гӯё бо кушодани қабри ӯ Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз шуд, бо факту далелҳои муътамади таърихӣ рад карданд.

Бояд гуфт, ки академик Аҳрор Мухторов дар асарҳои худ тавонистааст, ки ваҳшониятҳои дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон содиркардаи Темурро бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ воқеъбинона мавриди баррасӣ қарор диҳад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураимов М. А. Обзор литературы, посвящённой Тимуру и Тимуридам, изданной в Узбекистане в 1960-х годах /М. А. Абдураимов// История СССР. – 1973. – № 5 (сентябрь–октябрь). – С. 83-90.
2. Бартольд В. В. Мир Али Шир и политическая жизнь /В. В. Бартольд /Собрание сочинений. – М., 1964. – Т. II, ч. II. – С. 199-262.
3. Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур) / Ибни Арабшоҳ; тарҷ. ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ. – Теҳрон, 1381 ҳ.ш. – 365 с.
4. Муминов И. М. Роль и место Амира Темура в истории Средней Азии в свете данных письменных источников /И. М. Муминов. – Ташкент, 1968. – 48 с.
5. Мухторов А. Академик Бобоҷон Ғафуров/А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, [год издания не указан]. – 183 с.
6. Мухторов А. Таърихи халқи тоҷик: китоби дарсӣ барои синфи 8 / А. Мухторов. – Душанбе: Маориф, 2016. – 303 с.
7. Мухторов А. Ҳисор: очеркҳои таърихӣ (охири асри XV – аввали асри XX) / А. Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 304 с.
8. Мухторов А., Раҳим Ҳошим. Журнали «Гулистон», Алихон Соғунӣ ва Темури ланг / А. Мухторов, Ҳ. Раҳим// Садои Шарқ. – 1967. – № 10.
9. Мухторов А. Баъзе андешаҳо перомуни филми «Темур»/А. Мухторов // Ҷумҳурият. – 2004. – 8 май.
10. Новосельцев А. П. Об исторической оценке Тимура /А. П. Новосельцев // Вопросы истории. – 1973. – № 2. – С. 3-20.
11. Табаров С. Таърихи як ҳақиқат ё ҳақиқати як таърих /С. Табаров // Ҷумҳурият. – 2004. – 10 август.
12. Турсунов А. Қирони саъд /А. Турсунов. – Душанбе, 1986. – 157 с.
13. Якубовский А. Ю. Тимур (Опыт краткой характеристики) /А. Ю. Якубовский/ Вопросы истории. – 1946. – № 8-9. – С. 42-74.

## ИНЪИКОСИ ВАҲШОНИЯТҲОИ ТЕМУР ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК АҲРОР МУХТОРОВ

Дар мақола масъалаи инъикоси ваҳшониятҳои Темур дар осори илмии академик Аҳрор Мухторов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Академик Аҳрор Мухторов дар баробари омӯзиши фарогири таърихи халқи тоҷик, дар як қатор асарҳои худ ба бознигарии интиқодии шахсият ва фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии Темур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, паёмадҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии лашкаркашиҳои ӯро мавриди таҳлил қарор додааст.

Тибқи таҳқиқоти муаллиф, дар давраи шуравӣ бархе аз олимони ӯзбек кӯшиш намудаанд, ки чеҳраи таърихии Темурро дар қолаби «созанда» ва «бунёдкор» муаррифӣ намоянд ва бо ин роҳ асари маъруфи «Тузукоти Темурӣ»-ро ба қалами худи Темур мансуб донанд. Ба андешаи А. Мухторов, чунин бархӯрд хусусияти ғаразнок дошта, бо маълумоти сарчашмаҳои муътамади таърихӣ мувофиқат намекунад.

Академик Аҳрор Мухторов бо такя ба доираи васеи маъхазҳои таърихӣ ва солномаҳо собит месозад, ки лашкаркашиҳои Темур бо харобкориҳои густарда, хунрезиҳои оммавӣ ва вайрону валангор гардидани шаҳрҳо ҳамроҳ буданд. Дар ҳамин замина, ӯ беасос будани нисбат додани асари «Тузукоти Темурӣ»-ро ба Темур таъкид намуда, онро маҳсули дертар ва дур аз воқеияти таърихӣ мешуморад.

Муаллиф ҳамчунин мавқеи он муҳаққиқонеро, ки бо сарфи назар аз далелҳои қатлу куштор, зӯроварӣ ва харобсозии минтақаҳои васеъ, танҳо ба ситоиш ва тавсифи Темур пардохтаанд, мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор медиҳад ва чунин равишро мухолифи принсипҳои беғаразӣ ва воқеънигарии илмӣ арзёбӣ менамояд.

Дар маҷмуъ, осори академик Аҳрор Мухторов дар асоси таҳлили муфассали сарчашмаҳои таърихӣ паҳлӯҳои гуногуни аҳди Темуриён, аз ҷумла равандҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро равшан месозад. Ҷойгоҳи муҳим дар таҳқиқоти ӯ ҳамчунин ба баёни мавқеи илмии муаллиф оид ба масъалаи муайян намудани макони дафни Темур ихтисос ёфта, ки бар пояи таҳлили манбаъшиносӣ ва баррасии историографӣ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** *Аҳрор Мухторов, Темур, ваҳшоният, хунрезӣ, лашкаркашӣ, сарчашма, муаллиф, асар, Ҳисор, Хуросон, шаҳр.*

## ОТРАЖЕНИЕ ЗЛОДЕЯНИЙ ТИМУРА В ТРУДАХ АКАДЕМИКА АХРОРА МУХТОРОВА

В статье анализируется проблема отражения злодеяний Тимура в научных трудах академика Ахрора Мухторова. Наряду с фундаментальными исследованиями по истории таджикского народа, А. Мухторов в ряде своих работ уделял особое внимание критическому осмыслению личности и военно-политической деятельности Тимура, акцентируя внимание на последствиях его завоевательных походов.

Как показывает анализ трудов исследователя, в советский период отдельные узбекские учёные предпринимали попытки сформировать «конструктивный» и

идеализированный образ Тимура, приписывая ему авторство сочинения «Тузукоти Тимури» и интерпретируя его деятельность преимущественно в позитивном ключе. Подобный подход, по мнению А. Мухторова, носил тенденциозный характер и не соответствовал данным достоверных исторических источников.

Опираясь на широкий круг письменных свидетельств и хроник, академик Ахрор Мухторов убедительно показывает, что военные кампании Тимура сопровождались масштабными разрушениями, массовыми кровопролитиями и разорением городов. В этой связи он подчёркивает научную несостоятельность приписывания Тимуру авторства «Тузукоти Тимури», считая данное произведение более поздней компиляцией, не имеющей прямого отношения к самому завоевателю.

Исследователь также критически оценивает позицию авторов, которые, игнорируя факты насилия, резни и уничтожения целых регионов, ограничивались односторонним восхвалением Тимура, тем самым искажая историческую реальность и нарушая принципы научной объективности.

В целом, в трудах академика Ахрора Мухторова на основе анализа исторических источников освещаются различные аспекты эпохи Тимуридов, включая военно-политические, социальные и культурные процессы. Особое место в его исследованиях занимает и авторская позиция по вопросу локализации могилы Тимура, где он выдвигает аргументированные суждения, опираясь на источниковедческий анализ и данные историографии.

**Ключевые слова:** *Ахрор Мухторов, Тимур, жестокость, кровопролитие, военный поход, источник, автор, произведение, Хисар, Хорасан, город.*

## REFLECTION OF TIMUR'S ATROCITIES IN THE WORKS OF ACADEMICIAN AKHRAR MUKHTOROV

The article analyzes the problem of reflecting Timur's atrocities in the scholarly works of Academician Akhrar Mukhtorov. Alongside his fundamental studies on the history of the Tajik people, A. Mukhtorov devoted particular attention in a number of his works to the critical reassessment of Timur's personality and military-political activities, with special emphasis on the consequences of his conquest campaigns.

An analysis of the scholar's works demonstrates that during the Soviet period certain Uzbek researchers attempted to construct an idealized and "constructive" image of Timur, attributing to him the authorship of the treatise «*Tuzukot-i Timuri*» and interpreting his activities predominantly in a positive light. According to A. Mukhtorov, such an approach was tendentious in nature and did not correspond to reliable historical evidence.

Drawing on a wide range of written sources and chronicles, Academician Akhrar Mukhtorov convincingly demonstrates that Timur's military campaigns were accompanied by large-scale destruction, mass bloodshed, and the devastation of cities. In this context, he emphasizes the scholarly untenability of attributing the authorship of «*Tuzukot-i Timuri*» to Timur, considering the work to be a later compilation with no direct connection to the conqueror himself.

The researcher also critically evaluates the position of those authors who, ignoring the facts of violence, massacres, and the destruction of entire regions, focused exclusively on glorifying Timur, thereby distorting historical reality and violating the principles of scholarly objectivity.

Overall, the works of Academician Akhrar Mukhtorov, based on a thorough analysis of historical sources, illuminate various aspects of the Timurid era, including its military-political, social, and cultural dimensions. A special place in his research is also occupied by his reasoned position on the issue of identifying Timur's burial site, formulated on the basis of source-critical analysis and historiographical evidence.

**Key words:** *Akhror Mukhtorov, Timur, cruelty, bloodshed, military campaign, source, author, work, Hisar, Khorasan, city.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Аҳмадхон Амрохон Муродзода -** доктори илмҳои таърих, дотсент, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Телефон: (+992) 918-81-81-86, E-mail: *murodzoda2025@gmail.com*

**Сведения об авторе: Ахмадхон Амрохон Муродзода** - доктор исторических наук, доцент, директор Института истории, археологии и этнологии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: (+992) 918-81-81-86, E-mail: *murodzoda2025@gmail.com*

**Information about the author: Akhmadkhon Amrokhon Murodzoda -** Doctor of Historical Sciences, Associate Professor, Director of the A. Donish Institute of History, Archaeology, and Ethnology of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel.: (+992) 918-81-81-86, E-mail: *murodzoda2025@gmail.com*

УДК 930.85:75 (560+575)

# МИНЁТУРҲОИ АСРИМИЁНАИ ЭРОНУ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

**МУҲИДИНОВ С. Р.,**
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

Санъати тасвирии бостонӣ ва асримиёнаи Эрону Осиёи Марказӣ дар маҷмуи санъати ҷаҳонӣ мақоми шоиста доранд. Санъати тасвирии аҷдоди тоҷикон чун таърихи он хеле бостонӣ ва пуробу ранг аст. Тасвирҳои рӯйи санг (сангнавиштаҳо ё петроглифҳо) санъати давраи палеолит буда, асосан дар аҳди бостон дар болои кӯҳу камар, сангҳо бо ранг кашида шуда ё кандакорӣ шудаанд.

Мувофиқи ривоятҳо нахустин сайёд нахустин рассом низ будааст. Тасвирҳои рӯйи санг, яке аз бахшҳои ҷолиби санъати тасвирӣ буда, дар онҳо лаҳзаҳои шикор, маросимҳои мухталифи одамони ибтидоӣ инъикос ёфта, бо хусусияти хеш, сабк ва бостонӣ будан, аҳаммияти беҳамто доранд ва шаҳодат додаанд, ки минтақаҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистони имрӯза макони пайдоиши одамони қадим будааст. Илова ба ин, тасвирҳо ба сифати сарчашмаи таърихӣ санъати волои рассомони қадим, тарзи зиндагӣ, маросимҳо, тасаввуроти одами ибтидоӣ, суннату эътиқод, мавҷудияти набототу ҳайвонот, пайдоиши олоти меҳнат, шуғли чорводориву кишоварзии аҷдодонамонро муайян кардаанд.

Перомуни аҳаммияти сарчашмаи таърихӣ доштани онҳо солҳои 50-80-уми миёни олимони дунё баҳсу мунозираҳои зиёде барпо шуда буд. Масалан, олими рус А. А. Формозов [16] ва як гурӯҳи муҳаққиқон ба он ақида буданд, ки тасвирҳои рӯйисангии Осиёи Миёна ба давраи ибтидоӣ, бахусус неолит ва биринҷ тааллуқ доранд. Гурӯҳи дигар иброз медоштанд, ки тасвирҳои рӯйисангии Осиёи Миёна ба давраи нисбатан дертар, яъне ба давраи оҳани барвақтӣ мутааллиқ мебошанд. Дар ин мунозираҳо бостоншинос аз Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор В. А. Ранов, ки кашфи нахустин тасвирҳои рӯйисангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ӯ тааллуқ доранд, ақидаи охиринро ҷонибдорӣ карда буд [14,163-165].

Ҳамин тавр, тасвирҳои рӯйи санг барои олимон имрӯз сарчашмаи нодир мебошанд. Зеро ҳангоми навиштани таърихи давраи бостонии халқи тоҷик, ин маълумотҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд ва боз ҳам хоҳанд гирифт.

Дар қатори тасвирҳои рӯйи санг, тасвирҳои рӯйи девор (дар баъзе ҷойҳо деворнигораҳо навишта шудаанд, С. М.) низ аҳаммияти муҳимми сарчашмавӣ доранд. Имрӯз ба онҳо бостоншиносон, муаррихон ва санъатшиносон ба сифати манбаъ назар мекунанд. Хусусияти фарққунандаи онҳо низ, маҳз бевоситаи ба чашми хеш дидани онҳо мебошад. Тасвирҳои рӯйи девор - тасвирҳо ва наққошиҳое, мебошанд, ки бо ранг рӯйи деворҳои пластикоришуда, шифтҳо ё матоъ ва коғаз кашида шудаанд ва бо жанри суратгарии монументалӣ ворид мегарданд. Дар ҳудуди Тоҷикистон ин ёдгориҳои санъати тасвирӣ хеле зиёд кашф шудаанд. Бавижа тасвирҳои рӯйи девори Панҷакент дар илми ҷаҳонӣ ҳамчун як кашфиёти бузург эътироф шудааст. Тибқи хулосаи академики маъруф А. Ю. Якубовский «шубҳае нест, ки дар санъати тасвирии Панҷакент ва ороишҳои муосири он дар Варахша муаррихи минётурҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва форсӣ марҳалаи қаблии рушди санъати феодалиро дар Шарқи Миёна бозгӯ месозад» [18,20-21].

Тасвирҳои рӯйи девор низ ба мисли сангнавиштаҳо муҳимтарин сарчашмаҳои таърихии замони асри миёнаи барвақтӣ ҳисоб меёбанд ва аз нигоҳи сабки офариниши бадеӣ дар санъати тасвирии ҷаҳонӣ беҳамто мебошанд.

Аз ин лиҳоз, бояд зикр намуд, ки намудҳои мухталифи ҳунари тасвирӣ бо ҳамдигар пайвандӣ доштанд ва дар рушду такомули ҳамдигар таъсир мерасониданд.

Дар қатори сангнавиштаҳо ва тасвирҳои рӯйи девор дар асрҳои миёна, наққошӣ ва минётурнигорӣ рушду такомул ёфта, ба сифати сарчашмаи таърихӣ мақоми хосса касб кардаанд. Онҳо бештар ба китобҳои дастнавис мансубият до-

ранд. Ороиши китобҳои дастнавис дар Эрон ва Осиёи Марказӣ маҳз дар асрҳои XIV - XVI ба авҷи аълои инкишофи худ расида буд. Адабиёти классикии тоҷику форс дар инкишофи ороиши дастнавис таккони муҳим дошт. Марказҳои асосии китобат ва ороиши дастнавис дар шаҳрҳои қаламрави Эрон: Табрез, Қазвин, Исфаҳон, Шероз ва ғайраҳо, дар Осиёи Миёна бошад -Самарқанд, Бухоро, Шоҳрухия, Хива, Дарвоз, Ҳисор ва ғайраҳо фаъолият менамуданд. Дар китобат ва ороиши онҳо воҳиди пурраи устодон аз ҷумла: хаттотон (хушнависон), минётурнигорон, наққошон, саҳҳофон, музаҳҳибон ва ғайраҳо заҳмат мекашиданд.

Минётура - намуди ҳаҷман хурд, вале мустақили санъати тасвирии асри миёна буда, аслан ба мазмуни китоби дастнавис вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, он бо ҳаҷми худ, забони сабк ва услубҳои таркибии хеш аз дигар жанрҳои суратгарӣ тафовут дорад. Бо минётур аслан рисолаҳои илмӣ, асарҳои таърихӣ, адабӣ, аҳён-аҳён китобҳои динӣ ороиш дода мешуданд. Минётура дорои жанрҳои мухталиф – манзара, чеҳра, лаҳзаҳои базмиву размӣ буда, ҳангоми офариниши онҳо ранги обӣ, равғанӣ, тилло, нуқра ва ғайраҳо истифода мешуд.

Ранги симобии сурхи рӯшанро «киновар» меноманд, маҳз аз ҳамин унвони «минётура» гирифта шудааст [11,13].

Сифату самараи ороиши китоб ва мақому манзалати он бошад, аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти минётурнигор вобастагӣ дошт. Агар хаттот (хушнавис) дар дастнавис ҷойи минётурро муайян менамуд, рассом-минётурнигор оришу шакли китоби дастнависро нишон медод.

Акнун ба суоли оё минётурҳои китобӣ метавонанд сарчашмаи таърихӣ бошанд, мувофиқи маълумотҳо посух хоҳем дод.

Мутахассисоне, ки ба ин ёдгориҳои нодири асри миёна таваҷҷуҳ кардаанд, дар асарҳояшон перомуни минётураҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, андешаҳои ҷолиб пешкаш намудаанд.

Доктори илмҳои санъатшиносӣ, собиқ мудири шуъбаи фарҳангшиносии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия, профессор Ш. М. Шукуров ба муҳаққиқ К. Вайсман ишора намуда, чунин навишта буд:"Аввал ин ки худи минётурҳо наметавонанд бе матни адабӣ баррасӣ гарданд; дувум, таҳлили бадеии минётур дар муқоиса бо таҳлили матншиносӣ метавонад дар хусуси он, ки чӣ гуна дар замонҳои мухталифи таърихӣ мазмуни матнро дарк менамуданд, маълумоти дақиқ диҳад» [18, 34].

Бо назардошти усули таърихият ва таҳлили муқоисавӣ доктори илмҳои санъатшиносӣ М. М. Ашрафӣ изҳори ақида кардааст, ки «ҳама гуна натиҷагирӣ нисбат ба пайдарҳамӣ, инкишофи сабк, мақоми ин ва ё он мактаб ҳамон вақт қиммат пайдо менамоянд, агар онҳо дар пояи устувори сарчашмашиносӣ ва ёдгориҳои амиқи то мо омадарасида, ба вижа маҳаллӣ асос ёфта бошанд» [2,14-15].

Муҳаққиқ Н. Белинская дар зимн навиштааст, ки «андешаҳои мо дар бораи самтҳои санъат ва фарҳанги моддии Осиёи Миёна аз бисёр ҷиҳат бо асарҳои санъати минётурӣ пурра мегарданд. Новобаста аз шартӣ будани тасвири минётурӣ, сюжетҳои афсонавӣ, ки хаёлоти бой ва тасвири бадеии устоди асримиёнаро нишон медиҳад, мо метавонем ба пуррагӣ ёдгориҳои бадеӣ ва меъморӣ, сару либос, ас-

бобҳои маишӣ, ки дар он давра воқеан вуҷуд доштаанд, тавассути минётура дида тавонем. Устоди мӯқалам, ки Рустамнома ё лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ё ривоятҳои Баҳроми Гӯрро дар қасрҳои афсонавӣ тасвир кардааст, воқеъан одамони ҳамон давра будаанд. Кашидаҳояшон маҳз ба онҳо мансубият доштаанд. Он ҳолати воқеӣ буд...» [4,91-110].

Тибқи хулосаи муҳаққиқ, минётур метавонад ба ҳайси сарчашмаи омузиши санъати тасвирии гузашта, дар пайдо намудани қисматҳои гумшудаи занҷираи инкишофи санъати халқи тоҷик мадад расонад. Муаллиф меафзояд, ки сарчашмаи омӯзиш метавонанд мактабҳои минётурнигории Ҳирот, самарқандӣ - бухороӣ, эронӣ, ки бо вуҷуди аз лиҳози вижагии бадеият тафовут доштанд, аммо дар як самт бо санъати тасвирии Шарқи мусулмонӣ рушд мекарданд. Муаллиф мисолҳои зиёде меорад, ки аз сарчашмаи таърихӣ будани минётурҳо дарак медиҳанд [4,91-110].

Ховаршиноси тоҷик Камол Айнӣ аз дастнависи девони Бадриддин Ҳилолӣ аз ганҷинаи Шуъбаи дастнависҳои шарқи Институти ховаршиносии АИ ИҶШС дар Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) акси сиёҳқалами се ҳайвони ваҳшӣ магар, ки шер ё бабрро мавриди таҳлил қарор дода, ҳамзамон менависад, ки «аксҳои ба сифати сиёҳқаламии асри XVI кашидашуда амали рассом бо нозукиҳои фавқулодааш фарқ мекунанд. Ҳолати акси ду ҳайвони ваҳширо таҳқиқ намуда, муаллиф менависад, ки бераҳмӣ ва ғазаби онҳо аз ҷониби рассом устокорона тасвир шудааст. Инчунин муҳаққиқ ба акси графикии ду зан таваҷҷуҳ намуда, навиштааст, ки ба онҳо ғайри арзишҳои бадеӣ, боз аз нуқтаи назари мардумшиносӣ диққат бояд дод. Дар яке аз қабилаҳо либоси болопӯши занона, шояд, ки «расмӣ» бошад, баръало намоён аст – ороиши мӯйи зан аз ороиши муқаррарӣ фарқ мекунад [1,34-40].

Аз гуфтаи муаллиф бармеояд, ки тавассути минётураҳо на танҳо аз нафосату таровати бадеӣ, ҳунари волои рассом огаҳӣ меёбем, балки онро ба ҳайси сарчашма истифода бурда метавонем.

Тибқи хулосаи муаллиф, дар асоси аксҳо ва суратҳои сиёҳқаламии дастнавис (чеҳраҳо, лаҳзаҳои жанрӣ ва ғайраҳо) устодони мумтози мактаби Ҳироти асрҳои XV – XVI бояд бо боварӣ дар бораи мавҷудияти мактаби инкишофёфтаи мустақили сабки сиёҳқаламӣ, нозукиҳои ин санъати бадеӣ ва маҳорати баланди рассомон, ки бешак мавҷудияти суннатҳои қадимаро тақозо мекунанд, сухан ронд [1,40].

Ҳамин тавр, аз афкори олимон бармеояд, ки минётураҳо дар ҳама ҳолат сарчашма шуда метавонанд, зеро худи мавҷудияти онҳо таърих аст.

Таҳлили бадеии минётура танҳо дар ҳамбастагӣ бо мазмуни асар амалӣ мегардад. Тавассути минётура на танҳо аз мавҷудияти санъати тасвирӣ иттило хоҳем ёфт, балки ҳамчун сарчашмаи таърихӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва воқеоти таърихии давраи муайян маълумоти нодир хоҳем гирифт. Маҳз ҳамин ҷанба ба муҳаққиқони гуногун имкон дод, ки ба паҳлӯҳои мухталифи наомӯхтаи таърихи тоҷикон равшанӣ андозанд [11,88-89].

Дар минётуршиносӣ эътироф шудааст, ки беш аз ҳама минётурҳо ба нусхаҳои «Шоҳнома» - и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ кашида шудаанд.

Дар нусхаи машҳури «Шоҳнома» -и соли 1333, ки дар Китобхонаи миллии Россия маҳфуз аст, шумораи минётурҳо зиёданд, ки аслан мавзуъҳои таърихиро дар бар мегиранд. Дастнависи мазкур ҳанӯз аз солҳои 30-юми асри XX манбаи омӯзиши илмии олимони ховаршиноси Иттиҳоди Шуравӣ қарор гирифта буд.

Академик Б. Дорн, ховаршиносони шинохтаи рус ва хориҷӣ Б. Денике, Л. Гюзалян, М. Дяконов, И. Шукин, олимони тоҷик Л. Айнӣ, Ш. Шукуров, М. М. Ашрафӣ ва дигарон нисбат ба ин дастнавис ва минётурҳои он таҳқиқоти пурарзиш анҷом додаанд. Тибқи навиштаи И. Шукин минётурҳо ва ороиши онҳо ба сабки шерозӣ тааллуқ доранд. Минётурнигорон бештар аз мазмуни достонҳои «Шоҳнома» илҳом гирифтаанд [9,48].

Академики маъруф, алломаи Машриқзамин Бобоҷон Ғафуров менависанд, ки «Дар нусхаи «Шоҳнома» -и соли 1429/30 дар Китобхонаи Бойсунқар китобатшуда бист минётуре, ки чанд нафар ҳунармандон сохтаанд, мавҷуд аст.

Муҳаққиқон онҳоро аз беҳтарин намунаҳои марҳалаи аввали равнақи мактаби минётурсозии аҳди темурӣ ба қалам додаанд. Нафисию мавзунӣ, балки зарифии сурат, равшании ранг ва қисматбандии махсус, ҳатто дар мавзуъҳои «расмӣ» ҳам ҷиҳати фарққунандаи ин минётурҳоро ташкил менамоянд» [5,681].

Муаррихи мумтоз албатта дар назар доштанд, ки ҳар яки ин ёдгориҳо сарчашмаи нодири муайянсозии таърихи ин давра мебошанд. Маҳз вожаи «расмӣ»- ро овардан, аз он шаҳодат медиҳад, ки минётурҳо на танҳо аз базму разму, сару либос, балки аз ҳаёти аъёну ашрофон маълумоти нодир медиҳанд. Воқеан, академик Бобоҷон Ғафуров дар таҳлили асарҳои санъати тасвирӣ, даврабандӣ ва рушду такомули онҳо дониши комил доштанд. Умуман гирем, марҳалаҳои асосӣ, хусусиятҳо, равияҳо ва равандҳои эҷодии мактабҳои минётурии охири асри XV ва ибтидои асри XVI Ҳирот, Самарқанду Бухороро чун санъатшинос медонистанд ва онҳоро дар асарҳояш ҳамчун сарчашма истифода мекарданд [7,21-22].

То имрӯз нусхаҳои мухталифи «Шоҳнома» дар китобхонаҳои дунё маҳфузанд, ки аксарияташон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масалан, нусхаи «Шоҳнома» -и Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо сабку услуби китобат, нигориш, минётураҳои дилкаш, нақшу нигори воло аз нусхаҳои дигар ганҷинаҳо фарқ менамояд. Тибқи маълумот «Шоҳнома»- и китобхона дар маҷмуъ 460 варақ дошта, ба нимаи дуюми асри XVI ва аввалҳои асри XVII тааллуқ дорад.

Хаттот, Муҳаммад Боқир ибни Муртазо ал-Ҳусайнӣ ал Истамбулӣ буда, бо хати настаълиқ китобат шудааст. «Шоҳнома» 21 адад минётурҳои ҷаззоб дорад, ки бо вуҷуди баъзе ноаёнии лаҳзаҳо диққатҷалбкунанда мебошанд.

Ҳар як минётур бо обу ранги хос лаҳзаҳои ҷолиби достонҳои асарро тасвир кардаанд. Дар онҳо бештар лаҳзаҳо аз ҳаёти қаҳрамони достонҳои «Шоҳнома» – Рустам, лаҳзаҳои разм, набард, шикор, базм ва монанди инҳо инъикос ёфтаанд. Дар дастнавис минётурҳои «Набарди Рустам», «Рафтани Сиёвуш ба ҷониби оташ», «Омадани шоҳ Ковус аз Ҳамоварон ба Эрон ва нома фиристодан ба Афросиёб», «Гуштӣ гирифтани Рустам бо Пӯлодванди дев», «Разми Фарибурзи Ковус бо Кулбоди Виса», «Куштани Баҳром аждаҳоро» ва ғайраҳо инъикос ёфтаанд.

Муаллифи ин сатрҳо, минётурҳои ин нусхаи «Шоҳнома» - и Китобхонаи ҳамаҷониба миллиро таҳқиқ ва баррасӣ намуда, соли 2005 тавассути созмонҳои байналмилалӣ «Тақвим» - ро бо пешгуфтори хеш ва минётурҳо ба чоп расонида буд [19,15].

Ҳангоми таҳлил мо ба хулосае омадем, ки минётурҳо аз ҷониби минётуранигорон дертар кашида шуда бошанд ҳам, вале бо сабку ҷаззобии хеш аз асарҳои дигар нусхаҳои «Шоҳнома» хеле фарқ мекунанд. Дар достонҳо баъзе унсурҳое ҳастанд, ки интихоби онҳо аз борикбинии рассом вобастагӣ доранд. Аз ин лиҳоз, дар ҳар як минётура ҷавҳаре ҳаст, ки барои муаррих сарчашма шуда метавонад. Мазмуну муҳтавои достонҳо фарроханд. Бо вуҷуде, ки аксаран ҷойи минётураро дар дастнавис хаттот муайян месохт, минётуранигорон лаҳзаҳоро мустақилона интихоб намуда, минётураҳои ҷаззоб меофариданд. Аз ин бармеояд, ки ҳар як рассом дар хирвори таърих як дона ворид менамояд.

Агар мо ба эҷодиёти рассом - минётурнигори бузурги тоҷик Камолиддини Беҳзод муроҷиат намоем, пас ба андешае меоем, ки кулли асарҳояш хислати таърихӣ дошта, дар онҳо лаҳзаҳои разму базм, манзараҳои маишӣ, чеҳраҳои одамони мухталифхислат бо фасоҳат ва пуробуранг тасвир ёфтаанд.

Бахусус, дар «Зафарнома» -и Шарофиддини Яздӣ, ки соли 1467 китобат шудааст, Камолиддини Беҳзод ҳолатҳои гуногуни таърихӣ, лаҳзаҳои разм, қабули дарборӣ, муҳосираи шаҳрҳоро тасвир намуда, бидуни мазмуни асар, далелҳои таърихӣ меорад. Масалан, дар «Муҳосираи қалъаи Хива» рассом лаҳзаҳои нисбатан ҳассоси муҳорибаро нишон дода, чӣ тавр ҳифз намудани қалъа ва аз деворҳо даромадани душманонро тасвир менамояд.

Магар асари «Сохтмони масҷиди ҷомеъи Самарқанд» асари таърихӣ нест? Ҳар як иморат вазифа ва ҷою макони худро дорад. Ҳар як ҳаракати онҳо як ҷаҳон маънӣ дорад. Аз ин ҷост, ки дар минётурнигории Шарқ Камолиддин Беҳзодро нахуст мусаввири лаҳзаҳои маишӣ, ба вижа раванди кори заҳматкашон дар сохтмон медонанд. Дар асари зикршуда, рассом лаҳзаҳоеро тасвир менамояд, ки минбаъд аз онҳо муаррихон далели таърихӣ меҷӯянд.

Дар офариниши чеҳра низ устод Камолиддин Беҳзод хеле мумтоз буданд. Чӣ тавре, ки маълум аст, вай чеҳраҳои ашхоси гуногунро офаридааст, ки минбаъд онҳо ба ҳамон шакл ба таърих ворид шудаанд. Инҳо чеҳраҳои султон Ҳусайн Бойқаро, Алишери Навоӣ, Ҳоҷӣ Маҳмуд, Шайбонихон ва ғайраҳо ҳастанд, ки минётурнигор хислат, ботин ва зоҳири берунии онҳоро ҳақиқатнигорона тасвир кардааст. Масалан, Беҳзод дар симои Ҳусайн Бойқаро шарҳи амиқи ҳокими Ҳирот, босалобатии сару либос, афту андом, ҳаракати дастон ва ғайраҳоро моҳирона ва ҳақиқӣ тасвир кардааст. Агар онро бо гуфтаҳои Бобур, ки шарҳи хислатҳои Ҳусайн Бойқароро чун муаррих ва ҳамтабор тасвир кардааст, муқоиса намоем, тафовут кам аст.

Бобур навиштааст: «Султон Ҳусайн қадбаланд, чашмонаш танг мисли шер, поён аз миён борик буд, новобаста аз солхӯрдагӣ ва риши сафед, мирзо абрешими рӯшани сурху сабз мепӯшид...Вай сергап ва шахси вақтхуш буд...» [12,122].

Чеҳраи Шайбонихонро низ устод Беҳзод бо тамоми нозукиҳояш аз асл (натура) тасвир кардааст. На ба ҳар рассом муяссар мегардид, ки рӯ ба рӯ бо ҳокимон нишаста, чеҳраи онҳоро бикашад. Дар чеҳраи Шайбонихон кулли хислатҳои ботинии ҳоким тасвир шудааст, ки имрӯз ҳамчун як сарчашмаи таърихӣ мебошад.

Минётураи «Муҳориба дар назди девори Самарқанд аз маҷмуаи ҳуҷҷатҳои Темуриён (миёнаи солҳои 1405-1409 Самарқанд)» [13,56], - ро санъатшиносон Г. Пугаченкова ва О. Галеркина таҳлил намудаанд. Пас аз марги Темур, ки миёни авлодон мубориза барои ҳокимият оғоз гардида буд, шаҳри бостонии Самарқандро набераи ӯ Халил-Султон идора мекард.

Миниатюра лаҳзаи ҳифзи қалъаи Самарқандро тасвир кардааст. Дар марказ худи Халил-султон аст, ки дар манора аз камон ба душман тир меандозад. Аз назари муаллифон, ин минётура хислати таърихӣ дошта, ба ҳайси санад аз давраи гузаштаи пуршӯр хизмат мекунад. Дар он чеҳраи яке аз Темуриён, девори қалъаи пойтахти Темуриён, акси ҷанговарон ва аҳолии шаҳри Самарқанд, либосу калапӯши онҳо низ тасвир ёфтаанд, ки дар таҳлилу амиқсозии баъзе минётурҳои беимзо хизмат хоҳанд кард.

Минётураҳои «Зафарнома» -и Шарофиддини Яздӣ (аз дастнависи Самарқандии асри XVII) низ, ки онро академик А. А. Семёнов таҳқиқ кардааст, бештар ба мавзуи муҳорибаҳо бахшида шуда, аҳаммияти таърихӣ низ дорад [15,3-16].

Дар оғози китоб чеҳраи Темур инъикос ёфтааст. Муҳаққиқ Н. Г. Малитский тахмин кардааст, ки чеҳраи Темурро касе кашидааст, ки Темурро дар солҳои охири ҳаёташ хуб медонистааст. Дар як минётур лаҳзаи муҳориба, муҳосираи Ҳирот аз ҷониби Темур инъикос ёфтааст. Ҳиротиёни диловар шаҳри худро муҳофизат намуда, бо Темур муқобилият нишон додаанд. Сарчашмаи таърихӣ будани ин минётур дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳама ҷо аз омадани Темур ба воҳима афтода, таслим мегардиданд. Аммо ҳиротиёни диловар, ки аксар тоҷикон буданд, шаҳри худро на танҳо ҳифз, балки ба душманон муқобилият нишон додаанд.

Дар минётури дигар, ки ба мавзуи таърихӣ бахшида шудааст, лаҳзаи ба дарвозаҳои Систон наздик омадани Темур ва ба пешвози ӯ баромадани ашрофони он, ки ба Темур итоат ва андозсупории хешро баён менамуданд, инъикос ёфтааст. Аммо замоне, ки Темур бо онҳо суҳбат меоросот, ногаҳон аз дарвозаҳои қалъа систониҳо бо лашкар баромада, ба Темуриён ҳуҷум карданд. Муҳорибаи сахт ба вуқуъ пайваст. Минётурнигор бо вуҷуди он, ки «Зафарнома» -и Шарофиддини Яздӣ ба муҳорибаҳои Темур бахшида шудааст, вай мардуми озодихоҳи Сиистонро диловар тасвир менамояд. Он лаҳзаҳое, ки дар таърих омадааст, ин минётура онро тақвият дода, лаҳзаҳои таърихии навро тасвир менамояд [15,5-6].

Асари таърихии нимаи аввали асри XVI «Таърихи Абулхайр-хонӣ» муаллифаш Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ аз маҷмуаи Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон 28 минётур дорад. Ин минётурҳо на танҳо аз лиҳози бадеият ва риояи қонуниятҳои тасвир, балки ҳамчун сарчашмаи таърихиву мардумшиносӣ шинохта шудаанд.

Муҳаққиқ В. Г. Долинская дар хусуси сарчашмаи таърихӣ будани онҳо навиштааст: «Ба воситаи онҳо сарчашмаи муайянсозии анъанаву суннатҳои асри миёнаи барвақтӣ оид ба либоспӯшӣ, матоъбофӣ, сару либоси дарбориён, низомиён, сарватмандон, мардону занон ва хизматгорон, лаҳзаҳои разму базм, муносибатҳои дипломатӣ ва ғайраҳо эътироф шудаанд. Ғайр аз ин, равандҳои ҷудогонаи китобат ва ороиши бадеии китобҳои дастнависи асри миёна, фаъолияти мактабҳо, устохонаҳо, китобхонаҳо, мақоми хаттотон, наққошон, минётурнигорон ва дигар устодоне, ки дар офариниши дастнависи мукаммал ширкат кардаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд» [6, 31-56].

Бояд хотирнишон сохт, ки сарчашмашиносон ба қиммати сарчашмавии ёдгориҳои санъати тасвирӣ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, ҳангоми арзёбӣ онҳоро дар фанни «Манбаъшиносӣ» ба гурӯҳи «сарчашмаҳои моддӣ» ворид карда буданд. Ба вижа сангшавиштаҳо ва деворнигорҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд. Вале, манбаъшиноси рус В. И. Стрелский, ки муаллифи чандин асарҳои илмиву таълимӣ мебошад, санъати тасвириро хеле муҳим арзёбӣ намуда, пешниҳод карда буд, ки минбаъд ёдгориҳои санъати тасвирӣ ҳамчун қисми махсуси сарчашмаҳои таърихӣ шинохта шаванд. Соли 2022 муаллифи ин сатрҳо васоити таълимии «Сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик»- ро таҳия ва интишор намуда, ақидаи олими рус В. И. Стрескийро ҷонибдорӣ карда буд [10].

Ҳамин тавр, минётурҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар бораи замони офариниш, мактабҳои мустақили минётурнигории марказиву маҳаллӣ, рассомони номдори он, роҷеъ ба ҷаҳонбинии одамоне, ки дар ҳамон муҳит зистаанд ва асар барои онҳо офарида шудааст, маълумоти муфид медиҳанд. Ба вижа чунин маълумот, монанди ҷой, вақти омодасозии минётура, исми офарандагон, хаттотон, наққошон, рассомон, ашрофон, ҳунармандон, муҳити таърихӣ - бадеии устодон, аъмоли шоҳзодагон ва маликаҳо, ки дастнависҳои ороишдорро бо нархи гарон харидорӣ менамуданд, низ хеле муҳимманд.

## АДАБИЁТ


1. Айни К. С. Новые данные по таджикской миниатюре XVI в./Сборник статей посвящённых искусству таджикского народа. -Сталинабад, 1956. - С. 33-47.

2. Ашрафи М. М. Бехзод и развитие Бухарской школы миниатюры XVIв. – Душанбе: Дониш, 1987. – 240 с.

3. Белинская Н. Миниатюра как источник изучения изобразительного искусства XV - XYII вв. // Очерки истории и теории культуры таджикского народа: сборник статей / Ред-сост.: Г. Майтдинова и А. Раджабов. - Душанбе, 2001. - С.91-110.

4. Беленицкий А. М. О некоторых сюжетах Пенджикентской живописи // Краткие сообшения ИКМК. -1956. -Вип. 61. - С. 56-62.

5. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби 2. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 704 с.

6. Долинская В. Г. Миниатюры рукописи «Тарих-и Абулхайр-хани» из собрания Института востоковедения АН Уз ССР // Изв. Отд. общ. науки АН Тадж ССР. - Сталинабад, 1960. -Т. 24. -Вып.2. - С.31-56.

7. Муҳидинов С. Инъикоси ёдгориҳои санъати тасвирӣ дар «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров / Муҳ. масъул академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон А. М. Мухторов. -Душанбе, 1998. - 39 с.

8. Муҳиддинов С. Р. Инъикоси мавзуи об дар минётурҳои асримиёнаи форсӣ - тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи гуманитарии байналмилалӣ. Ба ифтихори 15-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва Соли тамаддуни ориёӣ бахшида шуда аст. –Душанбе, 2006. -саҳ. 88-93.

9. Мухидинов С. История изобразительного искусства таджикского народа с древнейших времён до ХУ1 в. Учебное пособие.-Душанбе: РТСУ, 2010.- 169 с. с илл.

10. Мухидинов С. Источниковедение истории таджикского народа. Учебное пособие. -Душанбе: РТСУ, 2022. - 180 с.

11. Популярная художественная энциклопедия. – М., 1986. – Кн. 2. - 447 с.

12. Пугаченкова Г. А. Камаледдин Бехзод //Звезда Востока. -1948. - №8. - С. 122. (118-127.

13. Пугаченкова Г., Галеркина О. Миниатюры средней Азии в избранных образцах. (из советских и зарубежных собраний). -М.: Изобразительное искусство, 1979. - С.56. (208 с., с илл).

14. Ранов В. А. К вопросу и интерпретации петроглифов Средней Азии о некоторых неточностях в работах А. А. Формозова //Памяти Александра Александровича Семёнова: Сб.статей. - Душанбе, 1980. - С.163-165.

15. Семёнов А. А. Миниатюри Самаркандской рукописи начала ХУ11в. «Зафарнома» Шарафуддина Язди //Сборник статей посвящена искусству таджикского народа. -Сталинабад, 1956. - С.3-16.

16. Формозов А. А. Очерки по первобытному искусству: Наскалные изображения и каменного изваяния эпохи камня и бронзы на территории СССР. - М.: Наука, 1969. - 228 с.

17. Шукуров Ш. М. «Шахнаме» Фирдоуси и ранняя иллюстрация в системе иранской культуры XI-XIV веков. – М.: Наука, 1983. – 76 с

18. Якубовский А. Ю. Вопросы изучения Пенджикентской живописи // Живопись древнего Востока. - М., 1954. - С.20-21.

19. The National Library of Ancestors. // Dushanbe, 2005, 15 с.

# МИНЁТУРҲОИ АСРИМИЁНАИ ЭРОНУ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба аҳаммияти сарчашмаи таърихӣ доштани минётурҳои Эрону Осиёи Марказӣ сухан меравад. Минётур - намуди ҳаҷман хурд, вале мустақили санъати тасвирии асримиёна буда, дар ороиши китобҳои дастнавис дар Эрон ва Осиёи Марказӣ асрҳои XIV - XVI мақоми хосса дошт.

Дар мақола дарҷ мегардад, ки мутахассисон дар асарҳояшон бо далелҳои боэътимод перомуни минётурҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ, фикрҳои ҷолиб пешкаш намудаанд. Тавассути минётурҳо на танҳо аз нафосату таровати бадеӣ, ҳунари волои рассом, балки ҳамчун сарчашмаи таърихӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва воқеоти таърихӣ, хаттотон, наққошон, рассомон ва ҳоказои дигар муҳити таърихӣ - бадеии устодон, аъмоли шоҳзодагон ва маликаҳо ва ҳоказои дигар маълумоти пурарзиш ба даст меоранд.

Муаллифи мақола бевосита чеҳраҳои офаридаи Беҳзод, минётурҳои нусхаи «Шоҳнома» - и Китобхонаи миллии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** *миниатюра, минётурнигор,сарчашмаи таърихӣ, «Шоҳнома», Беҳзод, афкори мутахассисон, ороиши дастнавис, маълумоти пурарзиш, асрҳои XIV – XVI.*

# СРЕДНЕВЕКОВЫЕ МИНИАТЮРЫ ИРАНА И СРЕДНЕЙ АЗИИ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

В статье рассматривается важность наличия исторических источников по миниатюрам Ирана и Средней Азии. Миниатюра – это небольшой, но самостоятельный вид средневекового изобразительного искусства, занимавший особое место в оформлении рукописей Ирана и Средней Азии в XIV– XVI веках.

В статье отмечается, что в своих работах специалисты представили интересные идеи, подкрепленные достоверными доказательствами, относительно миниатюр как исторического источника.

С помощью миниатюры, мы получаем ценную информацию не только о высоком мастерстве художника, в качестве исторического источника общественной, политической, культурной жизни и исторических событий, а также о каллиграфах, художниках в историко -художественной среде мастеров, принцев и принцесс и т. д.

Автор статьи непосредственно изучал портреты, созданные Бехзодом, миниатюры из копии «Шахнаме» Национальной библиотеки Таджикистана.

**Ключевые слова:** *миниатюра, минатюрист, исторический источник,“Шахнаме», Бехзод, мнения специалистов, укращение рукописи, ценные сведения, XIV- XVI вв.*

## MEDIEVAL MINIATURES OF IRAN AND CENTRAL ASIA AS A HISTORICAL SOURCE

This article examines the importance of historical sources for miniatures from Iran and Central Asia. Miniatures are a small but distinct form of medieval fine art that occupied a special place in manuscript decoration in Iran and Central Asia in the 14th–16th centuries.

The article notes that in their work, the experts presented interesting ideas, supported by reliable evidence, regarding miniatures as a historical source. Miniatures provide valuable information not only about the artist's mastery but also as a historical source about social, political, and cultural life and historical events, calligraphers, artists, art lovers, the historical and artistic environment of masters, the work of princes and princesses, and so on.

The author of the article directly studied the portraits created by Behzod and miniatures from the copy of the Shahnameh in the National Library of Tajikistan.

**Key words:** *miniature, minyoturnigor, sarchashmai tarihi,“Shoinoma», Bezod, afkori mutahasson, orishi dastnavis, malumoti purarzish.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович –** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Суроға: 734000, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. E - mail: raja1956@mail.ru. Тел.: (+992) 93-521-92-74.

**Сведения об авторе: Мухидинов Сайдали Раджабович** -доктор исторических наук, профессор, кафедры всеобщей и отечественной истории Российско -

Таджикский (Славянский) университет. Адрес: 734000, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода -30. E - mail: raja1956@mail.ru, тел.: (+992) 93-521-92-74.

**Information about the author: Mukhidinov Saydali Radzhabovich** - Professor of the Department of General and National History of the Russian-Tajik (Slavonic) University, E mail: raja1956@mail.ru, tel: (+992) 93-521-92-74.

УДК 930.1 (575.3)

# БАРТОЛЬД В. В. - ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ И КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКОВ[1]

**САФАРОВ К. Х.,**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша**

Историография культурной жизни таджикского народа в конце XIX – начале XX вв. во многом связана с деятельностью российских востоковедов, этнографов и путешественников. Наиболее яркой фигурой среди них был Василий Владимирович Бартольд (1869-1930), чьи исследования стали фундаментом отечественной науки о Средней Азии. В отличие от многих современников, ограничивавшихся описанием «бытовых особенностей» и статистических сведений, Бартольд стремился к глубокому анализу культурных процессов, их исторической динамики и роли в развитии общества.

Имя академика В. В. Бартольда занимает особое место в развитии отечественного востоковедения и таджикской историографии. Его труды стали фундаментом изучения истории и культуры народов Средней Азии, а особенно таджикского этноса, который он рассматривал не как пережиток древнеиранской традиции, а как активный культурный организм, сыгравший ключевую роль в становлении истории региона (1,15).

Исследования Бартольда охватывают широкий диапазон тем - от археологических наблюдений до философского осмысления культурных процессов. Его работа «История культурной жизни Туркестана» (1927) стала первой попыткой системного анализа ключевой роли таджиков в духовной жизни оседлых народов Средней Азии (2,169). В этом труде он писал, что таджики «сохранили древние формы городской жизни, передав традиции Ирана и Хорасана народам Востока» (2,171).

По мнению исследователя Н. М. Акрамова, «Бартольд не только собрал огромный корпус источников о таджикской культуре, но и разработал научную концепцию её развития, основанную на исторической преемственности и сравнительно-культурном анализе» (3,54). Именно поэтому труды учёного можно считать, в известной мере, основанием всей таджикской гуманитарной науки XX века.

**[1] Статья написана на основе проекта «История таджикского народа (III век - начало XX века)», государственной регистрационный номер 0121 TJ 1211.**

Современники отмечали, что отличительной чертой В. В. Бартольда была строгая научная объективность и стремление к освобождению от европоцентризма, характерного для дореволюционной русской школы востоковедения. Учёный писал: «Познание Востока невозможно без уважения к его внутренней логике и собственной духовной истории» (2, 173).

Бартольд в своих трудах рассматривал таджиков как один из древнейших оседлых народов Средней Азии, чья культура представляет собой сплав древнеиранских, исламских и местных элементов. Он подчёркивал, что таджики внесли решающий вклад в формирование городской цивилизации Туркестана, в развитие письменности, науки и искусства (2,180).

Особое внимание он уделял эпохе Саманидов, называя её «золотым веком таджикской письменности и учёности» (2,182). Он отмечал, что именно в Самарканде и Бухаре возникли центры, где «сохранился древний иранский язык, из которого впоследствии выросла литература Низами, Фирдоуси и Саъди» (2,185).

Развивая эту мысль В. В. Бартольд, писал, что таджики стали посредниками между эллинистической наукой и исламской философией, обеспечив передачу античного знания мусульманскому Востоку (4,193).

Учёный последовательно утверждал, что таджики - не пережиток древности, а народ, активно формировавший научные и художественные традиции Востока. По его словам, «все значительные явления мусульманской культуры Средней Азии - будь то в области литературы, архитектуры или богословия - несут на себе отпечаток таджикского духа» (2,189).

В. В. Бартольд критиковал ограниченность колониальной этнографии, которая преувеличивала роль тюркского элемента и недооценивала значение таджикского. Он прямо писал, что подобная позиция «искажает представление о культурной и исторической реальности региона» (2,191).

Научный метод В. В. Бартольда основывался на сочетании трёх элементов: источниковедения, филологического анализа и историко-культурной интерпретации. Он использовал арабские, персидские и тюркские хроники, археологические отчёты, топонимические и этнографические материалы. В его трудах насчитывается свыше двухсот ссылок на восточные рукописи, что для конца XIX - начала XX века было уникальным явлением (6, 97).

Учёный придавал огромное значение изучению языка как ключа к пониманию культуры. Он утверждал, что таджикская речь, сохранившая множество древнеиранских элементов, является «одним из важнейших исторических документов, отражающих развитие духовного мира народа» (2,192).

В. В. Бартольд применял сравнительно-исторический метод, рассмат -

ривая таджикскую культуру в динамике и сопоставлении с соседними регионами - Персией, Хорасаном, Индией и Китаем. Он указывал, что таджики «сумели ассимилировать многие элементы индо - буддийской и арабо-исламской цивилизаций, не утратив своей национальной самобытности» (2,194).

Как справедливо отмечал академик Б. Гафуров, «метод Бартольда – это синтез строгого источниковедческого анализа и историко-философского взгляда на культуру как на целостную систему» (7, 532).

Его подход оказал огромное влияние на советскую науку. В частности, В.В. Бартольд предвосхитил многие принципы исторической компаративистики и этнокультурного анализа, применяемые в гуманитарных исследованиях второй половины XX века (8,223).

Научное наследие В. В. Бартольда оказало решающее воздействие на формирование таджикской исторической науки в XX веке. Его труды стали методологической базой для первых национальных исследований по истории и культуре таджиков, появившихся в 1930 - 1950-х гг.

Академик Б. Г. Гафуров прямо указывал, что «без работ Бартольда невозможно понять генезис таджикского народа и место таджикской культуры в мировой цивилизации» (5, 532).

В 1960-1980-е гг. в Душанбе сложилась целая школа востоковедов, воспринявших принципы объективности, источниковедческой строгости и междисциплинарности, заложенные В. В. Бартольдом. Среди них - Б.И. Искандаров, Н. М. Акрамов, Х. Пирумшоев, О. К. Каримов. Х. Пирумшоев подчёркивал, что «традиция бартольдовского анализа восточных источников сохранила своё значение и в XXI веке» (9, 523).

Б.И. Искандаровым отмечается, что бартольдовская школа «определила основы системного подхода к изучению культурного развития народов Средней Азии» (12, 248).

Существенное развитие идеи В.В. Бартольда получили в работах Н. Акрамова, где подчёркивается, что исследователь «впервые установил внутреннюю связь между развитием таджикской духовной культуры и социально-экономическими изменениями в Туркестане конца XIX века» (1, 54).

Пирумшоев Х. верно отметил, что именно В. В. Бартольд первым показал таджикскую культуру как неотъемлемую часть широкой цивилизационной системы Востока (9,524). В их трактовке таджики предстали не объектом, а субъектом исторического процесса.

В этом плане также уместно привести оценки Х. Хотамова и А. Мухторова касательно места В. В. Бартольда в таджикской историографии, отмечают, что концепции В. В. Бартольда способствовали сохранению научной преемственности между дореволюционным и советским востоковедением (10,124). Они подчёркивают, что труды Бартольда остаются эталоном научной объективности и источниковедческой культуры.

По мнению О. К. Каримова, «Бартольд первым ввёл в обиход термин ‘таджикская культура’ как самостоятельную категорию востоковедения» (6, 97). Эта позиция сделала возможным формирование национальных историко-культурных концепций уже в советское время.

С. Бобомуллоев подчёркивает, что В. В. Бартольд не только ввёл таджикскую проблематику в российское научное поле, но и создал аналитический язык для её описания (11, 67).

В постсоветский период интерес к трудам В.В. Бартольда усилился. Его исследования вновь стали объектом анализа в контексте постколониальных и цивилизационных подходов. По мнению современных исследователей, «научное наследие Бартольда сохраняет универсальную ценность как образец объективного знания о Востоке» (9, 510).

Подводя итоги, можно утверждать, что научное наследие В. В. Бартольда составляет один из фундаментальных пластов в изучении истории и культуры таджикского народа. Его труды, написанные более века назад, и поныне не утратили свою значимость в нашей отечественной историографии. Главная их ценность на наш взгляд заключается:

1. именно В. В. Бартольд впервые сформулировал научное представление о таджиках как о самобытном культурном народе, обладающем древними традициями и способном к созидательному развитию (2,171).

2. он заложил основы комплексного источниковедческого подхода к восточным рукописям, археологическим и топонимическим материалам, в той или иной мере отноящимся к истории таджикского народа.

3. его взгляд на таджикскую культуру, по сути, выпукло определил её как неотъемлемую часть мировой цивилизации.

Влияние В. В. Бартольда ощущается и в содержании современных трудов, посвящённых древней и средневековой истории таджикского народа.

Его принципы объективного, сопоставительного анализа источников, является объектом подражания современных грядущих поколений востоковедов в целом, таджикских исследователей в частности.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Акрамов Н. М. Выдающийся русский востоковед В. В. Бартольд. – Душанбе: Дониш, 1963. – 112 с.
2. Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана /Сочинения. Т. 4, ч. 1. – М.: Наука, 1963. – С. 169-393.
3. Бартольд В. В. Культура мусульманства. – СПб., 1900. – С. 193-205.
4. Бартольд В. В. Отчёт о командировке в Туркестан /Сочинения. Т. 4. – М., 1966. – С. 245.
5. Гафуров Б. Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 206, 532.
6. Каримов О. К. История исторической науки Таджикистана. – Душанбе, 2002. – С. 97.
7. Лунин Б. В. Жизнь и деятельность академика В. В. Бартольда. – Ташкент: Фан, 1981. – 223 с.
8. Масов Р. Г. Национальные процессы в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 206.

9. Пирумшоев Х., Маликов М. Россия – Таджикистан: история взаимоотношений. – М., 1999. – С. 510-524.

10.Хотамов Х., Мухторов А. История Хисора. – Душанбе, 1995. – С. 124.

11.Бобомуллоев С. Таджики в источниках и трудах исследователей. – Душанбе: Дониш, 2013. – С. 59-70.

12.Таджикистан в трудах дореволюционных исследователей/ Отв. ред. Искандаров Б. И. – Душанбе, 2020. – С. 242-248.

## БАРТОЛЬД В. В. - ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ И КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКОВ

Статья посвящена анализу вклада академика Василия Владимировича Бартольда (1869 -1930) в изучение истории и культуры таджикского народа. На основе его трудов - «История культурной жизни Туркестана», «Культура мусульманства», «Таджики. Исторический очерк» и других – рассматривается формирование научных представлений о таджиках как об одном из древнейших оседлых народов Центральной Азии. Показано, что В.В. Бартольд впервые создал целостную концепцию таджикской культуры как составной части исламской цивилизации, применяя сравнительно-исторический и источниковедческий методы.

В статье раскрываются основные направления его исследований, их влияние на развитие таджикской историографии XX-XXI вв., а также роль трудов Бартольда в формировании современного научного подхода к проблеме культурной идентичности таджиков.

**Ключевые слова:** *Бартольд, таджики, культура, историография, Туркестан, Востоковедение, Саманиды, идентичность.*

## БАРТОЛД В. В. - ТАҲҚИҚГАРИ ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН

Мақола ба таҳлили саҳми академик Василий Владимирович Бартолд (1869-1930) дар омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик бахшида шудааст. Бо такя ба асарҳои ӯ - «Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон», «Фарҳанги ислом», «Тоҷикон. Очерки таърихӣ» ва дигарон - масъалаи ташаккули назарҳои илмӣ оид ба тоҷикон ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои бумии Осиёи Марказӣ баррасӣ мегардад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки Бартолд нахустин шуда фарҳанги тоҷикро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тамаддуни башарӣ ва исломӣ мавриди таҳлил қарор дода, ҳамзамон усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва манбаъшиносиро истифода намудааст.

Дар мақола самтҳои асосии фаъолияти илмии ӯ, таъсири онҳо ба таърихнигорӣ ва аҳаммияти мероси илмии Бартолд барои дарки худшиносии фарҳангии тоҷикон тавсиф карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** *Бартолд, тоҷикон, фарҳанг, таърихнигорӣ, Туркистон, шарқшиносӣ, Сомониён, ҳувият.*

# BARTHOLD V. V. - RESEARCHER OF THE HISTORY AND CULTURE OF THE TAJIKS

The article examines the contribution of the Russian orientalist Academician Vasily Vladimirovich Barthold (1869-1930) to the study of the history and culture of the Tajik people. Based on his major works - The Cultural History of Turkestan, The Culture of Islam, and Tajiks: A Historical Essay - the author analyzes how Barthold formed the scientific concept of the Tajiks as one of the most ancient sedentary peoples of Central Asia.

The study highlights Barthold's application of the comparative-historical and source-critical methods, his interpretation of Tajik culture as an integral component of Islamic civilization, and his influence on the formation of Tajik historiography during the 20th-21st centuries.

It concludes that Barthold's scholarship remains a cornerstone for understanding the cultural identity and historical continuity of the Tajik nation.

**Key words:** *Barthold, Tajiks, culture, historiography, Turkestan, Oriental studies, Samanids, identity.*

**Сведения об авторе: Сафаров Кодир Хотамович** – старший лаборант отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Акад. Раджабова, 7. E-mail: hotamzodaa@gmail.com

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаров Қодир Ҳотамович** – лаборанти калони Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо -7. Индекси почта: 735700. E-mail:hotamzodaa@gmail.com

**Information about the author: Safarov Qodir Hotamovich** – senior laboratory assistant, Department of ancient, medieval and modern history, Institute of history, archaeology and ethnography named after A. Donish, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov Street,7. E-mail: hotamzodaa@gmail.com

## ТАЪРИХИ ИЛМ ВА ТЕХНИКА - ИСТОРИЯ НАУКИ И ТЕХНИКИ - HISTORY OF SCIENCE AND TECHNOLOGY

УДК 51 (575.3) : 930.1

# ТАҲҚИҚ ВА ТАТБИҚИ ҚИМАТҲОИ МИЁНАИ ФУНКСИЯҲОИ ЧЕБИШЁВ АЗ ТАРАФИ ОЛИМОНИ ТОҶИК

**ИСМАТОВ С. Н., КАРИМЗОДА Д. Ҷ.,**
**Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ**

Функсияҳои Чебишёв гуфта, функсияҳои арифметикии намуди

$$\theta(x) = \sum_{p\leq x} \ln p$$

ва

$$\psi(x) = \sum_{m\in N}\sum_{p^m\leq x} \ln p$$

– ро меноманд, ки дар ин ҷо $p$ – адади сода, $m$ – адади натуралӣ мебошад.

Аз таърифи функсияҳои Чебишёв бевосита маълум аст, ки ин функсияҳо бо тақсимшавии ададҳои сода дар қатори ададҳои натуралӣ алоқамандии зич доранд.

Пси – функсияи Чебишёвро метавон бо ёрии функсияи Манголдт низ ифода намуд, яъне

$$\psi(x) = \sum_{n\leq x} \Lambda(n),$$

$\Lambda(n)$ – функсияи Манголдт ба таври зерин муайян карда мешавад:

$$\Lambda(n) = \begin{cases} \log p\text{, агар } n \text{ дараҷаи адади содаи } p \text{ бошад,} \\ 0\text{, дар дигар ҳолатҳо.} \end{cases}$$

Вобастагии пси – функсия ва тета – функсия бо баробарии зерин муайян карда мешавад:

$$\psi(x) = \theta(x) + O\left(\sqrt{\ln x}\right).$$

Математики машҳури Белгия Ла Валле – Пуссен барои пси – функсияи Чебишёв чунин натиҷаро ба даст овардааст:

$$\psi(x) = x + O\left(e^{-c\sqrt{\ln x}}\right),$$

яъне ӯ тақсимшавии ададҳои содаро дар мафҳуми пси – функсияи Чебишёв тасвир намудааст.

Агар гипотезаи машҳури Риманро дар мафҳуми пси – функсияи Чебишёв тасвир намоем, пас теоремаи Валле – Пуссен намуди зеринро мегирад:

$$\psi(x) = x + O\left(\sqrt{x}\ln^2 x\right).$$

Қимати миёнаи функсияҳои арифметикӣ гуфта, чунин ададеро меноманд, ки он дар байни калонтарин ва хурдтарин қиматҳои функсия ҷой дорад.

Ҳангоми ҳалли муаммоҳои назарияи ададҳои сода ба мо лозим мешавад, ки қимати миёнаи функсияҳои Чебишёвро аз рӯйи ҳамаи характерҳои Дирихле дида бароем. Барои характери Дирихле $\chi$ аз рӯйи модули $q, q > 1$ функсияҳои Чебишёв намуди зеринро мегирад:

$$\psi(y,\chi) = \sum_{n\le y} \Lambda(n)\chi(n),$$

$$\psi(y,\chi,\lambda) = \sum_{n\le y} \Lambda(n)\chi(n)e(\lambda n).$$

Бо дарназардошти гипотезаи васеъкардашудаи Риман қимати миёнаи функсияи $\psi(x,\chi)$ чунин намудро мегирад:

$$t(x;q) = \sum_{\chi \bmod q} |\psi\,(x,\chi)| \ll\; x + x^{\frac{1}{2}} q l^2, (1)$$

$$T(x;Q) = \sum_{q\le Q} \sideset{}{^*}\sum_{\chi} |\psi\,(x,\chi)| \ll\; Q\, x^{\frac{1}{2}} L^2. (2)$$

Ҳангоми ҳалли як қатор масъалаҳое, ки ба назарияи ададҳои сода тааллуқ доранд, кифоя аст, то барои суммаҳои $t(x;q)$ ва $T(x;Q)$ чунин баҳоҳоеро ҳосил намоем, ки онҳо ба баҳоҳои (1) ва (2) наздиктар бошанд.

Бори нахуст Ю. В. Линник [1] қимати миёнаи функсияи Чебишёвро барои баҳои суммаҳои хаттии тригонометрӣ татбиқ намудааст.

Баъди Ю. В. Линник, соли 1974, Г. Монтгомери [2] бо истифода аз теоремаи зичии худ оиди нулҳои $L$–қаторҳои Дирихле, ки исботаш ба методи ғалбери калон такя мекунад, ҷой доштани баҳои зеринро нишон дод:

$$t(x;q) \ll \left(x + x^{\frac{5}{7}} q^{\frac{5}{7}} + x^{\frac{1}{2}}\, q\right)\mathscr{L}^{17}, \mathscr{L} = \ln xq\,, (3)$$

$$T(x;Q) \ll (xQ^{\frac{2}{3}} + x^{\frac{1}{2}}Q^2)\mathscr{L}^{\frac{1}{2}}.$$

Соли 1975 баҳои (3)-ро Р. Вон [3] беҳтар намуд. Ӯ бо ёрии методи ғалбери калон дар варианти Галлахер ва тасвири махсуси ҳосилаи логарифмии $L$–функсияҳои Дирихле, яъне бо ёрии тасвири

$$\frac{L'}{L} = \left(\frac{L'}{L} + F\right)(1 - FG) + (L' + LF)G - F,$$

ки дар ин ҷо $F$ ва $G$ мувофиқан барои қаторҳои Дирихле $-\frac{L'}{L}$ ва $\frac{1}{L}$ суммаҳои хусусӣ мебошанд, баҳоҳои зеринро исбот намуд:

$$t(x;q) \ll xl^3 + x^{\frac{3}{4}} q^{\frac{5}{8}} l^{\frac{23}{8}} + x^{\frac{1}{2}}\, q l^{\frac{7}{2}}, (4)$$

$$T(x;Q) \ll x\mathscr{L}^3 + x^{\frac{3}{4}} Q^{\frac{5}{4}} \mathscr{L}^{\frac{23}{9}} + x^{\frac{1}{2}} Q^2 \mathscr{L}^{\frac{7}{2}}. (5)$$

Баҳоҳои (4) ва (5) дар он замон аз ҳамаи баҳоҳои барои бузургиҳои $t(x;q)$ ва $T(x;Q)$ гирифташуда беҳтарин ба ҳисоб мерафт.

Баъдан З. Ҳ. Раҳмонов ба омӯхтани қимати миёнаи функсияҳои Чебишёв ҷиддан машғул шуда, рисолаи доктории худро дар мавзуи «Простые числа и

средние значения функции Чебышёва» («Ададҳои сода ва қиматҳои миёнаи функсияи Чебишёв») [4] таълиф намуда, онро 4-уми октябри соли 1996 дар Шурои диссертатсионии Д.053.05.05-и назди Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов бомуваффақият ҳимоя намуд.

Дар рисолаи доктории академик З. Ҳ. Раҳмонов бо истифода аз рафтори қимати миёнаи функсияи Чебишёв як қатор масъалаҳо, аз ҷумла теорема оиди зичии нулҳои зета – функсияи Риман дар порчаи кӯтоҳи хати рости критикӣ, ки он дар навбати худ ба баҳои суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои сода оварда мешавад, баҳои суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои сода, баҳои суммаҳои кӯтоҳи тригонометрӣ бо ададҳои сода, тақсимшавии ададҳои Харди – Литлвуд дар прогрессияҳои арифметикӣ ва ба ин монанд якчанд масъалаҳои дигар ҳал карда шуданд.

Қисми якуми рисолаи доктории академик З. Ҳ. Раҳмонов ба омӯзиш ва таҳқиқи бузургиҳои зерин бахшида шудааст:

$$t(x;q)=\sum_{\chi \bmod q}\max_{y\le x}|\psi\,(x,\chi)|,$$

$$T(x;Q)=\sum_{q\le Q}\frac{q}{\varphi(q)}\sum_{\chi}^{*}\max_{y\le x}|\psi\,(x,\chi)|,$$

$$t(x;q,y,\lambda)=\sum_{\chi}|\psi\,(x,\chi,\lambda)-\psi(x-y,\chi,\lambda)|,$$

ки дар ин ҷо $\varphi(q)$ – функсияи Эйлер буда, $\sum^{*}$ маънои онро дорад, ки суммиронӣ аз рӯйи ҳамаи характерҳои примитивии Дирихле аз рӯйи модули $q$ гузаронида мешавад.

Методҳои таҳқиқи ин бузургиҳо ва татбиқҳоеро, ки ҳангоми аз боло баҳо додани суммаҳои $t(x;q), T(x;Q), t(x;q,y,\lambda)$ ба даст меоянд, баён месозем.

Чӣ хеле ки қайд гардид, қимати миёнаи функсияи Чебишёвро Ю. В. Линник барои ҳосил намудани баҳои ғайритривиалии суммаҳои тригонометрии хаттӣ бо ададҳои сода тадқиқ намуд. Ӯ бо истифодаи ғояҳои Г. Харди ва Д. Литтлвуд [5], ки пештар дар муаммои Голдбах татбиқ шуда буд, инчунин бо ёрии теоремаҳои зичӣ барои нулҳои $L$ – қаторҳои Дирихле баҳои нави ғайритривиалии суммаи $S(\alpha,x)$-ро ба даст овард. Ҳамин тавр, Ю. В. Линник исботи нави теоремаи И. М. Виноградов оиди се ададӣ сода, яъне муаммои Голдбахро ҳосил намуд.

Н. Г. Чудаков [6] низ соли 1947 методи муфассали ба ҳамин монанди тадқиқи суммаҳои тригонометрии хаттӣ бо ададҳои сода бо ёрии баҳои қиматҳои миёнаи функсияи Чебишёвро пешниҳод намуд, ки он, дар навбати худ, ба тақсимшавии нулҳои $L$ – қаторҳои Дирихле дар тасмаи критикӣ асос ёфтааст.

А.А. Каратсуба [7] методи ҳалли масъалаҳои тернарии мултипликативиро бо ҳамбастагии варианти нави аналитикии методи И. М. Виноградов – баҳоҳои суммаҳо бо ададҳои сода кор карда баромада, ҳолати одитарини бузургии $t(x;q)$-ро баҳо дод. Натиҷаи ин баҳо теорема оиди тақсимшавии ададҳои намуди $p(p'+a)$ дар прогрессияҳои арифметикии кӯтоҳ мебошад.

Соли 1989 З. Ҳ. Раҳмонов [8] бо ёрии методи А. А. Каратсуба ба таври элементарӣ баҳои зеринро исбот намуд:

$$t(x;q) \ll \left(x + x^{\frac{5}{6}}q^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{1}{2}}\,q\right)x^{\delta}. (6)$$

Бо ҳамин метод Пан Чен-дон ва Пан Чен-бяо [9] исбот намуданд, ки

$$T(x;Q) \ll \left(x + x^{\frac{5}{6}}Q + x^{\frac{1}{2}}Q^2\right)\mathscr{L}^4, \mathscr{L} = \ln xQ\,.$$

Теоремаи Бомбери – Виноградов оиди «миёна» -и тақсимшавии ададҳои сода дар прогрессиҳои арифметикӣ, ки А. А. Каратсуба [7] ба имконияти ҳосил намудани он бо ин метод ишора намудааст, натиҷаи баҳои охирон мебошад.

Қайд менамоем, ки баҳои барои бузургии $t(x;q)$ гирифтаи З. Ҳ. Раҳмонов (6) аз (3) беҳтар ва аз (4) сусттар буда, вале исботи он нисбат ба исботи (3) ва (4) ба таври элементарӣ гузаронида шуда, ба методи ҳалли масъалаҳои тернарии мултипликативии А. А. Каратсуба такя мекунад.

Аз баҳоҳои (3), (4) ва (6) барои $t(x;q)$ дида мешавад, ки аз се ҷамъшавандаҳои дар ин баҳо иштироккунанда, ду ҷамъшавандаи канории он то саҳеҳии дараҷаи охирноки логарифм баробар буда, онҳоро нисбат ба дараҷаҳои $x$ ва $q$ умуман беҳтар намудан номумкин аст. Бинобар ин, дастовардҳои минбаъда барои баҳои $t(x;q)$ метавонистанд танҳо беҳтар намудани ҷамъшавандаи дуюм бошанд, ки ин соли 1993 ба З. Ҳ. Раҳмонов мушарраф гардид.

Дар солҳои 1993-1995 З. Ҳ. Раҳмонов [10], [11], [12] методи нави тадқиқи қиматҳои миёнаи функсияҳои арифметикии намуди функсияи Чебишёвро аз рӯйи ҳамаи характерҳои Дирихле бунёд намуд. Татбиқи ин метод ба З. Ҳ. Раҳмонов имконият дод, ки дар муаммоҳои зерин натиҷаҳои беҳтаринро ба даст орад:

- баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв (аз он ҷумла бо вазни экспоненсиалии хаттӣ ва квадратӣ дар фосилаҳои кӯтоҳ) аз рӯйи ҳамаи характерҳои Дирихлеи модули додашуда;
- баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв аз рӯйи ҳамаи характерҳои примитивии Дирихле, ки модулҳояшон аз бузургии додашуда зиёд намебошанд.

Раҳмонов З. Ҳ. дар боби якуми рисолаи доктории худ бо ёрии методи зикргардидаи А. А. Каратсуба, методи корҳои Н. М. Тимофеев [14], ки ӯ бо ёрии он қимати миёнаи тақсимшавии функсияҳои арифметикӣ дар фосилаҳои кӯтоҳро аз рӯйи прогрессияҳо таҳқиқ намудааст, татбиқи теоремаи Г. Монтгомери [2] оиди моменти чоруми $L$ – қаторҳои Дирихле ва теоремаи М. Ютилла [15] оиди моменти чоруми $L$ – қаторҳои Дирихле дар фосилаҳои кӯтоҳи хати рости критикӣ теоремаҳои зеринро исбот намуд [10], [11]:

**Теоремаи 1.** *Ҳангоми* $x \geq 2$, $q \geq 1$ *будан, баҳои зерин ҷой дорад:*

$$t(x;q) \ll xl^3 + x^{\frac{4}{5}}q^{\frac{1}{2}}l^{34} + x^{\frac{1}{2}}\,ql^{34}. (7)$$

Қайд мекунем, ки ин баҳо, ҳангоми $x^{\frac{2}{5}}l^{\frac{1}{5}} \ll q \ll x^{\frac{2}{3}}l^{-\frac{5}{3}}$ будан, аз баҳои (4) беҳтар буда, барои ҳамаи $q$-ҳои боқимонда бо саҳеҳии тартиби зарбкунандаҳо, ки ба ягон дараҷаи охирноки $l$ баробар аст, бо баҳои (4) якхела мебошад.

**Теоремаи 2.** *Бигзор* $x \geq 2$, $Q \geq 1$ *бошад, он гоҳ нобаробарии зерин дуруст аст:*

$$T(x;Q) \ll x\mathscr{L}^3 + x^{\frac{4}{5}}Q\mathscr{L}^{34} + x^{\frac{1}{2}}Q^2\mathscr{L}^c, (8)$$

*ки дар ин ҷо* $c = 34$ *аст, агар* $Q \leq \sqrt[3]{x}(ln\,x)^{-\frac{5}{6}}$ *бошад ва дар ҳолати баръакс* $c = 3{,}5$ *мебошад.*

Ин баҳо ҳангоми $x^{\frac{1}{5}} < Q \leq x^{\frac{1}{3}}$ будан, аз баҳои (5) беҳтар буда, барои ҳамаи $Q$-ҳои боқимонда бо саҳеҳии тартиби зарбкунандаҳо, ки ба ягон дараҷаи охирноки $\mathscr{L}$ баробар мебошад, бо баҳои (5) якхела аст.

**Теоремаи 3.** *Бигзор* $x \geq x_0$, $x^{\frac{1}{2}} \leq y \leq x$, $|\lambda| \leq \frac{x}{y^2}$, $1 \leq q \leq \frac{x}{y}$, $\varepsilon < 10^{-6}$ – *дилхоҳ адади қайдкардашудаи мусбат ва*

$$t(x;q,y,\lambda) = \sum_{\chi} |\psi(x,\chi,\lambda) - \psi(x-y,\chi,\lambda)|$$

*бошад, он гоҳ баҳои зерин ҷой дорад:*

$$t(x;q,y,\lambda) \ll \left(y + x^{\frac{3}{10}}y^{\frac{1}{2}}\right)\mathscr{L}^{35} + \left(qx^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{1}{3}}y^{\frac{1}{2}}|\lambda|^{\frac{1}{3}}q\right)x^{\varepsilon}.$$

Тасдиқоти ин теорема бо тасдиқоти теоремаи 1 бо саҳеҳӣ то зарбшавандаи $x^{\varepsilon}$ баробар аст, агар $|\lambda| \leq \frac{1}{x}$, $x$ ва $y$ тартибҳои баробар дошта бошанд.

З. Ҳ. Раҳмонов ба воситаи методҳое, ки дар исботи теоремаҳои 1 – 3 истифода шудааст, қимати миёнаи функсияҳои арифметикии намуди зеринро тадқиқ намуд:

$$\sum_{n \leq x} f(n)\chi(n),$$

ки дар он ба сифати $f(n)$ функсияи $\mu(n)$ – функсияи Мёбиус, $\tau_r(n)$ – миқдори тасвирҳои $n$ дар намуди $r$ ҳамзарбшавандаҳо ва ҳоказо гирифтан мумкин аст.

Соли 1937 И. М. Виноградов дар асоси ғалбери худ ва методи суфтакунии суммаҳои дукарата методи баҳодиҳии суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои содаро сохт [16]. Хусусан ӯ теоремаи зеринро исбот намуд, ки он «Баҳои суммаи тригонометрии хаттӣ бо ададҳои содаи Виноградов» ном гирифт:

**Теорема (Виноградов).** *Агар* $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \leq q^{-2}$, $(a,q) = 1$, $H = e^{-0{,}5\sqrt{ln\,x}}$*{-бошад, пас баҳоҳои зерин дуруст аст:*

$$S(\alpha,x) = \sum_{n \leq x} \Lambda(n)e(\alpha n) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{4}{5}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right)x^{\varepsilon},$$

$$S(\alpha,x) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + xH^{-4}(\ln q)^{0{,}5} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}(\ln x)^{\frac{1}{2}}\right)\ln^2 x \ln\ln x.$$

Баҳои барои $S(\alpha,x)$ гирифташуда бо ҳамбастагии теоремаҳо доир ба тақсимшавии ададҳои сода дар прогрессияҳои арифметикӣ ба И. М. Виноградов имконият доданд, ки барои миқдори тасвирҳои адади тоқи $N$ дар намуди

$N = p_1 + p_2 + p_3$,

ки аз муаммои Голдбах [17] бармеояд, формулаи асимптотӣ ба даст оварад.

Раҳмонов З. Ҳ. дар боби сеюми рисолаи доктории худ, ки ба баҳои суммаҳои кӯтоҳи тригонометрӣ бо ададҳои сода бахшида шудааст, бо ёрии баҳои суммаи $t(x;q)$ барои суммаи кӯтоҳи тригонометрии намуди

$$S(\alpha,x,y)=\sum_{x-y<n\le x}\Lambda(n)e(\alpha n),$$

ки дар он $y<x$ ва $\alpha$ – адади ҳақиқӣ аст, баҳои зеринро гирифтааст:

**Теорема.** *Бигзор* $x\ge x_0$, $x^{\frac{1}{2}}\le y\le x$, $\alpha=\frac{a}{q}$, $(a,q)=1$, $1\le\ q\le\tau$, $|\lambda|\le\frac{1}{q\tau}\le\frac{x}{y^2}$, $\varepsilon<10^{-6}$ *– дилхоҳ адади қайдкардашудаи мусбат бошад. Он гоҳ баҳои зерин ҷой дорад:*

$$S(\alpha,x,y)\ll\left(yq^{-\frac{1}{2}}+x^{\frac{3}{10}}y^{\frac{1}{2}}\right)l^{35}+\left(q^{\frac{1}{2}}x^{\frac{1}{2}}+x^{\frac{1}{3}}y^{\frac{1}{2}}\tau^{-\frac{1}{3}}q^{\frac{1}{6}}\right)x^{\varepsilon}.$$

Ин баҳо, ҳангоми $l^{70}<q<\tau$, $y\ge x^{\frac{3}{5}+\varepsilon}$ будан, ғайритривиалӣ буда, он натиҷаи теоремаи 3 мебошад.

Ба омӯзиш ва татбиқи қимати миёнаи функсияи Чебишёв баъд аз Раҳмонов З. Ҳ. шогирди ӯ Бобоёров Ш. К. низ машғул гардид. Бобоёров Ш. К. соли 2008 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Среднее значение функции Чебышева с экспоненциальным весом в коротких интервалах» («Қимати миёнаи функсияҳои Чебишёв бо вазни экспоненсиалӣ дар фосилаҳои кӯтоҳ») зери роҳбарии академики АМИТ Раҳмонов З. Ҳ. дар Шурои диссертатсионии К.047.007.01-и назди Институти математикаи АИ ҶТ ҳимоя намуд.

Бобоёров Ш. К. дар рисолаи номзадии худ қимати миёнаи функсияҳои Чебишёвро бо вазнҳои экпоненсиалии квадратӣ дар фосилаҳои кӯтоҳ аз рӯйи ҳамаи характерҳои Дирихле, яъне суммаҳои намуди зеринро мавриди таҳқиқ қарор дод:

$$t_2(x;q,y,\lambda)=\sum_{\chi}|\psi_2(x,\chi,\lambda)-\psi_2(x-y,\chi,\lambda|,$$

ки дар ин ҷо

$$\psi_2(x,\chi,\lambda)=\sum_{n\le x}\Lambda(n)\chi(n)e(\lambda n^2)$$

аст.

Бобоёров Ш. К. ва Раҳмонов З. Ҳ. [18] барои қимати миёнаи функсияи Чебишёв бо вазнҳои экпоненсиалии квадратӣ дар фосилаҳои кӯтоҳ чунин теоремаро исбот намуданд:

**Теорема.** *Бигзор* $x\ge x_0$ , $x^{\frac{1}{2}}\le y\le x$, $|\lambda|\le\frac{1}{y^2}$, $1\le\ q\le\frac{x}{y}$, $\varepsilon<10^{-6}$ *– дилхоҳ адади қайдкардашудаи мусбат ва*

$$t_2(x;q,y,\lambda)=\sum_{\chi}|\psi_2(x,\chi,\lambda)-\psi_2(x-y,\chi,\lambda|$$

*бошад. Он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:*

$$t_2(x;q,y,\lambda)\ll\left(y+x^{\frac{3}{10}}y^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right)l^{35}+\left(qx^{\frac{1}{2}}+x^{\frac{2}{3}}y^{\frac{1}{2}}|\lambda|^{\frac{1}{3}}q\right)x^{\varepsilon}.$$

Яке аз татбиқҳои ин теорема баҳои суммаи кӯтоҳи тригонометрии квадратӣ бо ададҳои сода дар фосилаҳои кӯтоҳ, яъне баҳои суммаҳои намуди

$$S_2(\alpha, x, y) = \sum_{x-y< n\leq x} \Lambda(n)\, e(\alpha\, n^2),$$

$$\alpha = \frac{a}{q} + \lambda, (a, q) = 1, |\lambda| \leq \frac{1}{q\tau}, 1 \leq q \leq \tau$$

мебошад, ки Бобоёров Ш. К. барои он чунин теоремаро исбот намудааст:

**Теорема.** *Бигзор* $x \geq x_0$, $x^{\frac{1}{2}} \leq y \leq x$, $|\lambda| \leq \frac{1}{q\tau} \leq \frac{1}{y^2}$, $\varepsilon < 10^{-6}$ *– дилхоҳ адади қайдкардашудаи мусбат бошад. Он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:*

$$S_2(\alpha, x, y) \leq \left(yq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{3}{10}}y^{\frac{1}{2}}\right) l^{36} + \left(q^{\frac{1}{2}}x^{\frac{1}{2}} + x^{\frac{2}{3}}y^{\frac{1}{2}}\tau^{-\frac{1}{3}}q^{\frac{1}{6}}\right) x^{\varepsilon}.$$

Қайд менамоем, ки ин баҳо ҳангоми $l^{70} < q < \tau$, $y \geq x^{\frac{4}{5}+\varepsilon}$ будан ғайритривиалӣ мебошад.

Масъалаи таҳқиқ ва татбиқи қимати миёнаи функсияҳои Чебишёв дар соҳаи назарияи ададҳо хеле масъалаи мубрам ба шумор меравад. Тавре дар боло зикр гардид, ин масъала ба масъалаи то ҳол ҳалнашудаи ба ном гипотезаи васеъкардашудаи Риман оварда мерасонад. Ин аст, ки қариб ҳамаи олимони машҳури ин соҳа ба омӯзиши ин масъала мароқ зоҳир мекунанд.

Чӣ хеле ки мо аллакай дар боло қайд намудем, соли 1937 И. М. Виноградов методи баҳодиҳии суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои содаро бунёд намуд, хусусан ӯ [16] ошкор сохт, ки суммаҳо ба ададҳои содаро бо роҳи фақат ҷамъу тарҳ кардан аз миқдори на он қадар зиёди дигар суммаҳо тартиб додан мумкин аст ва баҳоҳои бехтарро бо ёрии методи баҳодиҳии суммаҳои дукарата, ки бо назарияи $L$ – қаторҳои Дирихле ягон алоқамандие надорад, ҳосил намудан имконпазир аст. Чунин сумма тавонист суммаи тригонометрии хаттӣ бо ададҳои содда – $S(\alpha, x)$ бошад, ки дар ин ҷо $\alpha$ – адади ҳақиқӣ буда, барои ин сумма, ҳангоми иҷро шудани шарти

$$\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \leq \frac{1}{q^2}, (a, q) = 1,$$

баҳои зерин ёфта шудааст:

$$S(\alpha, x) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{4}{5}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right) x^{\varepsilon}. (9)$$

Исботи ин баҳо ба таври элементарӣ гузаронида мешавад.

Дар солҳои минбаъда, дар корҳои [1], [6], [19] ва [20], ки ба баҳодиҳии суммаҳои $S(\alpha, x)$ бахшида шудаанд, бо методҳои аналитикӣ, аз ҷумла методи Риман – Адамар, бо ёрии $L$ – қаторҳои Дирихле, интегронии контурӣ ва теоремаҳои зичӣ доир ба $L$ – қаторҳои Дирихле [21] як қатор баҳоҳои ғайритривиалии $S(\alpha, x)$ гирифта шуданд.

Суммаи $S(\alpha, x)$-ро Ю. В. Линник [1] бо усули аналитикӣ баҳо дода, варианти нави баҳои ғайритривиалии суммаи тригонометрии хаттӣ бо ададҳои содаро дар шакли зерин баён намуд: *бигзор* $\alpha$ *– адади ҳақиқӣ,* $N \geq q\, N_0 > 0$, $\alpha = \frac{a}{q} + \lambda$ *бошад, ки дар ин ҷо* $(a, q) = 1$, $1 < q \leq \tau = (\ln x)^{1000}$, $\tau^{1000}x^{-1} \leq |\lambda| \leq (q\tau)^{-1}$ *мебошад, он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:*

$$\left|\sum_{n=2}^{\infty}\Lambda(n)\exp\left(-\frac{n}{N}\right)e(\alpha n)\right| < N(\ln N)^{-1000}.$$

Г. Монтгомери [2] бо истифода аз баҳои худ барои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв (3) исбот намуд, ки

$$S\left(\frac{a}{q},x\right) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{5}{7}}q^{\frac{3}{14}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right)\mathscr{L}^{17}. (10)$$

Ӯ ҳамчунин нишон дод, ки агар $\eta \le x^{\frac{1}{4}}$, $\eta \le q \le x\eta^{-1}$, $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \le 2\eta(qx)^{-1}$, $(a,q) = 1$ бошад, он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:

$$S(\alpha,x) \ll x\eta^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{17}.$$

Р. Вон [3] баҳои барои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв ҳосилнамудаи худ, яъне баҳои (4)-ро истифода бурда, натиҷаи Г. Монтгомериро беҳтар намуд. Ӯ исбот кард, ки агар $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \le q^{-2}$, $(a,q) = 1$ бошад, он гоҳ баҳои

$$S(\alpha,x) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{7}{8}}q^{-\frac{1}{8}} + x^{\frac{3}{4}}q^{\frac{1}{8}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right)\mathscr{L}^{4}\ (12)$$

ҷой дорад ва агар $\eta \le x^{\frac{1}{3}}$, $\eta \le a \le x\eta^{-1}$, $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \le 2\eta(qx)^{-1}$, $(a,q) = 1$ бошад, пас баҳои зерин дуруст аст:

$$S(\alpha,x) \ll x\eta^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{4}. (13)$$

Қайд мекунем, ки баҳоҳои (10), (11), (12) ва (13), ки бо усули аналитикӣ гирифта шудаанд, аз баҳои (9), ки онро И.М.Виноградов бо методи элементарӣ ба даст оварда буд, сусттар мебошанд.

З. Ҳ. Раҳмонов [8], [10]-[13] бо истифода аз баҳои қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв (7) баҳоеро ҳосил кард, ки дар он зарбшавандаи $x^{\varepsilon}$ дар (9) ба дараҷаи охирноки логарифм аз $xq$ иваз карда мешавад, яъне агар $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \le q^{-2}$, $(a,q) = 1$ бошад, он гоҳ баҳои

$$S(\alpha,x) \ll \left(xq^{-\frac{1}{2}} + x^{\frac{4}{5}} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\right)\mathscr{L}^{35}\ (14)$$

ҷой дорад ва агар $1 \le \eta \le x^{\frac{2}{5}}$, $\eta \le q < x\eta^{-1}$, $\left|\alpha - \frac{a}{q}\right| \le 2\eta(qx)^{-1}$, $(a,q) = 1$ бошад, пас баҳои зерин дуруст аст:

$$S(\alpha,x) \ll x\eta^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{35}.$$

Омӯзиши ин масъаларо О. О. Нозиров, ки соли 2021 рисолаи номзадии худро бо унвони «Қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв ва татбиқҳои онҳо» таҳти роҳбарии академики АМИТ З. Ҳ. Раҳмонов дар Шурои диссертатсионии 6D КОА-037-и назди Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ ҳимоя намуд, идома дода, баҳои (7)- ро аниқтар намуд.

О. О. Нозиров [22] тавонист бо исбот намудани теоремаи зерин дар баҳои (7) дараҷаи логарифмҳоро дар ҷамъшавандаҳо аниқтар намояд.

**Теоремаи 1.** *Ҳангоми $x \ge 2$ ва $q \ge 1$ будан, баҳои зерин ҷой дорад:*

$$t(x;q) \ll x\mathscr{L}^{28} + x^{\frac{4}{5}}q^{\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{31} + x^{\frac{1}{2}}q\mathscr{L}^{32}.$$

Соли 2020 О. О. Нозиров [23] бо истифода аз баҳои (16) баҳои нави суммаи $S(\alpha,x)$-ро дар шакли теоремаи зерин, ҳангоми $\alpha$ адади ратсионалӣ будан, исбот намуд, ки дар он дараҷаи логарифмҳо дар ҷамъшавандаҳои баҳои (15) аниқтар карда мешавад.

**Теоремаи 2.** *Бигзор* $(a,q)=1$ *бошад, он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:*

$$S\left(\frac{a}{q},x\right) \ll xq^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{29} + x^{\frac{4}{5}}\mathscr{L}^{32} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{33}.$$

Дар кори [23] бо роҳи истифода бурдани теоремаи 2, теоремаи Дирихле доир ба наздикшавии ададҳои ҳақиқӣ ба ададҳои ратсионалӣ ва формулаи қисман суммиронӣ барои суммаҳои тригонометрии хаттӣ бо ададҳои сода – $S(\alpha,x)$, ҳангоми $\alpha$ адади дилхоҳи ҳақиқӣ будан, баҳоҳои зерин исбот карда шудааст:

**Натиҷаи 2.1.** *Бигзор* $\left|\alpha-\frac{a}{q}\right|<\frac{1}{q^2}$, $(a,q)=1$ *бошад, он гоҳ баҳои зерин ҷой дорад:*

$$S(\alpha,x) \ll xq^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{33} + x^{\frac{4}{5}}\mathscr{L}^{32} + x^{\frac{1}{2}}q^{\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{33}.$$

**Натиҷаи 2.2.** *Бигзор* $\eta \le x^{\frac{2}{5}}, \eta \le a \le x\eta^{-1}, \left|\alpha-\frac{a}{q}\right| \le q^{-2}, (a,q)=1$ *бошад, он гоҳ баҳои зерин дуруст аст:*

$$S(\alpha,x) \ll x\eta^{-\frac{1}{2}}\mathscr{L}^{33}.$$

Ин баҳоҳо мувофиқан баҳоҳои (14) ва (15)-ро аниқтар месозанд.

Чӣ хеле ки аз ин таҳлилҳо дида мешавад, масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи қиматҳои миёнаи функсияҳои Чебишёв ба яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунанда мубаддал гаштааст.

Ин аст, ки дар қатори мактабҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ дар Тоҷикистони азизи мо низ бо шарофати Истиқлоли давлатӣ мактабҳои бузурги илмӣ арзи ҳастӣ менамоянд ва аз рӯйи натиҷаҳои илмиашон дар ҷаҳон шинохта гардидаанд. Махсусан, саҳми намояндагони мактаби илмии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зарулло Ҳусенович Раҳмонов дар ин самт хеле бузург буда, дар доираи ин масъала ду нафар намояндагони ин мактаб рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намудаанд. Ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки олимони тоҷик дар сатҳи илми ҷаҳонӣ саҳмгузор мебошанд ва дар баъзе мавридҳо ҳатто натиҷаҳои беҳтарро ба даст овардаанд. Дар назар аст, ки ин масъала дар оянда боз ҳам амиқтар мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда мешавад. Доир ба ҷанбаҳои дигари фаъолияти илмии академик З. Ҳ. Раҳмонов ва шогирдони ӯ аз корҳои [24], [25] ва [26] маълумоти бештар гирифтан мумкин аст.

## АДАБИЁТ


1. Линник Ю. В. Избранные труды /Ю.В. Линник. – Ленинград: Наука, 1980. – 374 с.
2. Монтгомери Г. Мультипликативная теория чисел / Г. Монтгомери. – Москва, 1974. – 160 с.
3. Vaughan R.O. Mean value theorems in prime number theory / R.O. Vaughan /J. London Math. Soc. 1975, – V.s 2 – 10, – Is. 2, – Pp. 153 – 162.

4. Рахмонов З.Х. Простые числа и средние значения функции Чебышева. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора физико-математических наук /З.Х. Рахмонов. – Москва, 1996. – 23 с.

5. Hardy G.H., Littlwood, I.E. Some problems of partitio numerorum III. On the expression of number as a sum of primes / G.H. Hardy, I.E. Littlwood // Acta Math, 1923. – V. 44. – Pp. 1 – 70.

6. Chudakov N.G. On Goldbach-Vinogradov`s theorem / N.G. Chudakov // – Acta Math (2), 1947, – V. 48(3). – Pp. 515 – 545.

7. Карацуба А.А. Распределение произведений сдвинутых простых чисел в арифметических прогрессиях /А.А. Карацуба // Докл. АН СССР, 1970. – Т. 192. – № 4. – С. 724 – 727.

8. Рахмонов З.Х. Распределение чисел Харди Литтвлуда в арифметических прогрессиях / З.Х. Рахмонов // Известия АН СССР. Серия математическая, 1989. – Т. 52. – № 1. – С. 211 – 224.

9. Пан Чен-дон и Пан, Чен-бяо. Основы аналитической теории чисел / Пан Чен-дон, Пан Чен-бяо. – Пекин, 1991 (на китайском языке).

10. Рахмонов З.Х. Средние значения функции Чебышева / З.Х. Рахмонов // Докл. АН России, 1993. – Т. 331(3). – С. 281 – 282.

11. Рахмонов З.Х. Теорема о среднем значении $\psi(x,\chi)$ и ее приложения / З.Х. Рахмонов // Известия РАН. Серия математическая, 1993. – Т. 57. – № 4. – С. 55 – 71.

12. Рахмонов З.Х. О распределении значений характеров Дирихле и их приложения / З.Х. Рахмонов //Труды МИРАН, 1994. – Т. 207. – С. 286 – 296.

13. Рахмонов З.Х. Теорема о среднем значении функций Чебышева / З.Х. Рахмонов // Известия Российской академии наук, сер. матем., 1993. – Т. 58. – № 3. – С. 127 – 139.

14. Тимофеев Н.М. Распределение арифметических функций в коротких интервалах в среднем по прогрессиям / Н.М. Тимофеев // Изв. АН СССР, сер. матем., 1987. – Т. 51. – № 2. – С. 341 – 362.

15. Jutila M. Mean value etstimates for exponential sums with applications to L-functions / M. Jutila // Acta Arith., 57(1991). – No. 2. – Pp. 93 – 114.

16. Виноградов И. М. Избранные труды / И. М. Виноградов. – М: Изд-во АН СССР, 1952. – 436 с.

17. Исматов С. Н. Таҳқиқи муаммои Голдбах ва Варинг дар Тоҷикистони муосир / С. Н. Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025. – № 2. – С. 34 – 45.

18. Бобоёров Ш.К., Рахмонов З.Х. Среднее значение функции Чебышева с квадратичным экспоненциальным весом в коротких интервалах / Ш.К. Бобоёров, З.Х. Рахмонов // Изв. АН РТ, отд. ф.-т., хим. и геол. наук, 2006. – № 2(155). – С. 5 – 24.

19. Линник Ю.В. О густоте нулей $L$-рядов / Ю.В. Линник // Известия АН СССР, сер.матем., 1946. – Т. 30. – № 1. – С. 35 – 46.

20. Чудаков Н.Г. Введение в теорию $L$-функций Дирихле / Н.Г. Чудаков. – М.: – Л.: Гос. изд-во технико-теоретической литературы, 1947. – 203 с.

21. Исматов С. Н. Аз таърихи тақсимшавии характерҳои Дирихле ва татбиқоти онҳо дар муаммоҳои гуногуни назарияи аналитикии ададҳо / С.Н. Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025. – № 3. – С. 101 – 111.

22. Нозиров О. О. О среднем значений функций Чебышева / О.О. Нозиров // ДАН РТ, 2019. – Т. 62. – № 11 – 12. – С. 613 – 618.

23. Нозиров О. О. Оценки линейных тригонометрических сумм с простыми числами на основе средних значений функций Чебышёва / О.О. Нозиров // Доклады НАН Таджикистна, 2020. – Т. 62. – № 11 – 12. – С. 747 – 755.

24. Исматов С. Н. Формирование и развитие теории чисел в Таджикистане / С.Н. Исматов // Вестник Таджикского национального университета, 2023. – № 4. – С. 33 – 42.

25. Исматов С. Н. Таҳқиқи муаммои Варинг дар Тоҷикистони муосир / С.Н. Исматов // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара, бахши илмҳои табиӣ, 2024. – № 4 (30). – С. 28 – 36.

26. Исматов С. Н. Муаммои Эстерман ва марҳилаҳои таҳқиқи он аз тарафи олимони тоҷик / С.Н. Исматов /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025. – № 5. – С. 50 – 57.

# ТАҲҚИҚ ВА ТАТБИҚИ ҚИМАТҲОИ МИЁНАИ ФУНКСИЯҲОИ ЧЕБИШЁВ АЗ ТАРАФИ ОЛИМОНИ ТОҶИК

Ҳангоми ҳал намудани як қатор муаммоҳои назарияи ададҳои сода доир ба рафтори қимати миёнаи функсияҳои Чебишёв аз рӯйи ҳамаи характерҳои Дирихле, тақсимшавии қиматҳои характерҳои Дирихле дар пайдарпайиҳои арифметикии намудҳои махсус, татбиқи онҳо барои баҳои суммаҳои тригонометрӣ бо ададҳои сода ва ҳосил намудани асимптотика барои миқдори ҳалҳои баъзе муодилаҳо ва муқоисаҳо бо ададҳои сода саволҳои гуногун пайдо мешаванд.

Мақола таърихи ба вуҷуд омадан ва мавриди омӯзиш қарор гирифтани ин муаммоҳоро дар бар гирифта, марҳилаҳои аз тарафи олимони тоҷик омӯхтан ва таҳқиқ гардидани онро баррасӣ менамояд. Дар мақола натиҷаҳои бадастовардаи олимони тоҷик таҳлил гардида, онҳо бо натиҷаҳои олимони машҳури ҷаҳон муқоиса карда мешавад. Дар омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала саҳми академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зарулло Ҳусенович Раҳмонов ва шогирдони ӯ хеле бузург буда, онҳо дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, ки ин натиҷаҳо дар кор ба таври муфассал дида баромада мешаванд.

**Калидвожаҳо:** *суммаи тригонометрӣ бо ададҳои сода, функсияи Чебишёв, L-қаторҳои Дирихле, ғалбери И. М. Виноградов.*

# ИССЛЕДОВАНИЕ И ПРИМЕНЕНИЕ СРЕДНИХ ЗНАЧЕНИЙ ФУНКЦИЙ ЧЕБЫШЁВА ТАДЖИКСКИМИ УЧЁНЫМИ

При решении ряда задач теории простых чисел, связанных с поведением среднего значения функций Чебышёва по всем характерам Дирихле, распределением значений характеров Дирихле в арифметических прогрессиях специальных видов, их применением для оценки тригонометрических сумм с простыми числами и получением асимптотики для числа решений некоторых уравнений и сравнений с простыми числами, возникают различные вопросы.

В статье рассмотрена история возникновения и изучения этих задач, этапы их исследования таджикскими учёными. Также в статье анализируются полученные таджикскими учёными результаты и проводится их сравнение с результатами известных мировых математиков. На изучение и исследование этой проблемы вклад академика Национальной Академии наука Таджикистана Зарулло Хусеновича Рахмонова и его учеников очень велика. Он получил рекордные результаты в этом направлении, которые подробно рассматриваются в работе.

**Ключевые слова:** *тригонометрическая сумма с простыми числами, функция Чебышёва, L-ряды Дирихле, решето Виноградова.*

# THE STUDY AND APPLICATION OF THE AVERAGE VALUES OF THE FUNCTIONS OF CHEBYSHEV TAJIK SCIENTISTS

When solving a number of problems in the theory of prime numbers related to the behavior of the mean value of Chebyshev functions over all Dirichlet characters, the distribution of values of Dirichlet characters in special types of arithmetic progressions, their application to estimating trigonometric sums with prime numbers, and obtaining asymptotics for the number of solutions of certain equations and congruences involving prime numbers, various questions arise.

The article examines the history of the emergence and study of these problems, as well as the stages of their investigation by Tajik scholars. It also analyzes the results obtained by Tajik researchers and compares them with the findings of prominent mathematicians worldwide. To study and study this problem, the contribution of the Academician of the National Science of Tajikistan Zarullo Khusenovich Rakhmonov and his students is very great, and he received record results in this direction, which are examined in detail in the work.

**Key words:** *exponentials sums with prime numbers, Tchebychev function, Dirichlet L-series, I.M. Vinogradov sieve.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Исматов Сайфулло Неъматович** – номзади илмҳои физикаю математика, ходими калони илмии Шуъбаи математикаи амалӣ ва механикаи Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: saifullo@mail.ru

**Каримзода Дониёр Ҷалил** – номзади илмҳои физикаю математика, ходими калони илмии Ш уъбаи алгебра ва назарияи ададҳои Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: khdj.91@mail.ru **Суроға**: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, бинои 299/4.

**Сведения об авторах: Исматов Сайфулло Неъматович** – кандидат физико-математических наук, старший научный сотрудник отдела прикладной математики и механики Института математики имени А. Джураева Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: saifullo@mail.ru

**Каримзода Дониёр Джалил** – кандидат физико-математических наук, старший научный сотрудник отдела алгебры и теории чисел Института математики имени А. Джураева Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: khdj.91@mail.ru **Адрес**: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, д. 299/4.

**Information about the authors: Ismatov Sayfullo Nematovich** – candidate of physical and mathematical sciences, senior researcher at the department of applied mathematics and mechanics A. Dzhuraev Institute of mathematics of National Academy of sciences of Tajikistan. E-mail: saifullo@mail.ru

**Karimzoda Doniyor Jalil** – candidate of physical and mathematical sciences, senior researcher at the department of algebra and number theory A. Dzhuraev Institute of mathematics of National Academy of sciences of Tajikistan. E-mail: khdj.91@mail.ru **Address**: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni st., 299/4.

УДК 72.03 (560)

# БАНЯ - ХАММОМ КАК УТИЛИТАРНО-БЫТОВАЯ ПОСТРОЙКА СРЕДНЕВЕКОВОГО ВОСТОКА[1]

**МУКИМОВ Р. С.,**
**Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ**

